# Афсонаҳои халқи тоҷик

# Афсонаҳои халқи тоҷик

**Нашриёти «Ношир»**
**Хуҷанд 2013**

ББК 82.3 (2Т)
А - 90

**АФСОНАҲОИ ХАЛҚИ ТОҶИК.** – Хуҷанд: Ношир, 2013. – 276 саҳ.

Нашри ҷадиди китоби «Афсонаҳои халқи тоҷик» бар асоси нусхаи нахустини он, ки дар соли 1957 рӯи чоп омадааст ва ҳамзамон бо истифода аз нусхаи дигари он, ки давоми солҳои баъдӣ мунташир шудаанд, бар асоси талабу дархости хонандагон ба дасти муштариёни хеш мерасад. Китоб фарогири гулчини афсонаҳое мебошад, ки ба масоили мухталифи рӯзгори инсонӣ, тарбияи ахлоқи ҳамида, тафсири муаммо ва мушкилоти ҳаёти одамӣ ва роҳҳои бартараф намудани онҳо, таблиғи оини ҷавонмардӣ ва ҷасорату қаҳрамонӣ, ки дар зимни он фазилатҳои ватандориву муҳаббат ба ҳифзи марзу бум талқин мешаванд, бахшида шудаанд. «Афсонаҳои халқи тоҷик» барои хонандагони сершумор, аз ҷумла кӯдакону наврасон манзур мегардад.

ISBN 978-99947-977-1-4

**© Нашриёти «Ношир», 2013 с.**

# АЗ НАШРИЁТ

Вуҷуди таърихии адабиёт ба ҳузури нахустин тасаввуроти инсон роҷеъ ба ҳастии фарогири ӯ - устура пайванди муҳкам дорад ва ҳаминривоёту асотири аввалия минбаъд барои ба миён омадани нахустин намунаҳои насри форсу тоҷик ба сурати афсонаҳо боис омадааст. Ҳарчанд аз мутолиаи осори гузаштагони мо равшан мегардад, ки осори буруномада аз асотиру ривоёт ба унвони насри ривоятӣ муаррифӣ гардида, бахши аъзами онҳо дар мустақилияти хеш ба унвони афсонаҳо низ маъруф шудаанд, аммо намунаҳои барҷастаи афсонаҳои миллии мо ҳамчун осори тарбиятӣ ба сӯи арзишҳои олии ахлоқи инсонӣ аз даҳон ба даҳон гузашта, ҳамчун сарвати бебаҳои адабиёти пурғановати миллати соҳибтамаддуни мо то имрӯз расидаанд. Воқеан, ҷои таъкид ва тазаккур аст, ки нақши афсонаҳо аз ҳар ҷиҳат барои тарбияи насли наврас, шурӯъ аз айёми кӯдакӣ то ҷавонӣ хеле муҳим ва муассир аст, чун нахустин маърифате, ки кӯдаки хурдсол дар бораи одаму олам пайдо мекунад, маҳз тавассути шунидани ҳамин афсонаҳо аз даҳони бузургсолон ҳосил мешавад. Шояд он нафароне ҳам, ки ба унвони ровиёни қиссаҳои насри ривоятӣ дар ин навъ кутуб зикр мешаванд, пеш аз ҳама, ҳамин афроди солманд ва бомаърифат будаанд, ки дар ҷойҳои махсус барои хурдсолон ин ҳикоёту ривоят ва нақлу афсонаҳоро бозгӯй мекарданд. Ҳамин гуна, нақши афсонаҳо барои ташаккули шуури маънавии кӯдакон дар ҳамаи давру замон бузург будааст ва имрӯз ҳам ҷомеа новобаста ба бархӯрдҳои фарҳанги техникӣ ва зуҳури ҷаҳонишавӣ ба таъсири файзбахши афсонаҳо дар андешаи кӯдакон бо ҳадафи таъмини маърифати бузурги инсонии онҳо ниёзманд аст. Сиёсати давлат дар бахши маориф, ки ҳоло ба раванди ислоҳи муассисаҳои томактабӣ ва фарогирии кӯдакон ба олами маърифат ва зебоӣ такя мекунад, маҳз бозгӯи ҳамин тафаккур аст, ки ҳоло давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон бо шарофати сиёсати маорифпарваронаи сарвари давлат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон барои ҳар чӣ бештар ба вижагиҳои хоси низоми маорифи миллӣ, ки сарчашма дар инсонгароии омӯзишу тарбият доранд, пайванд бахшидани равандҳои босуръати ниёзҳои маорифи ҷаҳонӣ ва татбиқи воҳиди ин ду унсури муҳим-суннатҳои маорифи миллӣ ва таҷаддуди низоми тарбия ва таҳсилот такя мекунад. Дар саргаҳи таҳаққуқи ин амалкард ва ҳадафи муҳими тарбияи ҷомеа, пеш аз ҳама, таваҷҷӯҳ ба парвариши маърифатӣ ва ахлоқии кӯдакон қарор дорад. Аз ин рӯ, нашру таблиғи афсонаҳои халқи тоҷик ҳамчун ёдгории беназири тарбиятгари миллӣ метавонад ба унвони яке аз муҳимтарин воситаҳои таъмини камолоти маънавии кӯдакону бачагон хидматгузор бошад ва ҷалби кӯдакон ба мутолиаи афсонаҳо ва истифода аз роҳу усулҳои ҷадиди фарогирии онон бо ин сарвати бебаҳои ақлонияти миллӣ дар ин росто беҳтарин омили таъсиргузор хоҳад буд.

Бо ҳадафи мусоидат дар ин амри муҳими тарбияи маънавии ҷомеа нашриёти «Ношир»-и шаҳри Хуҷанд тасмим гирифт, ки бо истифода аз нусхаҳои чопии

мавҷуд дар Тоҷикистон нашри ҷадиди китоби «Афсонаҳои халқи тоҷик»-ро мунташир созад. Тавре маълум аст, бори аввал бо кӯшиши донишманди тоҷик академик Раҷаб Амонов нахустин бор нашри нисбатан мукаммали китоби «Афсонаҳои халқи тоҷик» дар соли 1957 ба дасти чоп расид, ки дар кори таҳия ва таҳрири он аз корҳои дар ин арса анҷомдодаи устодони насри навини тоҷик Садриддин Айнӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Ҳаким Карим ва дигарон истифода шудааст. Минбаъд аксари нашрҳои баъдии китоби «Афсонаҳои халқи тоҷик» бо такя бар ҳамин матни мукаммали афсонаҳо рӯи чопро диданд. Бо гузашти шаш сол аз нашри ин китоб бо эҳтимоми устод академик Раҷаб Амонов муҷаддан китоби мазкур рӯи чопро дид.

Дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон бошад бар асоси нусхаи нахустини китоби мазкур соли 2004 нашри нави «Афсонаҳои халқи тоҷик» дастраси хонандагон гардид, ки маҷмӯан аз 120 афсона иборат буд. Ҳарчанд нашри нахустини китоби «Афсонаҳои халқи тоҷик» дар чаҳор бахш афсонаҳоро қисмат намуда буд, аммо ин нашр бо ҳамин шева афсонаҳои фарогири худро дар се қисмат ҷой додааст.

Бо гузашти наздик ба даҳ сол аз нашри ин китоб эҳсос мешавад, ки имрӯз зимни афзудани теъдоди аҳолӣ ва шумораи кӯдакони фарогири муассисаҳои томактабӣ ниёзмандии ҷомеа ба мутолиаи афсонаҳо меафзояд. Аз ин рӯ, пеш аз ҳама бо ҳадафи бароварда гардонидани ниёзҳои кӯдакон ва мактаббачагон нашриёти «Ношир» низ тасмим гирифтааст, ки ба нашри муҷаддади китоби «Афсонаҳои халқи тоҷик» иқдом намояд. Барои таҳия матни афсонаҳо, пеш аз ҳама, нашри нахустини китоби мазкур бар асос гирифта шуд, ҳарчанд дар мавориди зарурӣ аз нусхаҳои дигар истифода шудааст. Аз сабаби он ки сабки иншо ва китоби нашри аввалини «Афсонаҳои халқи тоҷик» аз ҳар ҷиҳат ба меъёрҳои забони фаҳмо ва фасеҳ барои кӯдакон мутобиқат дорад, дар аглаб маворид зимни таҳрири матни афсонаҳо ба он руҷӯъ шудааст. Ҳамзамон, дар ҷараёни таҳияи матни афсонаҳо гоҳо аз рӯи зарурат бархе аз вожагони номафҳум ва бар асоси меъёрҳои лаҳҷаву гӯйишҳои муайян китобатшуда бо ҳадафи ошноии кулли алоқамандон ва хонандагон дар поварақ тавзеҳ дода шудаанд. Афзун бар ин, дар ҷараёни таҳияи мутуни қаблӣ эҳсос гардид, ки баъзе номҳои ҷуғрофии мавҷуд дар афсонаҳо ба номи имрӯзини онҳо баргардонида шудааст. Аммо мо бо ҳадафи риояи суннати таърихияти сабт ва фароҳамоварии матни афсонаҳо асомии аслии таърихии онҳоро барқарор ва дар ҳошия никоти марбут ба онро тавзеҳ додем. Боқӣ, умед бар он дорем, ки чун ҳадафи аслии мо аз нашри китоби мазкур мусоидат дар дастрасии бештари кӯдакон ва наврасон ба ҷаҳони пурбуранги афсонавии зиндагонии мардуми хеш ва аз ин роҳ, тарбияи маънавии онон маҳсуб мешавад, нашри ин китоб метавонад дар ташаккули шуури ахлоқӣ, маърифат ва ҷаҳоншиносии кӯдакон ҳамчун ояндасозони ҷомеаи мо таъсири пурфайзе гузорад.

# ҚИСМИ ЯКУМ



# БУЗАКИ ҶИНГИЛАПО

Буд, набуд, як Бузаки ҷингилапо буд. Бузак се бача дошт. Номи якташ Алӯлак, дуюмаш Булӯлак, сеюмаш Хиштаки сари танӯр. Бузаки ҷингилапо ҳар рӯз ба чарогоҳ рафта истода, ба бачагонаш мегуфт:

– Алӯлакам, Булӯлакам, Хиштаки сари танӯракам! Ман ба чарогоҳ меравам, дар шохакам алаф, дар даҳонам об, дар пистонакам шир меорам. Дарро қулф карда дар хона шинетону ба ҳеҷ кас накушоетон!

Як рӯз баъди рафтани бузак ба таги дари хонаи ӯ Шағол омада, уллос кашида гуфт:

– Алӯли ман, Булӯли ман, Хиштаки сари танӯри ман, зудтар дарро кушоед!

Бузғолаҳо Шағолро аз овозаш шинохта, дарро накушоданд. Шағол ноилоҷ гашта рафт. Дере нагузашта, гург омад. Гург аз пушти хона истода, гапи Бузаки ҷингилапоро шунида буд. Вай монанди бузак овозашро маҳин карда гуфт:

– Алӯлакам, Булӯлакам, Хиштаки сари танӯракам! Дарро кушоед, дар шохакам алаф, дар даҳонакам об, дар пистонакам шир овардам!

Бузғолачаҳо гургро модарашон гумон карда, дари хонаро кушоданд. Гург ба хона тохта даромаду бузғолачаҳоро хӯрда, гурехта рафт.

Бегоҳӣ Бузаки ҷингилапо аз чарогоҳ омад. Дари хонаро кушода дид, ки на Алӯлак ҳасту на Булӯлак ва на Хиштаки сари танӯр. Бузак ҳайрон шуда, бача-

гонашро чег зад: Алӯлакам, Булӯлакам, Хиштаки сари танӯракам, куҷоед? Дар шохакам алаф, дар даҳонам об, дар пистонакам шир овардам!

Аз ҳеҷ ҷо овози бузғолаҳо набаромад. Бузак зор-зор гириста, ба худ мегуфт, ки боз бачагонамро саг нахӯрда бошад? Вай ба хонаи саг рафта, ба болои бомаш баромада, бо пойҳояш дук-дук зад. Саг шунида пурсид:

– Кист дар бомаки ларзонаки ман?
Хок мерезад ба ошаки явғонаки ман,
Ошаки явғонаки ман шӯр шуд,
Меҳмонаки азизи ман кӯр шуд!

Бузак ҷавоб дод:

– Манам Бузаки ҷингилапо!
Мезанам бо ҳар ду по.
Кӣ бурдааст Алӯли ман?
Кӣ хӯрдааст Булӯли ман?
Хиштаки сари танӯри ман?
Кӣ тиру камон дорад?
Кӣ мебарояд ба ҷанги ман?

Саг аз тарс думашро хам карда, ларзон-ларзон гуфт:

Нахӯрдаам Алӯли ту,
Нахӯрдаам Булӯли ту,
Надидаам Хиштаки сари танӯри ту,
На тиру камон дорам.
На мебароям ба ҷанги ту!

Эй бузак ту нағз медонӣ, ки ман душман не, посбони бузу гӯсфандонам. Бачагонатро Шағол хӯрдагист, ба пеши шағол бирав!

Бузак ба пеши шағол рафт ва ба боми хонаи вай баромада, бо پояш дук-дук зад.

Шағол дук-дукро шунида пурсид:

– Кист дар бомаки ларзонаки ман?
Хок мерезад ба ошаки явғонаки ман,
Ошаки явғонаки ман шӯр шуд,
Меҳмонаки азизи ман кӯр шуд!

Бузак овозашро баланд карда гуфт:

– Манам Бузаки ҷингилапо!
Мезанам бо ҳар ду по.



Кӣ бурдааст Алӯли ман?
Кӣ хӯрдааст Булӯли ман?
Хиштаки сари танӯри ман?
Кӣ тиру камон дорад?
Кӣ мебарояд ба ҷанги ман?

Шағол гапи бузакро шунида, аз тарс ларзида гуфт:

– Набурдаам Алӯли ту,
Нахӯрдаам Булӯли ту,
Надидаам Хиштаки сари танӯри ту,
На тиру камон дорам.
На мебароям ба ҷанги ту

Бачагонатро Гург хӯрдааст, ба пеши Гург бирав!

Бузак ба ҳавлии Гург рафта, ба боми хонааш баромаду ба ғазаб пой кӯфтан гирифт.

Гург бо қаҳр пурсид:

– Кист дар бомаки хонаи ман?
Хок мерезад ба ошаки серравгани ман!
Ошаки серравгани ман шӯр шуд,
Меҳмонаки азизи ман кӯр шуд!

Бузак хашмгин шуда, сахттар дук-дук кард:

– Манам Бузаки ҷингилапо!
Мезанам бо ҳар ду по.
Ту хӯрдаӣ Алӯли ман?
Ту хӯрдаӣ Булӯли ман?
Хиштаки сари танӯри ман?
Агар дорӣ тиру камон,
Баро тезтар ба ҷанги ман?

Гург мағрурона қоҳ-қоҳ хандида, ҷавоб дод:

– Ман хӯрдаам Алӯли ту!
Ман хӯрдаам Булӯли ту!
Хиштаки сари танӯри ту!
Мебароям ба ҷанги шохи ту!

Гург аз хонааш баромад. Ҳар ду ба ҳамин қарор омаданд, ки аввал ба пеши усто рафта, буз шохашро тез карда биёяд, гург дандонашро.

Бузак ба хонааш омад, аз шираш кулчаҳои қаймоқӣ пухт ва ба назди усто рафта, хоҳиш кард:

– Усто, усто! Шохҳоямро тез кунед, ба шумо кулчаҳои қаймоқӣ овардам.

Ба усто кулчаҳои қаймоқӣ бисёр маъқул шуд ва ӯ бо чархаш шохҳои бузро аз алмос ҳам тезтар карда монд.

Гург поида истода буд, ки Бузак ба усто чӣ савғотӣ мебурда бошад. Дид, ки Бузак хок барин чизи сафедро ба оби сафед андохта, хамир карда, кулча сохт, Гург ҳам кофта-кофта, аз ким куҷо хоки сафед ёфт, аз таги шаршара оби сафед гирифт, хамир карда кулча сохт ва онро дар офтоб хушконда, ба назди усто бурда гуфт:

– Усто, усто! Дандонҳоямро тез кун, ба ту кулчаҳои қаймоқӣ овардам!

Усто кулчаҳои гургро гирифту дам назада, дандонҳои гургро якта-якта кашида, ба ҷояш пундона шинонд. Гург хурсанд шуда, ба ҷанги Бузак рафт ва ҳавобаландӣ карда гуфт:

– Бузак, Бузак, аввал ту бизан, то ки бо армон намурӣ!

Бузак бошад, хоксорона гуфт:

– Аввал ту бизан!

Гург аз дур давиду бо дандонҳои пур аз чигит ба Буз ҳамла кард шиками Бузакро газид, аммо як мӯи Бузак ҳам озор наёфт.

Баъд Бузак аз дур давида, бо шохҳои тези алмосиаш ба шиками Гург зад. Шиками Гург кафида, аз даруни он Алӯл, Булӯл ва Хиштаки сари танӯр зиндаю саломат баромаданд.

Бузғолаҳо шоду хурсанд шуда, ҳамроҳи модарашон давон-давон ба хонаашон рафтанд.

# САЪБА ВА ФИЛ

Буд, набуд, як Саъба буд. Вай дар шохи дарахт лона сохту тухм карда, бача баровард. Рӯзе, як Фил омада худро ба дарахт молидан гирифт. Дарахт сахт ларзид, хонаи Саъба вайрон шуд, бачаяконаш гирён шуданду афтида нобуд шуданд.

Саъба дар ҳаққи бачаяконаш зор-зор гиря кард.

Чанд вақт гузашт, боз Саъба лона сохту тухм монд, бача баровард. Боз ҳамон Фил омад. Омаду худро ба дарахт молидан гирифт, дарахт ларзид, хонаи Саъба вайрон шуд, бачаҳояш афтода нобуд шуданд.

Саъба ин дафъа тоқат карда натавониста, доду фарёдкунон гуфт:

– Эй Фили бераҳм, хонаамро вайрон, бачаҳоямро нобуд кардӣ?

Акнун ман туро бечазо намемонам!

– Ой чондорак, ту бо ин хурдиат чӣ ҳақ дорӣ, ки бо мани бузург ин хел гуфтугӯ мекунӣ? Рав, ҳар чӣ аз дастат биёяд, кардан гир!

Саъба бо чашми пуробу бо дили кабоб ба назди ошнои худ Зоғ рафт. Зоғ ӯро дар ин ҳол дида пурсид:

– Ба ту чӣ шуд, чаро гиря мекунӣ?

– Ой Зоғи доно, – гуфт Саъба, ба ман ёрӣ кун. Фил хонаамро вайрон, бачаҳоямро нобуд кард. Ба вай зӯрам намерасад, чӣ кор кунам.

Оре, Фил кори ганда кардааст, танбеҳи ӯро додан даркор. Ман як дӯст дорам, биё, ба хонааш меравем, маслиҳат мекунем.

Дӯсти Зоғ Занбӯр буд. Зоғу Саъба ба хонаи вай рафтанду воқеаро гуфта доданд. Занбӯр ҳам ба кори Фил ҳайрон шуду роҳи танбеҳ доданро фикр карда гуфт:

– Ман як ошно дорам, биёед ба хонааш меравем, маслиҳат мекунем. Ошнои Занбӯр Қурбоққа буд, ба хонаи вай рафта, ҳар чор маслиҳат карда, ба як қарор омаданд. Занбӯр як гала шариконашро ҷеғ зада омад. Ҳама ба назди Фил равон шуданд. Ба пеши Фил расиданду ҳамон Занбӯр ба гӯши Фил даромада, ба газидан сар кард. Фил аз дард бетоқат шуд, якпаҳлӯ хоб карда, гӯши худро ба замин молид. Дар ҳамин вақт занбӯрҳои дигар ба тамоми бадану гирду атрофи чашмони ӯ неш задан гирифтанд. Пилки чашмони Фил варам кард, вай нобино шуда, чанд вақт наҷунбида хобид. Баъд хеле ташна монда аз хоб бедор шуд.

Ҳамин вақт Қурбоққа як гала хешу табораашро ҷамъ карда, ба лаби ҷарӣ рафту ҳамаашон «қур-қур»-кунон ба хондан даромаданд. Фил дар ҷустуҷӯи об ба сӯи овози Қурбоққа рафта, ба лаби ҷарӣ расид. Вай қариб ғалтида буд, ки боз Зоғ дар гирди сараш парвоз карда гуфт:

– Эй Фил, қафо гард, ба ҷарӣ меғалтӣ! Фил саросема қафо гашт. Боз қурбоққаҳо он тарафтар рафта, қур-қур карданд. Фил «Ҳа, об он ҷо будааст» гуфта, боз ба пеши Қурбоққа, ба лаби ҷарӣ омада монд. Вай қариб ғалтида буд, ки боз Зоғ дар гирди сараш парвоз карда, гуфт:

– Эй Фил, қафо гард, ки ба ҷарӣ меғалтӣ!

Ҳамин хел чанд бор қурбоққаҳо Фили ташнаро ба лаби ҷарӣ бурданду Зоғ ӯро аз роҳи хатарнок гардонд.

Даъфаи охир Фил ба сӯи ҷарӣ омада монда буд, ки варами пилкҳои чашмонаш кам шуданд, як чашмаш нимроғ кушода шуд. Дид, ки дар ҳақиқат, дар лаби ҷарӣ истодааст. Вай саросема қафо гашт. Ин лаҳза Саъба рӯ ба рӯяш парвоз карда гуфт:

– Эй Фил, ту ба таманнои бузургиат аз худ рафта, хонаяки маро вайрон, бачаҳоямро нобуд кардӣ. Ту гумон кардӣ, ки барои ин хел корҳоят ҷазо намебинӣ. Ана акнун, фаҳмидӣ, ки агар мо майдагон иттифоқ бандем, ту барин ҷондори бузургро нобуд карда метавонем.

– Фаҳмидам, – гуфт Фил, – дигар ҳеҷ вақт ин хел намекунам.

Ана, аз ҳамон вақт сар карда, Фил ба ин қадар бузургиаш нигоҳ накарда, як ҳайвони хушфеълу безарар шуда монд.



# ГУРГИ НОДОН

Будааст, набудааст, як Гург будааст. Вай бисёр дара ба дараю саҳро ба саҳро гашта, дар ҳеҷ ҷо хӯрок наёфтааст. Охир аз гуруснагӣ чунон хароб шудааст, ки базӯр роҳ мерафтааст. Як рӯз ғамгину маъюс рафта истода будааст, ки дар роҳ ба як Бузак вохӯрдааст.

– Оҳ, Бузаки ҷонон! – гуфтааст Гург, – ман туро ёд кардам, ки ҳеҷ вақт, дар ҳеҷ ҷо ягон ҷонвари дигарро ин қадар ёд накардаам.

– Аз ин гапҳоят маълум, ки ту маро хӯрдан мехоҳӣ, – гуфтааст Бузак, – аммо ба ту гуфтанам даркор, ки ҳозир гӯшти ман бемазза. Агар розӣ бошӣ, ин ҷо ист, ҳӯ ба он тарафи кӯҳ гузашта, зираю пиёз хӯрда меоям, он вақт гӯштам хеле бомазза мешавад, кайф карда мехӯрӣ!

Гург ба гапҳои Бузак бовар карда, розӣ шудааст. Бузак бошад, рафтаасту дигар гашта наомадааст.

Гург «Ин барои чӣ наомад?» гуфта, ба ақиби кӯҳ гузашта дидааст, ки дар он ҷо на Буз ҳасту на пиёз. Гург пушаймон шуда гуфтааст:

Эй Гурги нодон,
Аҳмаку нодон.
Дидӣ, ки Бузак,
Бихӯр бомазак!
Гӯшт-ку тайёр!
Зира чӣ даркор?
Наход бе пиёз,
Гӯшти нағзу соз,
Бемазза бошад,
Белаззат бошад?!
Хӯрок надорӣ,
Ҳам бемадорӣ,
Акнун медонӣ?
Мурда мемонӣ!

Гурги гурусна боз дар ҷустуҷӯи хӯрок равон шудааст. Лекин базӯр роҳ мерафтааст, аз бемадорӣ пойҳояш печутоб мехӯрдаанд; чашмонаш хира мешу-

даанд. Мушу калламушҳо аз хонаҳояшон сар бароварда, Гурги харобу бемадорро дида, масхара мекардаанд.

Аз болои сари Гург Зоғу Шӯрнӯл парида гузашта, «Ин ҳамин замон мемураду дар болои мурдааш базм мекунем», – гуфта қар-карркунон механдидаанд. Ногоҳ аз пеши Гург як Асп баромадааст.

– Туро Худо ба ман расонд, – гуфтааст Гург пеши Аспро гирифта.

– Ту маро хӯрдан мехоҳӣ? – пурсидааст Асп, – ин хел бошад, ба ту гуфтанам даркор, ки ман ба як ҷо хат бурда истодаам, ин хат тақдири як галлаи аспонро ҳал мекунад. Агар як дамакак ин ҷо истӣ, зуд гашта меоям, ту маро мазза карда мехӯрӣ.

– Ту ҳам Бузак барин маро фиреб доданӣ ҳастӣ? – гуфтааст Гург. – Ту хатпат надорӣ. Дурӯғ мегӯӣ!

– Дорам! – гуфтааст Асп.

– Дошта бошӣ, нишон деҳ! – талаб кардааст Гург.

– Вай дар таги пои рости ақибам, – гуфтааст Асп, – бовар накунӣ, омада худат хонда бин!

Гург ба ақиб гузашта, ба таги пои рости Асп нигоҳ карданӣ шудааст. Асп бошад, гӯшашро сих кардааст ва ҳамин, ки Гург сарашро хам карда, ба таги пои росташ нигоҳ карданӣ шудааст, чунон ба манаҳаш лагад задааст, ки ҳамаи дандонҳояш шикаста рехтааст. Гург беҳуш шуда ғалтида мондааст. Асп хандида, чорхез зада, гурехта рафтааст.

Гург баъди чанд вақт ба ҳуш омада дидааст, ки ҳам Асп аз даст рафтаасту ҳам бедандон шуда мондааст. Вай нолону гирён шуда, худ ба худ ҳасрат карда гуфтааст:

Эй Гурги нолон,
Аҳмақу нодон!
Аз дур дидӣ Асп,
Даррав раву часп!
Ту на хатхонӣ,
Балки нодонӣ.
Аз гуруснагӣ,
Мурда мемонӣ!

Гург ҳарчанд зӯр задааст, аз ҷояш хеста натавониста, аз гуруснагӣ мурда мондааст.

# СЕ САГУ ЯК ГУРГ

Рӯзе се саг як Гургро дар қарибиҳои деҳа дида, таъқиб карданд. Сагон забонҳояшонро бароварда, беист аз қафои Гург медавиданд. Гург мегурехту сагҳо медавиданд. Давиданд, давиданд, охир Гургро мадори тохтан намонд. Хаставу бемадор ба сари баландӣ баромаду ду пои қафояшро ба тагаш гирифта нишасту ба сагҳо рӯ оварда гуфт:

– Истед! Канӣ бигӯед, ки чаро шумо маро пеш карда истодаед?

Ин гап сагҳоро ҳайрон кард: дарвоқеъ, чаро онҳо худро ба азоб монда, Гургро таъқиб карданд? Сагҳо дар муқобили Гург боз истода, ба фикр рафтанд.

– Ту Саги кӣ? – дандонашро дурахшонида Гург аз Саги сиёҳ пурсид.

– Ман Саги чӯпон, – ҷавоб дод Саги сиёҳ.

– Ту Саги кистӣ? – пурсид Гург аз Саги хокистарранг.

– Ман Саги як қассоб, – ҷавоб дод Саги хокистарранг.

– Хуб, – гуфт сарашро ҷунбонида Гург. Пас ӯ ба саги зард рӯ оварда пурсид:

– Хӯш, ту Саги кистӣ?

– Ман Саги кулол, – ҷавоб дод Саги зард.

Баъд аз он Гург ба Саги сиёҳ рӯ оварда гуфт:

– Ту, Саги сиёҳ, ҳақ дорӣ, ки маро пеш кунӣ, зеро ман аз рамаи соҳиби ту гӯсфанд рабудаам.

Саги сиёҳ гуфтаи Гургро тасдиқ кард.

– Ту, Саги хокистарранг ҳам ҳақ дорӣ ба ман дарафтӣ, – гуфт, – зеро ман рӯдаву резгӣ ва устухонҳои молҳои куштаи соҳиби туро кам нахӯрдаам.

Саги хокистарранг ҳам гуфтаи Гургро сар ҷунбонида тасдиқ кард.

Сипас Гург ба Саги зард нигоҳ карда гуфт:

– Ту, ки Саги кулол ҳастӣ, чӣ ҳақ дорӣ, ки маро таъқиб кунӣ? Магар, ман косаю табақи соҳибатро хӯрдаам?

Саги зард шарманда шуда, сарашро хам карду роҳи гурезро пеш гирифт. Саги хокистарранг ҳам «барои рӯдаву резгӣ Гургро пеш карда гаштани ман чӣ лозим буд?!» – гӯён, ба роҳи омадагиаш рафт. Саги сиёҳ танҳо монда, «Як худи ман гургро чӣ кор карда метавонам?!» – гӯён, низ аз паи шариконаш рафт.

Гурги доно бошад, ба ҳоли Сагони нодон хандида, аз паи ризқу рӯзиаш рафт.

# ХУРӮСИ ЗИРАК

Шағоле гушнаю ғамгин дар фикри сайде буд. Хурӯсакро дид, ки дон чида гаштааст. Шағол оҳиставу боэҳтиёт ва бесадо ба сӯи Хурӯсак қадам зад. Хурӯсаки ҳушёр пай бурд, ки шағол меояд, фиррӣ париду ба сари девор нишаст.

Шағол пеши девор омада гуфт:

– Дӯсти азиз, Хурӯсак, магар тарсидӣ ё ҳазар кардӣ, ки маро дида, парида ба сари девор нишастӣ?

– Кай боз ту, Шағол, ба ман дӯсти азиз шудай?! Тамоми олам медонад, ки ҷинси ту ҳамеша дар фикри шикори мурғон аст. Барои мо мурғон қаттолтар аз ту душмане нест.

– Тамоми олам мегӯию худ аз корҳои олам бехабарӣ, – гуфт Шағол.

– Он чӣ корҳо будааст, ки ман бехабар мондаам? – пурсид Хурӯсак.

– Ин пагоҳ ҷонварон ҷамъ шуда, маҷлис оростанд. Пешниҳод шуд, ки байни ҷонварон, хоҳ вай даранда бошад ё паранда, хазанда бошад ё чаранда, душманӣ барҳам хӯраду сулҳу дӯстӣ барқарор шавад: гург ҳамроҳи гӯсфандон гардад, гурба ҳамроҳи муш, саг ҳамроҳи гурба, рӯбоҳ ҳамроҳи мурғ. Фаҳмидӣ? Ту бошӣ, аз дунё бехабар, маро дидию ҳаросида гурехтӣ.

– Ман аз қарори маҷлис огоҳ нестам, то ба гӯши худ нашунавам, бовар намекунам, – гуфт Хурӯсак.

– Ман ба ту гуфтам-ку! – оташин шуд Шағол.

– Кадом Хурӯс ба Шағол бовар кардааст, ки ман ба ту бовар кунам?!

– Бовар намекунӣ, фаро ман ба ту даст намезанам, – гуфт Шағол.

– Пеши ту фуроям? Ман ку, ба пеши ту мефуроям, лекин аз боло мебинам, ки ба ин тараф як тӯда сагон меоянд. Аз саги газанда кӣ наметарсад? Ба онҳо бовар кунам? – гуфт Хурӯс.

Шағол номи сагонро шунида, шитобон роҳи гурезро пеш гирифт.

– Ҳо, Шағол куҷо мегурезӣ? – пурсид Хурӯсак. – Магар, байни парандаю ҳайвонот сулҳ эълон нашудааст?

– Ба хаёлам, сагон дар бораи сулҳ хабаре надоранд, – гуфт Шағол ва дар як он аз назар ғоиб шуд. Хурӯсак бо ҳамин тадбир худро аз чанголи Шағоли фитнаангез халос кард.



# РӮБОҲИ МАККОР ВА ГУРГИ НОДОН

Буд, набуд, як Рӯбоҳ буд, аз ҷумлаи рӯбоҳҳои ҳушёру маккору аз кор безору ба хӯрдан тайёр. Ҳаминаш аҷиб буд, ки ҳар чи мехост, мешуд, ҳар чӣ мекофт, меёфт. Рӯзе боғе дарёфт, аҷаб нозанин, сабзу хуррам, себзору токзор, ангурҳояш рангобаранг.

– Худо дод! – гуфт Рӯбоҳ ва нисфишабӣ расида омаду аз обмӯрии таги девор гузашта, худро ба ҷӯяки ток гирифт. Қанд барин ширин буд ангури сурсурхи соҳибӣ, аз он ширинтар ангури ҳусайнию дороӣ. Хӯрд-хӯрд, аз серӣ маст шуду «шикамам сер шуд, ғамам дур шуд» – гӯён, рӯи сабзаи фораму мулоим ғел зад. Ин сӯ ғел зад, он сӯ ғел зад, он чӣ хӯрда буд, ҳазм шуд, боз хӯрду дароз кашид ва саҳарӣ чашми рӯз кушода нашуда, бо вақти хуш баромада рафт.

Чанд шаб кайфу сафое дошт рӯбоҳ дар он боғи пур аз меваҳои лазиз. Соҳиби боғ ҳар саҳар дар боғи худ осори тороҷу ғорат, сарҳои ангури нимним хӯрда ба чор тараф партофта, гулу сабзаи помол шудагиро дида, хуни дил мехӯрд. Билохира, ӯ дар қасди ҷазо додани ғоратгар шуд. Доме ба даст оварду думбаи гӯсфандро илҳоқ карда, сари марза гузошт.

Рӯбоҳ шаб омаду дар сари роҳаш думбаро дид. Думбаи пӯсткандаи сапсафеди мулоим, равғани хушмаззаи картро дида, иштиҳояш карнай шуд, даҳонаш об кушод, ишкамаш танбӯр навохт. Хост аз думба порае барканад, вале худро нигаҳ дошт: «Фирефтаи нафс машав, ки гирифтори дом хоҳӣ шуд!»

Аммо думба кори худро карда буд: дилаш дигар танҳо думба металабид, ангур ба назараш туршу бемаза менамуд.

«Ту аз ҷинси дарандаҳоӣ, эй Рӯбоҳ! – гуфт дилаш. – Гӯшт бояд бихӯрӣ, на ангур!». Ба думба чашм дӯхта буду оби даҳонашро фурӯ мебурд. Беист лаб мелесид. «Чӣ кор кунам, ки даҳонам ба ин равғани карт бирасаду дандонҳоям, ки кайҳо боз гӯшт нахоидаанд, ин равғани ҷонбахшро бихояду рӯдаҳои хушкшудаам мулоим шаванд?» Бо ҳамин хаёл аз боғ берун рафт. Пойҳояш рост ӯро ба хонаи Гург расониданд. Аввал тарсида як қад париду баъд дилаш якбора равшан шуд: «Парвардигор оҳи дили маро шунид».

Гург Рӯбоҳро дида хурсанд шуд:

– Марҳамат, марҳамат, меҳмони азиз, – гуфт. – Кайҳост, ки дар орзуи дидори ту будам, магар Худо фармудааст, ки бо пои худ ба пеши дарам омадӣ,

даро, натарс, дандонҳоям алмос барин, чунон боэҳтиёт меҳӯрамат, ки ягон ҷоят озор намебинад.

– Нияти бад накунед, паҳлавон! – гуфт Рӯбоҳ, – Ман бо нияти нек ба пеши шумо омадам.

– Бори аввал мебинам, ки махлуқе аз зоти Рӯбоҳ бо нияти пок пеши мо, гургон омадааст. Агар гаразе дар дил намедоштӣ, ин ҷо намеомадӣ.

– Савганд ба рӯҳи муқаддаси саравлоди зоти Рӯбоҳ, ки маро ғаразе дар дил нест, – гуфт Рӯбоҳ.

– Аҳмақ аст оне, ки ба савганди ту, рӯбоҳ, бовар кунад! – хитоб кард гург.

– Ҳеҷ гумон накарда будам, ки шумо ба ин андоза бадгумон ҳастед. Ба ман бовар накунед, ба чашми худ бовар мекунед? Ман омадам шуморо ба боғе таклиф кунам, ки саросар сабзу хуррам асту файзбор, меваҳое дорад, ки дар ҷаҳон нест. Ва дар он ҷо думбае ҳаст: бузург, сап-сафед!

Даҳони гург аз шунидани номи думба об кушоду ҳамаро фаромӯш карда, ҳамроҳи Рӯбоҳ равон шуд. Омад, думбаро диду бо ҳирси тамом худро ба болояш андохт ва нафаҳмида монд, ки чӣ хел ду пои пешаш гирифтори дом шуд. Худро ба ақиб кашид, ба чапу рост зад, бефоида. Қариб буд, ки пойҳояшро шиканад.

– Эй Рӯбоҳ, – гуфт Гург, – ту зиракӣ. Илоҷи ҳар корро меёбӣ, бигӯ чӣ кор кунам, ки пойҳоям раҳо шаванд.

Рӯбоҳ гуфт:

– Ту паҳлавон ҳастӣ, қуввати зиёд дорӣ, зӯр зан, халос мешавӣ.

Гург бо тамоми қувва ончунон зӯр зад, ки пойҳояш шикастанду аз ҳуш рафт. Гург, ки аз ҳуш рафт, Рӯбоҳ пеш омада, серӣ думба хӯрду ба ҳоли Гург хандида баромада рафт.

# РӮБОҲ ВА ЛАКЛАК

Як замоне Рӯбоҳ ва Лаклак бо ҳам дӯст буданд.

Як рӯз Лаклак ба хонаи Рӯбоҳ меҳмон шуда омад. Рӯбоҳ хурсанд шуду ҳадаҳа шӯла пухт, ба табақ кашида пеши меҳмонаш гузошт.

– Марҳамат, ҷӯраҷон, бо иштиҳо бихӯр, ки ман шод шавам, – гуфт Рӯбоҳ ба Лак-лак.

Лаклаки бечора ба табақ нӯл зад – нӯл зад, аммо бо нӯли борику дарозаш натавонист қадре бошад ҳам, шӯла хӯрад.

Рӯбоҳ бошад, шӯларо дар як дам хӯрду табақро лесида, ба Лаклак гуфт:

– Ҷӯраҷон, ками маро ба ҷои зиёд қабул кун, ҳар чи доштам пешат гузоштам.

– Маро иззат карда, заҳмат кашида, таом пухтӣ, сад ташаккур! – гуфт Лаклак, – Фардо, албатта, ба хонаи ман биё.

Рӯбоҳ «аз дӯст як ишора, аз мо ба сар давидан» – гуфта, рӯзи дигар ба хонаи Лак-лак меҳмон шуда омад. Лаклак хуш қабулаш карду ба пешаш як кӯзачаи дарози гарданборике оварда монд.

– Ҷӯраҷон, – гуфт, – саҳарӣ хеста оши угро пухтам, аҷаб болаззат аст ин ош, бихӯр, кайф кун!

Рӯбоҳ ҳарчанд кард, аз кӯзаи гарданборик қадре ҳам хӯрда натавонист.

Лаклак бошад, нӯли дарозашро ба даруни кӯза даровarda, ба осонӣ кӯзаро холӣ кард.

Рӯбоҳ бо шиками гушна ба хонааш омад. Бо ҳамин дӯстии Рӯбоҳу Лаклак тамом шуд.



# РӮБОҲ

Будааст, набудааст, як Рӯбоҳ будааст. Вай доим мурғҳои деҳаро дуздида мебурдаасту хӯрда мегаштааст. Рафта-рафта Рӯбоҳ пир шудааст, дигар дуздӣ кардан наметавонистаасту фиребу ҳиларо пеша гирифтааст. Як рӯз саҳарии барвақт хеста, ба даст асо гирифта, ба деҳа омадааст. Омада дидааст, ки як Хурӯс дар сари девор «қу-у-қу-қу-қу-у-у!»-кунон одамонро бедор мекунад.

Хурӯс Рӯбоҳро дида гуфтааст:

– Қуд-қуд-қуд. Эй Рӯбоҳи маккор, асо ба даст гирифта, худро ба пирӣ задаӣ, мехоҳӣ ҷондоракеро дошта хӯрӣ?

– Эй Хурӯс ин тавр нагӯй, – гуфтааст Рӯбоҳ, – ман дар ҳақиқат пир шудаам, тавба кардаам, дигар ягон ҷондорро озор намедиҳам. Боғе дорам, мисли бӯстон, токзору мевазор, арзану гандум пухта рехта хоб рафтааст, боз ба ман чӣ даркор?!

– Рӯбоҳ, ҳамин гапат рост? – пурсидааст Хурӯс.

– Албатта рост, – ҷавоб додааст Рӯбоҳ, – наход, ки ман дар ин пирӣ, ки як поям ба лаби гӯр расидааст, гапи дурӯғ гӯям! Хурӯс ба гапи Рӯбоҳ бовар карда гуфтааст:

– Ҳой, Рӯбоҳ, маро ба боғат намебарӣ, ки каме тамошо кунаму гандум хӯраму шикамамро нағзакак сер кунам?

– Барои чӣ намебарам, мебарам! – гуфтааст Рӯбоҳ. Хурӯс аз сари девор фаромада ҳамроҳи Рӯбоҳ рафтааст. Рафта истода будаанд, ки як Мурғ аз пеш баромадаасту «қуд-қуд-қуд!» – гӯён, парида, ба шохи дарахт нишаста, «Эй Рӯбоҳи шайтоне! – гуфтааст. – Хурӯсро фиреб карда, хӯрданӣ бурда истодаӣ?!». Рӯбоҳ дам назадаасту Хурӯс гуфтааст:

– Эй Мурғ, ин тавр нагӯ, Рӯбоҳ пир шудааст, тавба кардааст, дигар ягон ҷондорро озор намедиҳад. Вай боғе дорад мисли бӯстон, токзору мевазор, арзану гандум пухта, рехта хоб кардааст, мо ба боғи вай меравем.

– Рӯбоҳ ҳамин гап рост аст? – пурсидааст Мурғ.

– Албатта, рост – ҷавоб додааст Рӯбоҳ. – Наход, ки ту ба гапи хешат бовар накунӣ?

Мурғ фикр кардаасту гуфтааст:

– Маро ҳамроҳ намебаред?

– Чаро намебарем, мебарем, – гуфтаанд Рӯбоҳу Хурӯс. Ҳар се рафта истода будаанд, ки як Бедона фиррӣ карда, аз пешашон паридааст. Паридаасту ба сари як теппача нишаста гуфтааст:

– Э-э-э Рӯбоҳи шайтоне, Хурӯсу Мургро фиреб карда, хӯрданӣ бурда истодааст. Хурӯсу Рӯбоҳ чизе нагуфтаанду Мурғ гуфтааст:

– Эй Бедона, ин тавр нагӯй, Рӯбоҳ пир шудааст, тавба кардааст, ки дигар ягон ҷондорро азобу озор намедиҳад. Вай боғе дорад мисли бӯстон, токзору мевазор, арзану гандум пухта, рехта хобидааст. Мо ҳоло ба боғи вай меравем.

– Эй Рӯбоҳ, ҳамин гап рост аст? – пурсидааст Бедона.

– Албатта, рост, – гуфтааст Рӯбоҳ, – наход, ки ту ба гапи ошноҳоят бовар накунӣ?!

Бедона фикр кардаасту гуфтааст:

– Маро ҳамроҳ намебаред? Ман ҳам тамошо кунаму як боракак серӣ арзан хӯрам.

– Магар намебарем, биё ҳамроҳи мо! – гуфтаанд Рӯбоҳу Хурӯсу Мург. Чорта шуда рафтан гирифтанд, хеле роҳ рафтанд, баъд Рӯбоҳ гуфтааст:

– Мани пир монда шудам, як вақтҳо дар ҳамин наздикӣ як хонача доштам, равем камтар дам гирем. Хурӯсу Мурғу Бедона розӣ шуда, аз пушти Рӯбоҳ рафтанд.

Рӯбоҳ онҳоро ба лаби ғор оварда гуфтааст:

– Канӣ марҳамат. Дароетон меҳмонони азиз.

– Аввал шумо дароед, шумо аз мо калонтаред, – гуфтааст хурӯс.

– Не-не! – гуфтааст Рӯбоҳ. – Ин хонаи ман, шумоён меҳмонед, аввал шумо дароетон. Хурӯсу Мургу Бедона ба ғор даромаданд. Рӯбоҳ дар даҳани ғор нишастаасту ба Хурӯс гуфтааст:

– Канӣ Хурӯс ягон ҳикоя гӯй, гӯш кунем.

– Ман ҳикояро намедонам, шумо гӯед, ки солхӯрдаю дунёдида ҳастеду бисёр чиз медонед, – гуфтааст Хурӯс.

– Ҳикояро, ки надонӣ, – гуфтааст Рӯбоҳ, – барои чӣ ҳар саҳар «қу-қу» – гӯён одамонро бедор мекунӣ?! Барои ин кори носавобат, ту медонӣ чӣ ҷазо мебинӣ?!

– Чӣ ҷазо? – пурсидааст Хурӯс тарсидаю ларзида.

– Ҷазои ту мурдан! – гуфтааст рӯбоҳ. Сонӣ Рӯбоҳ ба Мурғ рӯ оварда гуфтааст:

– Эй мурғ, ягон ҳикоя гӯй, гӯш кунем.

– Ман ҳикояро аз куҷо медонам? – тарсону ларзон гуфтааст Мурғ, – шумо гӯед, ки зираку донишманд ҳастед.

– Ҳикояро, ки надонӣ, – гуфтааст Рӯбоҳ, – барои чӣ ҳар вақт, ки тухм мезоӣ, тамоми овозатро сар дода «қуд-қуд-қуд»-кунон гӯши одамонро кар мекунӣ?!

– Ҷазои ман ҳам мурдан будааст-дия, – аз ҷонаш умедашро канда, гуфтааст Мурғ.

– Ҳа, мурдан, – ҷавоб додааст Рӯбоҳ. Баъд Рӯбоҳ ба тарафи Бедона рӯй оварда гуфтааст:

– Ту ҳам айбдор ҳастӣ Бедона!

– Не! – гуфтааст Бедона, – ман як ҷуфт шоҳид дорам, онҳо тасдиқ мекунанд, ки ман бегуноҳ ҳастам.

Рӯбоҳ фикр кардааст, ки ин раваду боз як ҷуфт Бедона гирифта орад, сайдаш панҷто мешавад, ду-се рӯз кайф карда хӯрда мегардад. Ҳамин хел фикр кардаасту:

– Рав, як ҷуфт гувоҳатро биёр! – гуфта Бедонаро сар додааст.

Бедона фиррӣ карда, аз ғор парида рафтаасту дар беша мардеро дидааст, ки Саги тозӣ пеш-пеш шикор карда гаштааст. Бедона пеши тозӣ рафта нишастааст. Тозӣ ӯро мегирам гуфтааст, ки парида он тарафтар нишастааст. Тозӣ тохта омада боз мегирам гуфтааст, ки парида боз он тарафтар нишастааст. Ҳамин хел карда, Бедона Сагро ба лаби ғор овардааст. Тозӣ бӯй гирифта фаҳмидааст, ки дар ғор ҷондоре ҳаст. Вай ба ғор зада даромадааст ва Рӯбоҳро дошта, баровардааст.

– Ана ҷуфти гувоҳам ҳаминҳо! – гуфтааст Бедона шодикунон.

– Ташаккур, Бедонаҷон, ҷони моро аз ин маккор халос кардӣ, – гуфта Хурӯсу Мурғ баромада ба деҳа рафтанд.

Тозӣ бошад, Рӯбоҳро ин тараф кашола кардааст, он тараф кашола кардааст. Ҳамин хел вай кашола карда – кашола карда, Рӯбоҳро ба ҷазо расонидааст.



# ШУТУР ВА ХАР

Буд, набуд, корвоне буд. Дашту саҳрову кӯҳу биёбон тай карда мерафту мерафт. Маълум набуд, ки кай ба ҷое мерасаду бозмеистад. Аз он байн як Шутуру як Хар хеле монда шуданду тадбире карда ақиб монданд. Баъд, «ҷонамон халос шуд» гуфта, роҳи гурезро пеш гирифтанд. Рафтанд, рафтанд, ба марғзоре расиданд. Бӯи алафи тару тозаю гулҳои хушбӯй ба машомашон зад. Шод шуданду шикамсерӣ алаф хӯрданду дар сояи дарахти азамат ёзидаву чӯкка зада осуданд.

– Ба рӯзи нек расидем, – гуфт Шутур.

– Гапат рост, – гуфт Хар, – лекин хӯрию роҳат кунию фарбеҳ шавию аз кайфи сурудхонӣ маҳрум бошӣ, ин ҳам азоб будааст!

Шутур ин гапро шунида, хавотир шуду ба Хар илтиҷо кард:

– Ҷӯраҷон ин фикрро аз сарат дур кун!

– Гапат дуруст, ман ҳам то тавонам зӯр зада худамро нигоҳ дошта гаштаам. Аммо, ба хаёлам ягон рӯз тоқатам тоқ мешаваду худамро дошта наметавонам. Худат фикр кун, ҷӯраҷон, вай Хар чӣ Хар аст, ки ҳангос назанад? Ҳангос барои Хар ин изҳори ишқ, изҳори муддаои дил, ҳангос ин суруди ботантанаест, ки лаззати зиндагиро ифода мекунад.

Шутур зорӣ карда гуфт:

– Ҳақ ба ҷониби ту, ҷӯраҷон, лекин ақлатро кор фармо, мо ин ҷо оромем, барои он, ки касе аз мо хабар надорад. Тоқат кун ва фаромӯш накун, ки бетоқатӣ метавонад ба сари мо бало шавад.

Хар қабул кард. Чанд рӯз ором гузашт. Аммо рӯзе аз рӯзҳо Хар ба хоби роҳати ширине ғӯтавар шуда, ҳангоми бедор шудан дар куҷо буданашро фаромӯш карда, аз таҳи дил ҳангос зад, зеро дер боз ҳангос назада буд ва хумори ҳангосзанӣ ӯро азоб медод. Ҳангоси Хар ба гирду атроф танин андохт, ба кӯҳҳо акси садо дод ва ба гӯши корвоне расид, ки аз ҳамон наздикиҳо мегузашт.

– Дар ин ҷойҳои бекасу кӯй Хар аз куҷо пайдо шуда бошад? – гӯён, ду нафарро ба ҷустуҷӯи Хар фиристоданд. Омада Хару Шутурро ёфта, дошта гирифтанду назди корвон burданд.

– Ин ҷонварҳо фарбеҳу тоза, нағзакак истироҳат карда, пурқувват шудаанд, – гуфта, ба шутур чизу ҷораи зиёд бор карданду, ду кас ба Хар савор шуда

гирифтанд. Корвон мерафту мерафт. Шутуру Хар зери бори гарон хаставу бемадор қадам мезаданд.

– Аз барф гурехта, ба жола дучор шудем, – гуфт Хар. Шутур, ки аз Хар сахт ранҷида буд, чизе нагуфт. Хар ногаҳон, гӯё бемор шуда бошад, ба замин афтод. Корвониён ҳарчанд кӯшиш карданд, онро хезонида натавонистанд, хезонанд пояш меларзиду боз меафтод.

Аввал партофта рафтанӣ шуданд, баъд гуфтанд, ки ин Хари хубу зебост. Ҳайф аст, ин ҷо монаду нобуд шавад, бо худ баранд, шояд баъди ду-се рӯз сиҳат ёбад. Ҳамин хел маслиҳат карданду борро аз болои Шутур гирифта, Харро ба он бор карданд. Бори Шутур ду баробар афзуд, бо азоб роҳ мерафт, ба қасдаш гирифтагӣ барин корвон ба пайроҳаи кӯҳӣ баромад: як тараф кӯҳи баланд, як тараф нишебии болои ҷар.

– Хар, эй Хар, – гуфт Шутур, – ҳамон рӯз аҷаб суруде хондӣ, маро шавқи рақс пайдо шуд, акнун рақсиданӣ будам, ки корвониён омаданду ману туро дошта гирифтанд. Ҳоло ҳамон суруди дилнавозат дар гӯшам садо медиҳад, дил мехоҳад бирақсаму шодӣ кунаму бозӣ.

Хар ба воҳима афтода гуфт:

– Ҷӯрачон худро нигаҳ дор, ки агар бирақсӣ, ман аз болоят меафтаму ба ҷаҳаннам меравам.

Шутур худро сабук ҷунбонда гуфт:

– Ту ба ман чӣ хел ҷӯра, ки бо гуноҳи ту ба дасти корвониён афтодам. Озод будам, асир шудам, ту чӣ хел ба ман дӯст, ки худро ба бемор задию ба ман савор шуда, як азобамро сад азоб кардӣ?! Маро дигар тоқати туро бардошта бурдан намондааст – гуфта ба оҳанги рақс пушташро ба ҳаракат овард. Хар ҳамон дам аз болои Шутур парида, ба қаъри ҷарӣ афтод. Оби тези дарёи кӯҳӣ ҷасади ӯро ба харсангҳо зада-зада гирифта бурд.

# РӮБОҲ ВА ПАЛАНГ

Буд, набуд, як Рӯбоҳ буд. Вай як рӯз дар ҷустуҷӯи хӯрок ба беша даромада рафт, рафта истода буд, ки аз пешаш Паланг баромад. Рӯбоҳи бечора қариб буд, ки аз тарс дилкаф шавад. Илоҷи гузаштан набуд, чӣ кор карданашро надониста, ба болои як санги калон баромаду гиря сар кард.

Паланг ҳайрон шуда пурсид:

– Эй Рӯбоҳ, барои чӣ гиря мекунӣ?

– Оҳ, ман шуморо дидаму падаратон ба хотирам омад. Раҳматӣ, ҷояшон ҷаннат шавад, ҳамин қадар далеру чобуку чолок буданд, ки аз ҷариҳо чашм пӯшида меҷаҳиданд, аз кӯҳҳои баланд мепариданд, аз дарёҳои чуқур мегузаштанд. Сад афсӯс, ки солҳои охир тамошои корнамоиҳои ин хел баҳодурон ба ман муяссар намешавад. Гиряи ман барои ана ҳамин аст.

Паланг ин гапро шунида, бо ғурур сар бардошту дар пеши Рӯбоҳ ҳеҷ аз падар камӣ надоштани худро намоиш доданӣ шуда, ақиб рафта, тозон пеш омаду ҷаҳид. Ҷаҳиду рафта ба қаъри ҷарӣ зад.

Рӯбоҳ ба таги ҷарӣ нигоҳ карда, писханд зада гуфт:

– Бале, ман медонистам, ки байни Шумо ва падаратон фарқи калон аст. Ҳар фарзанд мисли падар намешавад!



# РӮБОҲ, САНГПУШТ ВА МӮРЧА

Буд, набуд, як Рӯбоҳ буд, Рӯбоҳи айёр буд, ба хӯрдан тайёр буд, тоқати кор надошт, аз меҳнат безор буд.

Як рӯз аз танҳоӣ зиқ шуду ба сари роҳ баромада, бо Сангпушту Мӯрча вохӯрд. Ҳар се дар боби дӯстӣ сӯҳбаткунон сӯи ҷангал равон шуданд. Вақти аз хирманҷо* гузаштан як миқдор гандум ёфтанд, ки канори роҳ рехта буд.

– Аҷаб гандуми сара будааст! – гуфт Мӯрча як донаашро гирифта, – калон-калон пурмағз, агар ҳамаи инро ба хонаам барам, тамоми зимистон мазза карда мехӯрам.

– Э, Мӯрча, ту шарти дӯстиро вайрон кардӣ-ку! – гуфт Рӯбоҳ, – мо дӯст шудем, дӯстон ҳар чи, ки ёбанд, баробар тақсим мекунанд.

– Ин гап дуруст, – тасдиқ кард Сангпушт.

– Лекин ин гандум кам, – суханашро давом дод Рӯбоҳ, – кирои тақсим не. Беҳтар, ки ягон замини нағз ёфта, инро аввал корему баъд ҳосилашро тақсим кунем. Мӯрчаю сангпушт розӣ шуданд. Гандумро ғундошта гирифтанду заминкобӣ рафтанд. Рафтанд-рафтанду Рӯбоҳ як теппаи росту баландро нишон дода гуфт:

– Ана, замини нагзу тозаю мулоим! Ҳамин ҷо мекорем. Рӯбоҳу Сангпушт гандумро як сӯ монданду ба шудгори замин сар карданд. Як камакак кор карда буданд, ки Рӯбоҳ ба теппа нигоҳ карда гуфт:

– Ин теппа ба назарам, ба болои замини мо меафтодагӣ барин. Агар ғалтад, тамоми меҳнатамон барбод меравад. Шумоён шудгор кардан гиретон, ман рафта теппаро дошта меистам.

Рӯбоҳ ба Мӯрчаву Сангпушт фурсати даҳон кушодан надода, тохта ба болои теппа баромаду баҳузур хоб рафт.

– Ин дӯстамон моро фиреб медодагӣ барин-ку, – гуфт Сангпушт арақи пешонаашро пок карда.

– Ғам нахӯр, агар фиреб диҳад, ҷазояшро медиҳем, – ӯро ором кард Мӯрча.

Мӯрчаву Сангпушт шудгорро тамом карда, дон пошиданду дар тараддуди дамгирӣ шуданд.

– Нағз меҳнат кардем, гуфт Сангпушт.

---

* Макон ё ҷои махсусе, ки дар он ҷо гандум ё ҷавро мекӯбанд.

– Меҳнат кардем, роҳаташро мебинем, – гуфт Мӯрча.

– Ман ҳам аз шумоён камтар меҳнат накардаам, – гуфта Рӯбоҳ аз теппа фуромада омад.

– Хайрият рафта будам: теппа чапа шуда истода будааст, агар чораашро намедидам, чаппа мешуду ҳамаамон дар тагаш мемондем, касе ёфт намешуд, ба ҳоли зори мо гиря кунад. Чунон зӯр задам, ки раги поям дард мекунад.

Чанд вақт гузашт. Аз таги замини нарм гандум неш зада баромад, майса шуд, баъд майсаҳои гандум қад боло карданд, хӯша бароварданд. Хӯшаҳо дон баста пухтанд.

Мӯрчаву Сангпушт ба сари гандумзор омаданд. Онро даравида банд бастанд. Хирман карданд, кӯфтанд. Сонӣ бод дода, галбер кардандy акнун тақсим мекарданд, ки аз кучое Рӯбоҳ расида омад.

– Ассалом шарикҳо! Ин гандум бисёр не-ку!, – гуфт думашро бози доронда Рӯбоҳ.

– Се тақсим кунем, ба ҳар кадомамон кам– кам мерасад, баракаташ мепарад. Беҳтараш яктамон гирем монем.

– Хайр, ту, ки меҳнат накардаӣ, нагир! – гуфт Сангпушт. – Барои ману Мӯрча ҳамин қадараш ҳам давлати калон.

– Не, Сангпушт, ту аҳди дӯстиро вайрон накун! – эътироз кард Рӯбоҳ. – Биёед шарт мебандем. Ҳар ки бурад, гандум аз они ӯ.

– Чӣ хел шарт? – пурсид Мӯрча.

– Ҳар сеямон ба таги ҳо ана вай дарахти сада меравему аз ҳамон ҷо давида меоем.

Касе, ки пеш омад, гандумро ҳамон кас мегирад.

Сангпушт розӣ нашуд:

– Ту медонӣ, ки аз мо пештар меоӣ. Ин шартат намешавад.

Мӯрча Сангпуштро тарафдорӣ накарда гуфт:

– Ҳоло пештар омадани кӣ маълум не. Шарти Рӯбоҳро қабул мекунем.

Мӯрча ба Сангпушт чашмак заду баъд, вақте ки Рӯбоҳ ба тарафи сада равон шуд, ба гӯшаш чизе гуфт.

Ҳар се ба таги сада омаданд. То он ҷо қариб сад метр буд.

– Тайёр шавед! – гуфт Рӯбоҳ. Мӯрчаву Сангпушт ба давидан тайёр шуданд.

– Як, ду, се! Давидем! – гуфта Рӯбоҳ ба тарафи хирман чорхез зад.

Мӯрча дам назада, ба думи Рӯбоҳ маҳкам часпида гирифт. Рӯбоҳ дар як он ба хирман расид.

– Ана, гандум ҳаққи ҳалоли ман шуд, – гуфта думашро ба рӯи гандум гузошту қоҳ-қоҳ хандид.

– Ҳой Рӯбоҳ, хандая бас куну думата бардор! – гуфт Мӯрча аз болои думи Рӯбоҳ ба болои гандум фуромада. – Ту ин гандум ҳаққи ҳалоли ман гуфтӣ? Аз ту пештар ман омада шиштаму ин гандум аз они ту шудааст?

Рӯбоҳ ҳайрон шуда пурсид:

– Чӣ хел ту аз ман пештар омадӣ-а?

– Баробари ту тохта омадам, – ҷавоб дод Мӯрча.

– Бовар намекунам! – гуфта, Рӯбоҳ ҷанҷол бардошт.

Ба болои ҷанҷол Сангпушт расида омаду гуфт:

– Ҳой Рӯбоҳ, ҷон ширин ё гандум?

- Ин чӣ гапи гуфтагиат? – пурсид Рӯбоҳ дар қаҳр шуда.

- Овози сага намешунавӣ? – пурсид Сангпушт. – Ду Саги тозӣ туро кофта меоянд.

Рӯбоҳ аз Саг ҷудо ҳам метарсид. Гапи Сангпуштро рост гумон карда, ба пушташ нигоҳ накарда, гурехта рафт. Мӯрчаву Сангпушт ба ҳоли ӯ хуб хандида гуфтанд: ҷазои ҳилагар ҳамин! Баъд гандумро баробар тақсим карда, ба хонаҳояшон бурданду тамоми зимистон мазза карда хӯрданд.



# ЛАКЛАК – ТАБИБ

Буд, набуд, як Гург буд. Рӯзе шикораш барор гирифт ва Гӯсфандеро аз рама даррабуду ба кунҷи дара кашида, пора карда ҳарисона, бо тамом хӯрд ва як пора устухони шикаста дар гулӯяш дармонд. Гулӯяш бошиддат дард кард. Вай бисёр тарсида ба назди табиб рафт.

– Дарди ту даво надорад, устухон ба магзи гӯшт рафтааст, илоҷи кашида гирифтан нест, – гуфт табиб.

Ҷон ширин, Гург худро ба чор тараф зада, гиряву нола мекарду аз ҳар ҷонваре, ки рӯ ба рӯяш меомад, мадад мехост.

Гург ҳамин хел нолаю зорикунону мададҷӯён ба назди кӯлмаке расид, ки лаклак минқори дарозашро ба об даровarda, қурбоққа дошта мехӯрду Гурги ба сӯяш омада истодаро дида пурсид:

– Эй Гург чаро нола мекунӣ? Ба ту чӣ шуд?

– Ба гулӯям устухон даромад, табиб ҳеҷ кор карда натавонист, гуфт, ки ин дардам бедаво. Нобуд мешавам ман.

Лаклак дид, ки аҳволи Гург дар ҳақиқат бад аст, раҳмаш омад:

– Канӣ наздиктар биё, даҳонатро кушо! – гуфт Лаклак, - Падари ман табиб буд. Ман ин ҳунарро аз ӯ каме ёд гирифта будам.

– Ой дӯсти азиз! – хурсандона фарёд кард Гург. – Агар ту маро аз ин дард халос кунӣ, ҳар чӣ гӯӣ, мекунам!

Лаклак нӯли дарозашро ба даҳони Гург даровarду устухонро кашида гирифтан гирифт.

Гург ҳамон замон сабукӣ ҳис карда, аз ҷояш хесту ба роҳи худ рафт.

– Эй, Гург! – гуфт аз паси ӯ Лаклак, – Ист! Охир ба ваъдаат вафо кун!

– Ту ҳоло розӣ нестӣ? – фарёд кард Гург. – Ту каллатро ба гулӯи ман тиққонда, сиҳату саломат берун кардӣ. Магар ин вафо нест?

Ман метавонистам туро хӯрам. Ҳозир гум шав аз назарам ва дигар во нахӯр, ки хӯрда мемонам!

Лаклак ба Гург бо нафрат нигоҳ карду аммо чизе нагуфт. Вай баъди ин ба чунин хулоса омад, ки ба чунин дардмандони кӯрнамак ёрӣ додан кори хато аст.

# РӮБОҲИ САЙЁД

Буд, набуд, як Рӯбоҳ буду вай ба Шер хизматгор буд. Шер бисёр вақт ба шикор машғул буд. Рӯбоҳ бошад, пасмондаҳои сайдҳои шерро хӯрда, серу фарбеҳ шуда зиндагонӣ мекард. Ӯро фақат рашку ҳасад ба зӯрию тавоноии Шер азоб медод.

Як рӯз ӯ ба пеши Шер омада гуфт:

– Эй паҳлавони номдор, ҳунари шикоркунии шуморо чӣ хел ёд гирифтан мумкин аст? Агар ман ҳам чунин ҳунар медоштам дар бешаҳо бекор намегаштам.

Ин суханон ба Шер фориду рӯзе Рӯбоҳро ба ҷое бурд, ки шикоргоҳи ӯ буд. Онҳо рафтанд, рафтанд, ба як теппа расиданд.

–Хайр , агар ёд гирифтанӣ бошӣ, биё бин, ман чӣ хел шикор мекунам.

- Ман ҳамеша дар орзуи он будам, ки бо шумо ба шикор равам! - гуфт Рӯбоҳ. Шеру Рӯбоҳ шикоркунӣ рафтанд. Онҳо ба як теппа расиданд.

– Канӣ Рӯбоҳ, ба болои теппа баромада бин, ягон ҷондор менамояд-мӣ? – гуфт Шер.

Рӯбоҳ ба болои теппа баромада чор тарафро аз назар гузаронида гуфт:

– Як галаи тойчаю байталро мебинам!

– Ана, дар ин ҷо нағз шикор мекунем! – хурсанд шуда хитоб кард Шер.

Шер омодаи ҳамла шуда аз Рӯбоҳ пурсид:

– Ҳозир чашмони ман чӣ хел метобанд?

– Суп-сурх! – ҷавоб дод Рӯбоҳ.

– Ёли ман баланд шуд-мӣ? – пурсид Шер.

– Ёлҳоятон, сих шуд! – ҷавоб дод Рӯбоҳ.

– Думам чӣ?

– Думи шумо қамчин барин сахту таранг шудааст! – гуфт Рӯбоҳ.

Шер ба галаи аспон ҳамла карда, ба як тойча дарафтоду сари ӯро ба як сӯ тоб дод. Гала рамида рӯ ба гурез ниҳод. Рӯбоҳ бошад, лабашро лесида гирди шер ва сайди вай мегашт.

– Хӯш, Рӯбоҳ, дидӣ ҳунари маро? – пурсид Шер.

– Акнун ман ҳунари шуморо дониста гирифтам! – гуфт Рӯбоҳ ва аз дил гузаронд, шикор мушкиле надоштааст.

Рӯзи дигар Рӯбоҳ аз Шер иҷозат гирифта, ба шикоркунӣ рафт. Мерафт, ки аз пешаш Харгӯш баромад.

– Эй Харгӯш, аз паси ман биёю ба ман хизмат кун! Ман шикор мекунам, ту пасмондаҳои сайди маро хӯрда сер шуда мегардӣ, – гуфт Рӯбоҳ.

– Кошкӣ ҳамин хел мешуд! – гуфт харгӯш, – се рӯз аст, ки чизе ба даҳон нагирифтаам!

Харгӯш аз паси Рӯбоҳ рафт. Онҳо ба теппае расиданд. Рӯбоҳ он ҷо боз истоду гуфт:

– Канӣ, Харгӯш, ба болои теппа баромада бин, ягон ҷондор менамояд?

Харгӯш ба болои теппа баромада, ба ин тараф, ба он тараф чашм андохта гуфт:

– Галаи тойчаю байталро мебинам!

Рӯбоҳ омодаи ҳамла шуда, аз харгӯш пурсид:

– Канӣ бин чашмони ман суп-сурх шуданд?

– Не, худи пештара барин, – гуфт Харгӯш ба чашмони Рӯбоҳ зеҳн монда.

– Суп-сурх гӯй! – фарёд зад Рӯбоҳ.

– Акнун бин, ки мӯи гарданам сих шудааст?

– Не, – ҷавоб дод Харгӯш.

– Сих, барин шудагӣ гӯй! – фарёд кард Рӯбоҳ.

– Канӣ бин, думи ман таранг шудааст? – пурсид Рӯбоҳ.

– Не, қату овезон, – ҷавоб дод Харгӯш.

– Қамчин барин сахту таранг шудааст гӯй! – гуфта, фарёд зада, худро ба болои як Тойча андохт Рӯбоҳ.

Модари Тойча ин ҳолро дида, бо суръат тохта омаду рӯбоҳро зери пояш гирифт. Аз зарби сумҳои ӯ сари Рӯбоҳ маҷақ шуд, чашмонашро хун пахш кард.

– Ана акнун чашмони ту суп-сурх! – гуфт Харгӯш ба сари Рӯбоҳ омада.

Рӯбоҳ ҷон дода истода, даҳонаш калон кушода, базӯр нафас мекашид ва мӯи гардани ӯ сих шуда буд.

– Ана акнун мӯи гардани ту сих шудааст! – фарёд кард Харгӯш.

Аммо Рӯбоҳ аллакай мурда буд. Ҳамин хел маълум нашуд, ки ҳунари Шерро фаҳмид ё не.

# ХАРГӮШИ ШЕРДИЛ

Харгӯшчае буд, дар ҷангалзор хеле тарсончак. Вай аз ҳар чиз метарсид. Агар шохчае шиканад ё парандае бол занад ва ё порчаи барф аз дарахт афтад, аз тарс ларзону гирён мешуд.

Харгӯшча як рӯз, ду рӯз, як ҳафта ва ниҳоят як сол ҳамин хел тарсончак буд.

Баъд аз он ки калон шуд, ҷасорат пайдо карда гуфт:

– Ман аз ҳеҷ чиз наметарсам!

Вай ин суханонро бо овози баланд такрор карда, ба беша даромад.

– Чӣ, ту аз Гург ҳам наметарсӣ? – пурсид Харгӯши дигар.

– Аз Гург ҳам, аз Рӯбоҳ ҳам, аз Хирс ҳам наметарсам! – ҷавоб дод Харгӯшча.

Ин хел ҷасорати вай хеле аҷиб буд. Харгӯш худро боз далертар нишон доданӣ шуда гуфт:

– Агар Гургро бинам, вайро худам мехӯрам!

– Ту бисёр аҳмақ менамоӣ – гуфт Харгӯши дигар.

Ҳамин вақт як Гург дар беша гашта хеле гушнаву хаста буд ва «агар як харгӯш вомехӯрд, бисёр нағз мешуд» фикр мекард ӯ. Дар ҳамин вақт нохост ба гӯшаш овози Харгӯш расид. Вай аз роҳаш бозистоду бӯй кашид ва поида– поида пеш омадан гирифт.

Гург ба харгӯшҳои бозӣ карда истодагӣ наздик омада шунид, ки як Харгӯшчаи каҷчашми думкалта ӯро пора карда хӯрданист.

– Исто, ҳозир ман ба сари ту лофзан об мерезам! – гуфт гург.

Харгӯшча ба болои кунда баромада мегуфт:

– Гӯш кунед, эй тарсончакҳо, гӯш кунед, ман ба шумо як чизи аҷиб нишон медиҳам ... Ман...Ман...

Ҳамин вақт Гургро дида, гапашро гум карду нафасаш гашт. Аз тарс мисли ҳаппак лӯнда шуда, аз шохи баланд ба болои сари Гург афтод. Афтоду поён ҷаҳида рафт, ба пушташ нигоҳ накарда мегурехту мегурехт, гумон дошт, ки Гург аз ақибаш давида меояд ва ҳамин замон ӯро дошта мехӯрад.

Охир, бечора беҳол шуд, пойҳояш аз кор монданд, ба таги буттае афтоду аз ҳуш рафт ва баъди чанд вақт ба ҳуш омада, ҳайрон шуд, ки Гург ӯро чаро нахӯрдааст.

Гург бошад, вақте ки харгӯш ба болои сараш афтод, гумон кард, ки касе ӯро парронд ва бо тамоми қувваташ ба тарафи дигар гурехта рафт.

Харгӯшча чӣ хел шудани воқеаро пай бурду ба пеши харгӯшҳо баргашта худро тавсиф кард.

-Ана, нагуфтам-мӣ? Ман аз Гург ҳам наметарсам!

Шариконаш гапи ӯро маъқул дониста, сар ҷунбонданд.

# БЕДОНА ВА РӮБОҲ

Як рӯз Рӯбоҳ Бедонаро дида монд ва ӯро дошта гирифта хӯрданӣ шуд.

Бедонаи бечора дар чанголи Рӯбоҳ шах шуда монду баъд худро ба даст гирифта гуфт:

– Ту маро махӯр, эй Рӯбоҳ, намебинӣ, ман тамоман хароб, маро хӯрда баҳра намебарӣ, – гуфт Бедона.

Рӯбоҳ ин гапро шунида гуфт:

– Не, мехӯрам!

– Маро махӯр, аз ду сар бо гӯшти ман сер намешавӣ, аммо ман коре мекунам, ки шикамат сер шавад, – гуфт Бедона.

– Чӣ кор мекунӣ? – пурсид Рӯбоҳ.

– Мебинӣ, ҳӯ ана як зан меравад, – гуфт Бедона, – вай ба саҳро ба шавҳараш таом мебарад, маро сар деҳу бин, ман чӣ кор мекунам.

Дарвоқеъ, он зан табақ ба сар ба сӯи саҳро мерафт. Рӯбоҳ ӯро дида, бедонаро сар дод.

Бедона парида рафта, дар пеши роҳи зан нишасту хиромида пеш рафтан гирифт.

«Худо дод, дошта мегирам», – гуфта, зан табақро ба замин монду дасташро пеш бурда аз паси Бедона рафт. Фурсат ғанимат, Рӯбоҳ рафта, рӯи табақро кушода, таомро пок– покиза хӯрда, рӯи табақро пӯшида, гурехта рафт. Аз паси вай Бедона ҳам парида рафт.

– Хӯш, сер шудӣ? – пурсид Бедона.

– Сер шудам, – ҷавоб дод Рӯбоҳ.

Зан ноумед гашта омаду табақро бардошта, ба болои сараш монда ба пеши шавҳараш рафт.

Шавҳараш аз сари ӯ табақро гирифта, кушода дид, ки хоп-холӣ.

– Ин чӣ гап? – пурсид ӯ ҳайрон шуда.

Зан чӣ гуфтанашро намедонист.

Мард занашро сарзаниш кард. Зан бо чашмони гирён ба хонааш рафт. Шавҳараш, ки гурусна буд, аз пушти ӯ равон шуд. Рӯбоҳу Бедона ба деҳа ома-

да, ба боми хонаи он зану шавҳар баромаданду аз мӯрӣ ба дарун нигоҳ карданд. Марду зан пеши оташдон нишаста, ҷанҷол мекарданд.

Бедона ба Рӯбоҳ «ин ҷо мунтазир бош!» гуфта, ба даруни хона парида даромад.

Зан Бедонаро дида, саросема ба шавҳараш гуфт:

– Ана ҳамин Бедона маро фиреб кард. Дарро пӯшед, дошта мегирем.

Мард дарро пӯшид. Бедона ба кунҷи хона парида рафта, дар рӯи кӯрпача нишаст.

– Исто! – гуфт мард, – ман ҳозир ҷазояшро медиҳам.

Мард кафшашро гирифта, ба сӯи Бедона партофт, ба Бедона нарасид. Бедона парида омада, ба лаби дег нишаст, дег пур аз хӯрок буд.

Зан чумча, мард бошад, як ҷӯроб гирифта, ҳар ду аз паси Бедона давиданд. Бедона якбора аз мӯрӣ баромада парида рафт.

Зану шӯй ба берун баромаданд, ҳамин вақт рӯбоҳ ба хона зада даромаду дегро холӣ кард. Баъд вай берун баромада, хуб хандиду ба Бедона гуфт:

– Як дег хӯрок хӯрдам, вале сер нашудам. Боз хӯроке пайдо кун, агар сустӣ кунӣ худатро мехӯрам.

Бедона ҳайрон шуд ва фикр кард, ки аз ин Рӯбоҳи носер чӣ хел халос шавад.

Ҳамин вақт дар кӯчаи деҳ ду Саг пайдо шуд.

Бедона худро ба онҳо нишон дод. Сагҳо Бедонаро доштанӣ шуданд, Бедона фаррос зада ба тарафи Рӯбоҳ парида рафт. Сагҳо Рӯбоҳро дида, аз пасаш давиданд. Рӯбоҳ тарсида гурехта рафт – рафт, аз пешаш як ғор баромад, ба даруни ғор даромада пинҳон шуд. Сагҳо ба деҳа баргаштанд, аммо Рӯбоҳ ҷуръат намекард, ки берун равад.

Бедона дар боғчае як кадуи хушки дарунхолиро ёфта, ба лаби ғор ғелонда овард. Каду тақар– тукур садо медод. Рӯбоҳ тарсида, дарунтар рафт, пойҳояш суст шуданд. Чанд вақт гузашт, тамоми умр дар ғор руст шудан мумкин набуд, як вақте тарсону ларзону гирён ва нолон аз ғор баромада, кадуи кафидаеро дид, ки тухми хушкаш чор тараф чошу пош шуда буд.

– Ту ноинсоф, маро тарсондӣ, – гуфт. – Ман туро ба об ғарқ мекунам.

Рӯбоҳ сарашро ба даруни каду даровардa, ба пеши дарё рафта, ба об андохт. Каду аз об пур шуда, ба қаъри об фурӯ рафт ва рӯбоҳро бо худ кашида бурд. Бедона, ки ин ҳолро аз дур тамошо мекард, шодӣ карда, парида рафт.

## ГУНҶИШКАК

Буд, набуд, як Кампир буд, Кампири бекасу бенаво буд. Вай аз пагоҳ то бегоҳ чарх ресида, калоба карда, мефурӯхту аз пулаш зиндагӣ мекард. Зиндагиаш бад буд.

Як рӯз пахтааш тамом шуд, пулаш набуд, ки пахта харад. Шишту ба ҳоли худ зор-зор гиря кард. Оби дидааш селу дарё шуд, осиёбҳо гардон шуданд, ҳавлиаш ба пахтазори сап-сафед шукуфтагӣ мубаддал гашт.

Рӯзе як Акка омада гуфт:

– Шақ-шақ-шақ, мома, маро ба пахтазорат посбон намегирӣ?

– Ба ҳаққи посбониат чӣ мегирӣ? – пурсид Кампир.

– Шақ-шақ, шақ-шақ, – гуфт Акка, – нисфи ҳосили пахтазоратро диҳӣ, бас аст!

– Бирав! – гуфт Кампир, – даркор нестӣ!

Рӯзи дигар як Зоғ омада гуфт:

– Қаҳ-қаҳ-қаҳ, мома, маро ба пахтазорат посбон намегирӣ?

– Ба ҳаққи посбониат чӣ мегирӣ? – пурсид Кампир.

– Қар-қар, – гуфт Зоғ, нисфи ҳосили пахтазоратро диҳӣ, бас аст!

– Бирав! – гуфт Кампир, – даркор нестӣ!

Зоғ парида рафту як Гунҷишк парида омад.

Гунҷишкак «чуқ-чуқ» – гуфта, ин ҷо шишт, «чуқ-чуқ» – гуфта, он ҷо шишт.

Кампир пурсид:

– Чӣ «чуқ-чуқ» мекунӣ, чӣ мегӯӣ?

– Мома, маро ба пахтазорат посбон намегирӣ? – гуфт Гунҷишкак.

– Ба ҳаққи посбониат чӣ мегирӣ? – пурсид Кампир.

– Чуқ-чуқ, – гуфт Гунҷишкак, – ба ман камакак пахта диҳӣ мешавад!

Кампир камакак пахта гирифта дод.

Гунҷишкак пахтаро бо нӯлакаш гирифту пеши ресанда бурда гуфт:

– Пахтаро гиру рес-рес карда деҳ, рес-рес накунӣ, хоната вайрон мекунам, бачата гирён мекунам!

Ресанда чархашро ба пешаш монд, пахтаро гирифта ришту як калобача ресмон карда дод. Гунҷишкак ресмонро гирифта, пеши бофанда бурд. Пеши бофанда бурду гуфт:



– Инро гиру боф-боф карда деҳ, боф-боф накунӣ, хоната вайрон мекунам, бачата гирён мекунам!

Бофанда ресмонро гирифта, бофту як порча карбос карда дод.

Гунҷишкак карбосро гирифта, пеши буранда бурд. Назди буранда бурду гуфт:

– Бур-бур карда деҳ, бур-бур накунӣ, хоната вайрон мекунам, бачата гирён мекунам!

Бурранда карбосро гирифта, ба қади Гунҷишкак чен карда, бурида дод.

Гунҷишкак бурридаро гирифта, пеши дӯзанда бурд. Пеши дӯзанда бурда гуфт:

– Дӯз-дӯз карда деҳ, дӯз-дӯз накунӣ, хоната вайрон мекунам, бачата гирён мекунам!

Дӯзанда як куртаи хушрӯй дӯхта дод.

Гунҷишкак куртаро пӯшида, ба назди Кампир омад. Ба назди Кампир омаду гуфт:

– Чуқ-чуқ, ана акнун, пахтазоратро посбонӣ мекунам!

– Майлаш, ист, посбонӣ кун! – гуфт Кампир.

Гунҷишкак рӯзи дароз «чуқ-чуқ» мегуфт, ин ҷо мешишт, «чуқ-чуқ» мегуфт, он ҷо мешишт, посбонӣ мекард.

Як рӯз гузори Подшоҳ ба ин ҷо афтод. Подшоҳ дид, ки як пахтазор сапсафед шукуфтагӣ. Вай аспашро нигоҳ дошта, ба аскарҳояш гуфт:

– Дароед, ҳамаашро чинда гиред, якто ҳам намонад!

Гунҷишкак дид, ки аскарҳо ба пахтазор даромада чида истодаанд:

«Чуқ-чуқ», бечора Кампир,
Подшоҳ пахтазората кард ҷазир*.

– гуфта, Кампирро чеғ задан гирифт.

Подшоҳ фармон дод, ки Гунҷишкакро дастгир кунанд. Аскарҳо пахтачиниро монданду Гунҷишкакро дастгир карданд.

– Ӯро пар канед! – амр дод Подшоҳ.

Аскарон Гунҷишкакро пар канданд.

Пардор будам, парканда шудам! – гуфт Гунҷишкак.

– Бирён кунед! – боз амр дод Подшоҳ.

Аскарон Гунҷишкакро бирён карданд.

– Хом будам, пухта шудам! – гуфт Гунҷишкак.

– Биёред, хӯрам! – гуфт Подшоҳ.

---

* Ҷазир – тороҷ

Аскарон Гунҷишкакро оварданд, подшоҳ ӯро ба даҳонаш андохту фурӯ бурд.

– Берун будам, дарун шудам, – гуфт Гунҷишкак ва аз даруни Подшоҳ:

«Чуқ-чуқ», бечора Кампир,
Подшоҳ пахтазората кард ҷазир, –

– гӯён фарёд кардан гирифт.

Ҳамин хел Гунҷишкак дод гуфтан гирифту шиками Подшоҳ ба дард даромад. Подшоҳ тоқат карда натавониста, ба аскаронаш амр кард:

– Ман Гунҷишкакро қай мекунам, ӯро бо шамшер занед! – Подшоҳ Гунҷишкакро қай кард. Сари Гунҷишкак аз даҳони подшоҳ намоён шуда буд, ки аскаронаш саросемавор шамшер заданд. Шамшер ба Гунҷишкак нарасида, бинии Подшоҳро бурид. Даррав наматпораеро сӯхтанд, ба ҷароҳати подшоҳ пахш карданд.

Гунҷишкак бошад, парида рафту дар ҳама ҷо:

«Чуқ-чуқ», бечора Кампир,
Подшоҳ пахтазората кард ҷазир!
Подшоҳи бинибурида,
Намад ба бинӣ халида!

– гуфта гашт.

Подшоҳ шарманда шуда, гурехта рафт ва дигар ҳеҷ гоҳ ба мамлакаташ наомад. Одамон мегуфтанд, ки Подшоҳ пахтаҳои Кампиракро гирифтанӣ шуда, зӯраш ба як Гунҷишкак ҳам нарасидааст.

# ДЕҲҚОН ВА ХИРС

Як Деҳқон буд, вай ҳар сол гандум мекошт. Як соле гандумаш сабзида, майса шуда буд, ки Хирсе ба сари кишташ меомадагӣ шуд. Хирс меомаду ба даруни кишт даромада, поймол карда, хоб мерафт. Деҳқон ӯро медид, вале зӯраш намерасид, ки пеш кунад.

Гандум пухт, Деҳқон даравид, ба хирманҷо овард, гарам кард, кӯфт, бод кард ва бехта тайёр карда буд, ки ҳамон Хирс ҳозир шуда гуфт:

– Ассалому алайкум, шарик!

Деҳқон ҳайрон шуда пурсид:

– Ваалайкум бар салом, ту, чӣ гуна шарик ҳастӣ?

Хирс дар қаҳр шуда гуфт:

– То ҳоло намедонӣ, ки ман шарики ту ҳастам?!

Деҳқон гуфт:

– Аз куҷо медонам, ту ҳамроҳи ман кор накарда бошӣ?

Хирс ба ҷои ҳар вақт омада, хоб мекардагиаш рафту якпаҳлу зада гуфт:

– Ман ҳар рӯз дар ҳамин ҷо мехобидаму гунҷишкҳоро пеш мекардам, набошад, ҳоло ягон дона ҳам гандум намемонд!

Деҳқон дид, ки аз ин Хирси муфтхӯр илоҷи халосӣ нест, ноҷор гуфт:

– Хайр, биё, равем, ҳисса кунем!

Ба сари хирман омаданд. Деҳқон гандумро ду ҳисси баробар карда ба Хирс гуфт:

– Канӣ, ҳиссаатро гир!

– Ман халта надорам, – гуфт Хирс.

– Ин тавр бошад, ман ба хона рафта барои ҳар дуямон халта меорам, – гуфта Деҳқон ба деҳа равон шуд.

– Рав, ман гандумро посбонӣ карда мешинам, – гуфт Хирс аз паси ӯ.

Деҳқон ба деҳа омаду ба занаш гуфт:

– Ҳамон Хирс омадааст, нисфи гандуми моро талаб мекунад, илоҷе накунем, аз нисфи ҳосиламон маҳрум мешавем.

Занаш каме фикр карда, баъд гуфт:

– Шумо равед, ман коре карда ӯро метарсонам.



Деҳқон ду халта гирифта, ба сари хирман омад. Омада дид, ки Хирс чағора канда истодааст.

– Барои чӣ чағора канда истодаӣ? – пурсид Деҳқон.

– Ҳиссаи худро ба ҳамин ҷо меандозам, – гуфт Хирс.

Дар ин муддат зани деҳқон бачаҳои қишлоқро ҷамъ карда, ба як хар хокистар бор карду Харро ба тарафи хирман ронд. Ҳамин, ки ба хирман наздик шуданд, ба бачаҳо гуфт, ки бо тамоми овозашон ғавғо бардоранд. Худаш лингаи хокистарро бо таёқ задан гирифт, ки чангаш дар ҳаво печид.

Хирс аз ин ҳодисаи ногаҳонӣ тарсид, ба чағораи кофтагиаш даромад.

– Эй Деҳқон, ҳеҷ Хирсе надидаед? – фарёд кард занак.

– Хирс ба шумо чӣ даркор? – пурсид шавҳараш.

– Духтари Подшоҳ бемор шудааст, ба ӯ равғани Хирс дору будааст, – ҷавоб дод зан.

Хирс ин гапро шунида, ба деҳқон гуфт:

– Эй шарик, аз ман хабар надеҳ!

– Бе хабар додани ман ҳам туро меёбанд, гӯшҳоят намоёнанд, – гуфт Деҳқон.

– Эй ошно, досро гиру гӯшҳои маро бур! – илтимос намуд Хирс.

Деҳқон досро гирифту гӯшҳои Хирсро бурид. Ҳамин вақт занаш боз фарёд кард:

– Эй Деҳқон, ҳеҷ Хирси порина надидаед?

– Не, – гуфт Деҳқон.

– Чӣ дарӯғ мегӯед, пойҳои пешашро мебинам! – овоз дод занак.

Хирс аз тарс ларзида, ба Деҳқон гуфт:

– Эй ошно, зуд пойҳои пешамро бибур!

Деҳқон гуфт, ки:

– Гӯшҳоятро буридам, боз пойҳоятро бурам, чӣ хел зиндагӣ мекунӣ?

– То тамом шудани ҳамин гандум, сиҳат мешавад, – ҷавоб дод Хирс.

Деҳқон пойҳои Хирсро бурид. Занак боз фарёд кард:

– Эй Деҳқон, ҳеҷ Хирси перорсолина надидаед?

– Не, – гуфт шавҳараш.

Занак боз фарёд кард:

– Чӣ дурӯғ мегӯӣ, ана сараш менамояд?!

– Эй ошно, сари маро набур! – гуфт Хирс. – Ваъда медиҳам, ки дигар асло ба деҳқонии ту шарик намешавам.

Деҳқон Хирсро сар дод ва бо ҳамин аз даъвогари муфтхӯр халос шуда, ҳамаи гандумашро ба хонааш гирифта бурд.

# ХАРИ ЗИРАК

Буд, набуд, Деҳқоне буд, вай ду Барзагову як Хар дошт. Деҳқон ҳар рӯз саҳарии барвақт ба Хар гандум бор карда, Барзаговонро пеш андохта, ба саҳро ҷуфтронӣ мерафт.

Як бегоҳ, як Барзагов ба Хар, ки паҳлуяш бо ҳаловати тамом ёзида мехобид, рӯ оварда, шикоят кард:

– Эй ҷӯра, – гуфт, – ту хушбахтӣ, аз соҳибон зулм намебинӣ: ба саҳро гандум мебарию аз он ҷо ҳезум меоварӣ, бо ҳамин ҷонат халос. Қисмати барзаговӣ ба гӯр равад, азоби мо хеле зиёд аст! Ҳар рӯз хӯҷаин моро ба ҷуфт андохта, аз пагоҳ то бегоҳ меронад, каме сустӣ кунем, калтаккорӣ мекунад, ки магз– магзи устухонам ба дард медароянд. Аҳволамон хеле вазнин аст.

Хар фикр карда гуфт:

– Ман ба ту як роҳ нишон медиҳам, агар гуфтаи маро кунӣ, ҷонат аз азоб халос.

– Гӯй ҷӯраҷон, он чӣ роҳ будааст? – гуфта Барзагов илтимос кард.

Хар гуфт:

– Имшаб ва саҳарӣ хӯрок нахӯр, худро ба беморӣ андозу нолиш кардан гир. Хӯҷаин гумон мекунад, ки бемор шудаӣ, ба саҳро намебарад. Ин гап ба Барзагов маъқул шуд. Деҳқон омада, ба охурҳо каҳу алаф партофта, дид, ки як Хару як Барзагов бо майли тамом ба хӯрдан сар карданду Барзагови дигар бетоб барин ба хӯрок нигоҳ намекунад.

Деҳқон саҳарӣ низ ин ҳодисаро мушоҳида карда,боварӣ ҳосил кард, ки Барзагов бемор шудааст. Вай «акнун чи кор мекунам, бо як Барзагов ҷуфт ронда нашавад», гуфта истода буд, ки ногаҳон чашмаш ба Хар афтод.

Хар хеле фарбеҳу лӯнда шуда буд. Деҳқон хеле хурсанд шуда, «илоҷашро ёфтам» гуфту Хару як Барзаговро ба саҳро бурд ва ҳар дуро ҷуфт андохта замин ронд. Хар то бегоҳ кор карда беҳол шуд. Тамоми баданаш ба дард даромад. «Офарин ба Барзагов, ки ба чунин ҳол тоқат мекунад!» – мегуфт ӯ ҳуд ба худ ва рӯзи дигарро ба хотир оварда «худкардаро даво не, вовайлои пинҳонӣ» гӯён, чанд рӯз тоқат кард.

Як бегоҳ нохост як тадбире ба ёдаш омаду аз хурсандӣ бо тамоми овозаш ҳангос зад ва ба Барзагови «бемор» рӯ оварда гуфт:

– Ҷӯра, ман имрӯз гуфтугӯи соҳибамонро бо занаш шунидам. Хӯҷаин мегуфт, ки агар Барзагов сиҳат шуда, ба иштиҳо наояд, кушта гӯшташро мефурӯшему ба ҷояш Барзагови дигар мехарем. Маслиҳати ман ин аст, ки ту акнун ба рағбати тамом хӯрок хӯру сиҳат буданатро маълум кун, ки набошад ҳолат хароб мешавад.

Барзагов, ки чунин ранг гирифтани ҳодисаро ҳеҷ интизор набуд, аз Хари ғамхор миннатдор шуда, фавран ба иҷрои маслиҳати ӯ кӯшид. Вақте ки Деҳқон хӯрок овард, худро саломату бардам нишон дода, бо завқи тамом ба хӯрдан сар кард. Хӯҷаин ин ҳолро дида, шод шуду саҳарӣ онро ба ҷуфт даровард.

Аз ин миён чанд рӯз гузашт. Барзагов аз нав ба Хар дар бораи вазнинии аҳволаш шикоят кард. Хар дуру дароз фикр карду баъд пурсид:

– Ту тамоман халос шудан мехоҳӣ?

– Албатта, мехоҳам!

– Ин тавр бошад, – гуфт Хар – биё, аз ин ҷо мегурезем.

– Ба куҷо мегурезем? – пурсид Барзагов.

– Ба ягон чарогоҳ меравему чарида мегардем, – ҷавоб дод Хар.

Барзагов дудила шуда гуфт:

– Гапат маъқул-куя, вале мо чӣ хел дар чарогоҳ аз чанголи Гургу Паланг эмин мемонем?

– Ягон илоҷ меёбем, – гуфт Хар. Ҳамон шаб ҳар ду гурехта рафтанд. Шабро дар канори як деҳа гузаронида, саҳарӣ рафта истода буданд, ки як Хурӯс онҳоро дида монду пурсид:

– Эй ҷӯраҳо, куҷо рафта истодаед?

Хар гуфт:

– Мо аз дасти соҳибамон гурехтем, ба ягон ҷои хилват рафта зиндагӣ мекунем.

– Ин тавр бошад, – гуфт Хурӯс, – маро ҳамроҳ намегиред, ки соҳибам дар қасди кушта хӯрдани ман шудааст.

– Хуб, биё, – гуфт Хар, – ба болои ман шин, аз ду сар будан се сар будан беҳтар аст.

Ҳамин хел се сар шуда рафтан гирифтанд. Аз наздикии як деҳаи дигар гузашта истода буданд, ки як Муш аз пешашон баромада пурсид:

– Эй ҷӯраҳо, куҷо меравед?

Хар гуфт:

– Мо аз соҳибамон гурехта, ба ягон ҷой рафта, зиндагӣ мекунем.

Муш гуфт:

– Ман дар таҳи девор хона доштам. Ду-се рӯз аст, ки соҳибхона аз кучое Гурбае оварда сар дода мондааст. Як рӯз не, як рӯзи дигар ба дасти Гурба ме-

афтаму нобуд мешавам. Агар хоҳед, ман ҳамроҳи шумо раваму аз чанголи гурба раҳоӣ ёбам.

– Хуб, биё, – гуфт Хар, – ба болои ман баро!

Хар паҳлӯ заду Муш ба болои ӯ баромад.

– Ин ҷондоракони муфтхӯр ба мо чӣ лозим?! – гуфт Барзагов аз илтифоти Хар ба Хурӯсу Муш норозӣ шуда, – чаро ин бори зиёдатиро бо худ мебарем?

– Парво накун, – гуфт Хар, – дӯстро хоҳ хурд аст ё калон, буданаш нағз аст.

Ҳамин хел се сар буданд, чор сар шуда, рафтан гирифтанд. Чанд рӯз роҳ паймуда, ба доманаи кӯҳе расиданд. Диданд, ки серсабзаву сералаф, ҳар тараф пуропури гиёҳҳои дилкаш, арзану ҷуворию ҷавдорҳои худрӯй.

– Аҷаб ҷои муносибе! – гуфт Хар, – чарогоҳи аз ин хубтару зеботар ёфтан душвор аст. Фикри Хар ба дигарон маъқул шуду он ҷо манзил гирифта, хушу хуррам зиндагӣ карда гаштанд.

Бештар аз ҳама Хар шод буд, бо рағбати тамом шикамашро сер карда, аз ин сӯ ба он сӯ, аз он сӯ ба ин сӯ ғел мезад ва ба чор тараф чорхез зада, хурсандӣ мекард. Аммо ба хурсандии ӯ як чиз халал мерасонид. Шарикон аз тарси он, ки Гург шунида намонад, аз ӯ илтимос карда буданд, ки ҳангос назанад.

Рӯзе тоқати Хар тоқ шуд.

– Ман дигар сабр карда наметавонам, ҳангос задан мехоҳам, – гӯён ба дӯстонаш гӯш надода, дурудароз ҳангос зад.

Кӯҳҳо акси садо доданду овози Хар ба ҷойҳои дур рафта расид. Ин овозро галаи гургони гурусна шуниданд, ки кӯҳ ба кӯҳу дашт ба дашт сайд кофта мегаштанд. Сардори Гургон ба як Гурги зӯру чаққон гуфт:

– Ин овози Хар аст, рав фаҳмида биё, ки ин Хар дар куҷост, танҳо аст ё соҳиб дорад?

Гург ба сӯи овози Хар тохт. Омада истодани онро аз ҳама пеш аз болои дарахт Хурӯс дида монда, дигаронро хабардор кард.

Гов ғазаб карда, ба Хар гуфт:

– Ба гапи мо гӯш накардию ба сарамон Гургонро овардӣ! Хуни мо ба гардани туст!

– Парво накун, ҷӯраҷон, – гуфт Хар, – аз одам, ки халос шудем, аз чанголи Гургон ҳам халос мешавем, ҳоло ту пинҳон шаву то чеғ назанам набаро!

Гов руст шуд. Гург наздик омада дид, ки як Хари фарбеҳи лӯнда чарида гаштааст. Фикр кард, ки равам, ба шариконам хабар диҳам. Баъд даҳонаш об кушоду худ ба худ гуфт, ки аввал худам хӯрда, сер шавам, сонӣ ягон гап мешавад. Бо ҳамин мақсад Гург пеши Хар омаду гуфт:

– Эй Хар, аҷалат расидааст.

– Хайр чӣ илоҷ? – гуфт Хар. – Кучҳоямро аввал мехоҳӣ бихӯрӣ?

– Кучҷот нарму мулоим бошад.

– Миёни ду пои қафоям мулоиму равғанин, ман пуштнокӣ хоб карда, пойҳоямро мекушоям, ту кайф карда хӯрдан гир.

– Хайр, хоб кун! – гуфт Гург.

Хар гуфтагиаш барин хоб карда, пойҳояшро кушод. Гург мегазам гуфта, сари худро хам карда буд, ки Хар каллаи ӯро бо ду пояш пахш карда, фарёд кард:

– Эй паҳлавони одамизод, баро зан! Эй шоҳи таги замин, баро гӯр ков! Эй муаззини хушовоз, ба ҷаноза хабар кун!

Барзагов тохта омада, бо шоххои тезаш Гургро задан гирифт. Муш тохта баромада, ба кофтани таги пои Гург машғул шуд, Хурӯс бошад:

– Қу-қу-қу-қууу... – гӯён фарёд баровард.

Баъди он, ки Гург маҷрӯҳу хуншор шуд, Хар каллаи ӯро сар дод. Гург ҳар чи қувват дошт, гурехта ба галаи гургон расиду гуфт:

– Зуд гурезед, ки чаҳор паҳлавон пайдо шудааст, якташ банд меандозад, якташ мекӯбад, якташ гӯр мекобад, якташ ҷаноза мехонад.

Гургон роҳи гурезро пеш гирифтанд ва дар ин манзил дигар гурге пайдо нашуду Хару Барзагову Мушу Хурӯс то охири умрашон бо хотири ҷамъу дили беғам зиндагӣ карда гаштанд.

# БУЗАКИ БОАҚЛ

Дар як деҳае Бузаке буд. Соҳиби вай хеле зани хасис ва ҷоҳил буд. Тамоми рӯз ба вай танҳо як бандча алафи хушк медоду халос, аммо вақти дӯшидан тамоми шири ӯро дӯшида, боз ба пистонаш бо мушт мезад.

Бузро соҳибаш шаш рӯз дар оғил медошту танҳо рӯзи ҳафтум барои чаридан ба саҳро мебаровард. Як рӯз Бузак дар саҳро машғули алафхӯрӣ буд, ки ба наздаш Гӯсфанде омад ва ба Буз салом дод. Вай чунон харобу лоғар буд, ки танҳо пӯсту устухон дошту тамоми қабурғаҳояш намудор буданд.

Буз ҳам бо эҳтиром ба саломи Гӯсфанд ҷавоб дод ва гуфт:

– Аз нигоҳ кардан ба ту шарми кас меояд. Дар бадани ту ҳар ҷо-ҳар ҷо қабзаи мӯйи боқӣ мондааст у халос ва ҳамин ҳам ба ту вазнинӣ мекунад.

Аз Буз чунин суханҳоро шунида, Гӯсфанд гуфт:

– Эҳ Бузак, Бузак, ту аввал ба худат як нигоҳ кун, баъд ба дигарон гап зан. Ту бубин, ки дар тани ту аз тани ман дида мӯйи бисёр нест.

Буз аз ин суханҳои Гӯсфанд шарм дошт. Онҳо ҳар ду дӯст шуданд ва ба ҳамдигар аз рӯзгори худ наклҳо карданд. Байни худ маслиҳат карданд, ки аз зиндагонии сахти худ роҳи халосиро бояд ҷӯянд ва аз хонаи соҳибони худ гурезанд.

– Ба куҷо ҳам мегурезем? – пурсид Гӯсфанд.

Буз бо шохаш ба дуриҳо ба кӯҳ ишора карда гуфт:

– Падарам доим мегуфт, ки дар кӯҳистоне, ки аз дур менамояд чарогоҳи хеле хуб ҳаст, дар он ҷо оби ширин, ҳавои тоза ва алафзори каб-кабуд ҳаст. Агар мо ба он ҷо расем, то охири умр чун дар ҷаннат умр ба сар мебарем.

Суханҳои Буз ба Гӯсфанд хеле маъқул афтод. Онҳо ҳар ду якҷоя ба сӯи кӯҳсор роҳ гирифтанд. Мерафтанд ва ногаҳон дар роҳ чангу ғуборро диданд ва ба якдигар гуфтанд:

– Ин чӣ бошад?

Наздиктар рафта диданд, ки Гӯсолае будааст. Гӯсола низ бениҳоят харобу дард-манд менамуд, ки сутунмӯҳрааш чун дандонаҳои арра ба назар мерасид.

Бузу Гӯсфанд ба ӯ салом доданд, аммо Гӯсола ба ҷавоб танҳо калла ҷунбонду халос ва пурсид:

– Ба куҷо рафта истодаед, дӯстон?

Буз ҷавоб дод:

– Шумо аз мо калонтар, аввал шумо гӯед!

– Эй, хоҳарҷон, тамоми ҳафта кор карда истодаам. Имрӯз хӯҷаинам иҷозат дод, ки як рӯз истироҳат кунам. Ба саҳро меравам ва мехоҳам камтар боқувват шавам.

Бузу Гӯсфанд ба Гӯсола нақл карданд, ки онҳо қарор додаанд, ки аз соҳибашон гурезанд. Гӯсола гуфт:

– Ба дили ман ҳам ин талхию сахтиҳои ҳаёт задаст. Аз саҳарии барвақт то фурӯ рафтани офтоб кор мекунӣ, шудгор мекунӣ, шабона вақти баргаштан ба ту боз аробаро бо ҳезуми бисёр бор мекунад. Мебинӣ, ки дар охур чизи кироие нест. Аз танам тамоми қувватам рафтааст. Вақтҳои охир ҳамеша фикр мекардам, ки чи тавр аз ин ҷабру зӯроварӣ халос шавам. Ана шумоёнро вохӯрдам, акнун ман ҳам ба кӯҳ меравам.

Бузу Гӯсфанд хеле шод шуданд. Онҳо секаса ба роҳ даромаданд ва хеле роҳ гашта ниҳоят ба кӯҳ расиданд. Чи хеле ки Буз нақл карда буд, ҳақиқатан ҳам, табиати кӯҳсор хеле дилрабо буда, ҳавои тоза, оби софи равон ва алафи кабуди бисёр дошт. Онҳо дарҳол шикамсерӣ хӯрок хӯрда, аз оби мусаффо нӯшиданду дар баландие зери чинор истироҳат карданд.

Ин лаҳза ҳамаро хоб бурд. Буз дар хобаш дид, ки соҳибаи ҷоҳилаш ба ӯ ҳуҷум карда мегуфт: «Ин қадар рӯз ту куҷо гум шуда рафтӣ, акнун ба ҷои рӯзҳои набудаат туро медӯшам! – ва ӯро калтаккорӣ мекард. Дар ҳамин ҷо Буз бо тамоми овозаш фарёд кард. Гӯсолаву Гӯсфанд бедор шуда, Бузакро бедор карданд. Буз дарҳол бедор шуду гуфт:

– Худоро шукр, ки хобам будааст.

Гӯсола, Буз ва Гӯсфанд дар кӯҳистон озодона зиндагӣ мекарданд. Ҳеҷ кас онҳоро нороҳат намекард, аз пагоҳ кор намефармуд. Дар муддати кӯтоҳ онҳо серӣ хӯрок хӯрданд. Гӯсола бошад, чунон фарбеҳ шуда рафт, ки худписандона худро шоҳи ҳайвонҳо ҳис мекард. Як шаб вай ба Бузу Гӯсфанд гуфт, ки дар оғил ӯ нафастанг шуда истодааст ва мехоҳад дар таги чинор хоб кунад.

Шабона якбора барф борид ва хело хунук шуд. Пагоҳӣ Бузу Гӯсфанд баромада диданд, ки Гӯсола наҷунбида хоб рафтааст ва ҳатто забонаш намегашт.

– Чӣ кор мекунем ӯро? – гуфт Гӯсфанд.

– Ӯро ҳатман дар назди оташ гарм кардан лозим, – гуфт Буз ва ба болои чинор баромада, ба дуриҳо нигоҳ кард, дид, ки аз дур аз дохили горе дуд мебарояд.

– Ана! – фарёд кард Буз. – Дуд менамояд, яъне оташ ҳам ҳаст.

Буз тез аз чинор фаромада, бо Гӯсфанд якҷоя Гӯсоларо ба сӯе, ки дуд намудор буд, гирифта рафтанд.

Дар роҳ онҳо дар дарахте пӯсти Паланг, Гург, Хирс ва Рӯбоҳро овехта диданд ва барои он ки Гӯсола гарм шавад ҳамаашро ба болои ӯ пӯшиданд.

Вақте ки ба ғор даромаданд диданд, ки ғор аз ҳайвонҳои ваҳшӣ пур асту дар тахт шохи ҳайвонот– Бабр нишастааст. Маълум шуд, ки дар ин ҷо ҳайвоноти ваҳшӣ ҳафтае як маротиба базм ороста бо навбат хӯрокиҳо тайёр мекарданд ва имрӯз навбати Рӯбоҳ буду ӯ чизе наоварда буд.

Ҳайвонот Рӯбоҳро муҳокима мекарданд:

– Ту барои чӣ имрӯз хӯрданӣ наовардӣ? Мо акнун туро мехӯрем.

Рӯбоҳ бошад худро сафед мекард:

– Ман дар ҳар кучо будам, аммо чизе наёфтам, агар худи Худо ёрдам накунад, банда чӣ кор мекунад?

Дар ҳамин лаҳза ба ғор Буз, Гӯсфанд ва Гӯсола даромада омаданд. Онҳоро дида Рӯбоҳ хеле хурсанд шуд ва хандон гуфт:

– Меҳмонони гиромӣ, ман шӯхӣ кардам. Ана бинед, хӯроки шоми имрӯза худаш ба наздамон ҳозир шуд. Чӣ хел гӯшти Буз бомазза, равғани Гӯсфанд мулоим, ронҳои ин Гӯсола чӣ хел фарбеҳу сергӯшт.

Ҳайвонҳо шодона овоз бароварда ба Бузу Гӯсфанду Гӯсола дандон тез карда ҳуҷум оварданд.

– Акнун мо тамом, – нидо карданд Гӯсфанду Гов.

Аммо Бузаки доно ба пеш баромада гуфт:

– Гӯш кунед, ман қассоб ҳастам ва фармоиш гирифтаам, ки шастоӣ пӯсти Хирсу Палангу Гург ва Рӯбоҳро тайёр кунам ва то охири ҳафта гирифта барам. Худоро шукр, моро ба ғоре овард, ки ин гуна ҳайвонҳо хеле бисёранду ман сарсон шуда намекобам. Агар бовар накунед, мана, ман аз ҳар кадоме яктоӣ дорам, – гуфта Буз аз болои Гӯсола пӯстҳоро гирифта нишон дод.

Аз ин ҳамаи ҳайвон тарсида, аз ғор оҳиста баромада гурехтанд ва танҳо шоҳи ҳайвонҳо – Паланг дар ҷояш монд ва ӯ низ бо тарс ба Буз нигоҳ мекард. Акнун мехост аз ҷояш хеста гурезад, ки дарҳол Гов бо шохаш ӯро ба девор тела кард ва Бузу Гӯсфанд ӯро шох мезаданд. Паланг аз тарс фарёд кард:

– Рафиқон! Маро озод кунед, қавл медиҳам, ки дар ин кӯҳсор ягон ҳайвони ваҳшӣ намемонад.

Бузу Гӯсфанду Гов ба қавли шоҳи ҳайвонҳо бовар карда, ӯро озод карданд. Онҳо аз ғолибият шоду мамнун ба хонаи худ баргаштанд. Аммо ҳайвоноти ваҳшӣ ҳама ҷамъ шуда маслиҳат карданд:

– Чӣ хел мо аз пораи гӯшт тарсидем? Биёед, якҷоя онҳоро несту нобуд мекунем, – гӯён бо сарварии шоҳашон, ки аз қавлаш гашта буд, ба сӯи хонаи Бузу Гӯсфанду Гов омаданд.

Онҳоро аввалин шуда Буз дид. Ӯ ба Гову Гӯсфанд фармуд, ки ба болои чинор бароянд ва худаш ба болои кӯҳ баромад.

Ҳайвонҳои ваҳшӣ омада диданд, ки дар хона ҳеҷ кас нест, ба Рӯбоҳ гуфтанд:

– Ту фол бин, канӣ инҳо дар куҷоянд?

Рӯбоҳ нишаста ба фолбинӣ сар карду боқимонда ҳамаи ҳайвонҳо ба даҳони ӯ нигоҳ мекарданд. Дар ҳамин лаҳза аз осмон садои бадвоҳима баромада, ба сари ҳайвонҳои ваҳшӣ чизе бо овоз фаромад. Ин Гов буд, ки аз тарс аз шохи дарахт ғалтида, аз қафояш Гӯсфандро низ кашола карда буд.

Буз бошад худро гум накарда фарёд зад:

– Доред, доред, фолбинро доред!

Аз ҳолати ногаҳонӣ ҳайвоноти ваҳшӣ тарсида, чунон роҳи гурезро пеш гирифтанд, ки дигар хоҳиши дубора омадан надоштанд.

Бузак, Гӯсфанд ва Гов хушбахтона дар кӯҳсор зиндагӣ карданд.

# ШЕР, ШАҒОЛ ВА РӮБОҲ

Шер, ки подшоҳи ҳайвонот буд, рӯзе бемор шуду ӯро маҷоли шикор кардан намонд. Дар ин ҳол удайчии дарбори худ Рӯбоҳ ва дастурхончиаш Шағолро даъват карда гуфт:

– Солҳои дароз шумо аз дастурхони ман нону навола хӯрдед, имрӯз, ки ман бемору беҳолам, ғами хӯроки маро хӯрданатон лозим аст.

Рӯбоҳ бо адаб замин бӯсида, аз пеши Шер баромада рафт ва дашту саҳроро гашта, ба Оҳуе рӯ ба рӯ омада гуфт:

– Ҳазрати подшоҳи аъзам бемор шуданд ва аҳд карданд, ки баъд аз ин хуни раияти худро нарезанд ва ба гӯшту равғани онҳо оби даҳон наёмезанд, ба шукри ин марҳамати зоти олӣ ба мо лозим аст, ки рафта арзи ташаккур намоем. Биё, ки ба адо кардани ин вазифа ману ту аз дигар ҳайвонҳо пештар равем

Оҳу розӣ шуд ва ҳар ду ба тарафи дарбори Шер раҳсипор гардиданд...

Вақте ки онҳо ба пеши Шер расиданд, Рӯбоҳ сар хам карда, арзи ташаккур кард ва баъд аз вай Оҳу ҳам ба пеши Шер сар хам карда буд, ки Шер дасти худро ёзонд ва ба як фишор ҳалқуми вайро даронд...

Баъд аз баромадани ҷони Оҳу Шер ба Шағол гуфт:

– Ту, ки дастурхончии дарбори мо мебошӣ, ин таомро тақсим кун!

Шағол гуфт:

– Шуш, ҷигар, гурда, дил, тан аз они ҳазрати подшоҳ аст, сару гарданаш аз они удайчӣ ва барои фақир почаҳояш басанда...

Шер бо шунидани ин тарзи тақсимот дар ғазаб шуда, чанголи худро ёзонду ҳалқуми шағолро ҳам даронд. Дандон ва забони вайро рез-резкунон гуфт:

– Ҳоло ту мехоҳӣ бо ҳамин забонат гӯшти раияти маро тақсим намоӣ ва бо ҳамин дандонҳоят дасту пои ӯро хоӣ?!

Баъд аз ин ба Рӯбоҳ нигоҳ карду фармуд:

– Акнун ин хизматро ту адо кун!

Рӯбоҳ бо таъзим гуфт:

– Ҷаҳонпаноҳо! Шуш, ҷигар, дилу гурдаи Оҳу барои таоми пагоҳии шумо, тану тӯшу ронҳояш барои таоми нисфирӯзиатон ва каллаву почаҳояш таоми шабонаи Шумо, ҳазратам, барои ин банда саломатии шумо, зоти олӣ, басанда аст.

Шер бо шунидани ин суханҳо қоҳ-қоҳзанон хандида гуфт:

– Эй вазири соҳибтадбири ман, ин гуна тақсими одилонаро ту аз кӣ омӯхтӣ?

Рӯбоҳ ҷавоб дод:

– Аз кӣ мешуд? Аз гардани шикастаю шиками даридаи Шағол омӯхтам!

# ХОНАИ ЗАРГӮШАК

Буд, набуд, Заргӯшаки чолоку ҳушёре буд. Тобистон ҷояш бешаю боғот буду тирамоҳ, ки расид, хоначаи зебою мустаҳкам месохт, даруни хонаро андова мекард, ба таги пояш хасу хошоки мулоим мепартофт, алафҳои хуштаъм, меваю сабзавот ҷамъ карда, дар пешгаҳи хоначааш ғарам карда мемонд. Ҳамин тавр, Заргӯшаки боғайрат бо дили беғаму хотири ҷамъ зимистонро мегузаронид.

Соле зимистон бисёр сахт шуд. Рӯбоҳ, ки ба як ғор даромада хобида буд, тоқат накарда, тозону ларзон аз ғор баромада омада, дари хонаи Заргӯшакро тақ-тақ кард.

– Кист, ки дари хонаи маро тақ-тақ мекунад? – пурсид Заргӯшак.

– Ман Рӯбоҳ, ҳамсояи Шумо.

– Шумо, ҳамсоя, аз ман чӣ мехоҳед?

– Хунук хӯрдам, мехоҳам, ки дар хонаатон гарм шавам.

Заргӯшак, ки бадхоҳ будани ҳамсояашро медонист, фикр карда монд.

– Дасту поям карахт шудааст, аъзои баданам тароша* барин шах шудагӣ, – гуфт Рӯбоҳ нолиш карда, – ба ҳоли ман раҳм кунед!

Дили Заргӯшак ба Рӯбоҳ сӯхту дарро кушод. Рӯбоҳ шитобон даромада, Заргӯшакро зада берун карда, хонаи ӯро соҳиб шуду дари хонаро аз дарун маҳкам кард.

Заргӯшак гирёну нолон рафта истода буд, ки аз пешаш Бузичае баромада:

– Ҳа, Заргӯшак, ҳар вақт шоду хандон будӣ, имрӯз гирёну нолон, ба ту чӣ шуд? – гуфт.

– Ман гиря накунам, кӣ гиря кунад, ки Рӯбоҳи ноинсоф маро аз хонаам зада пеш кард, – гуфт Заргӯшак.

– Э нодон, ба ту ки гуфт, ки раҳми Рӯбоҳи маккорро бихӯрӣ? Рафтем хонаатро гирифта медиҳам, – гуфт Бузича.

Заргӯшак далер шуда, ҳамроҳи Бузича ба хонааш равон шуд. Бузича бо шохҳояш дари хоначаро тақ-тақ кӯфта гуфт:

– Рӯбоҳ хонаи Заргӯшакро ба нағзӣ холӣ кун, вагарна...

– Ҳа, бадбахт, ин овози ту? Ман кай боз туро кофта гашта будам, – гуфт Рӯбоҳ аз даруни хона овозашро ғафс карда ва бо тамоми қувваташ худро чунон

* Чӯби хушкшудаи борик

ба дар зад, ки таккача тарсида, роҳи гурезро пеш гирифт. Заргӯшак аз паси ӯ тохт.

Ҳамин хел Бузичаю Заргӯшак гурехта рафта истода буданд, ки аз пешашон як Хурӯси гардандароз баромада пурсид:

– Ҳой, Бузичаву Заргӯшак, ба куҷо гурехта рафта истодаед?

Заргӯшак нафасашро гирифта, воқеаро гуфта дод.

– Эй Заргӯшак, ғам махӯр, аҷали Рӯбоҳ манам, аз қафои ман биёед, вай ҳилагари аблаҳро ман дар пеши назаратон боб карда пеш мекунам, – гуфт Хурӯсак.

Хурӯсак пешопеш, Бузичаву Заргӯшак аз ақиби ӯ рафтанд.

Хурӯсак дарро бо нӯлаш кӯфта, қанотакзанон ба болои боми хона баромада, бо тамоми овозаш фарёдкунон гуфт:

– Эй Рӯбоҳи маккор, эй дузди айёр, ба тезӣ хонаро холӣ кун!

Рӯбоҳ аз дарун гуфт:

– Исто, худи ту кистӣ кӣ ба ман таҳдид мекунӣ?!

– Ман ҷӯраи Заргӯшак, номам Хурӯспаҳлавон, фаҳмидӣ?!

– Ин қадар дӯғ назан! Ман модару падару бобои туро мешиносам. Дирӯз ду Хурӯсу ду мокиёнро сар канда будам, дар ҳайратам дар он миён ту чӣ хел зинда мондӣ?

– Ман медонам, ки ту душмани қаттоли мурғонӣ, – гуфт Хурӯс. – Ҳоло вақти ҷазои ту расид. Ҳозир ба деҳа рафта соҳибони мурғонро хабар медиҳам, омада бо ту ҳисобу китоб кунанд.

Рӯбоҳ ин гапро шунида бо ғазаб:

– Ту чиҳо гуфта истодаӣ? Ҳоло дар ҷоят ист! – гӯён дарро тақаррос зад. Бузичаву Заргӯшак гурехтанд. Хурӯс ҳам чӣ кор карданашро надониста, аз паси онҳо гурехта рафт.

Заргӯш зор-зор гиря кард. Бузичаву Хурӯсак бисёр зиқ шуданд, лекин намедонистанд, ки чӣ кор кунанд.

– Хона аз даст рафт – гуфт Заргӯшак – илоҷи дигар нест. Аҳволи ман акнун чӣ мешавад?!

Ҳамин вақт шамоли хунуке аз кучое пайдо шуду сари рӯи онҳоро лесида гуфт:

– Ассалому алейкум! Ҳа ҷӯраҳо, барои чӣ шумо ғамгинед? Шуморо кӣ ранҷонд?

Бузичаву Хурӯсак Заргӯшакро нишон дода гуфтанд:

– Рӯбоҳи маккор хонаи ин бечораро кашида гирифт. Мо ӯро пеш карданӣ шудем, зӯрамон нарасид.

Шамол мисли Шер ғуррида, ба гирду атроф давр зада гуфт:

– Ба гапи ман гӯш кунед! Шумоён рафта пеши хонаи Заргӯшак истед, ман рафта бародарам Шамоли гармро мефиристонам, ҳамин, ки омад, шумо гарм шуда, рақсу бозӣ кардан гиред.

Шамол як чарх заду чангу хошокро ба осмон бардошта, аз назар ғоиб шуд. Дере нагузашта ба назди онҳо Шамоли гарм пайдо шуда омад, Заргӯшаку Бузичаву Хурӯсакро ба канораш гирифт. Заргӯшак тафсида, аз хурсандӣ ба рақс даромад, Хурӯсу Таккача ба сурудхонӣ даромаданд.

Шамоли хунук бошад, аз зиҳи* дару даричаҳо зада, ба хонаи заргӯшак даромаду Рӯбоҳро ба чор сӯи хона пеш кардан гирифт. Рӯбоҳ хунук хӯрда ларзид. Ҳамин вақт ба гӯшаш суруд расид. Аз сӯрохии дар нигоҳ кард, ки берун ҳаво гарм, Заргӯшак рақсон асту Бузичаву Хурӯсак шодикунон сурудхонӣ карда истодаанд.

Шамоли хунук торафт зӯр шуда, ба Рӯбоҳ ҳуҷум мекард. Тоқати Рӯбоҳ тоқ шуд. Вай саросемавор дарро кушода, худро аз ин сармои тоқатшикан ба гармие, ки дар берун ҳукмфармо буд, зад. Аммо Шамоли хунук ҳам баробари вай берун баромад.

Заргӯшаку бузичаву хурӯсак фурсатро ғанимат дониста, тозон ба хона даромада, дарро маҳкам карданд. Шамоли гарм ҳам ҳамроҳи онҳо ба дарун даромада хонаро гарм кард.

Рӯбоҳ бошад, аз Шамоли хунук ҳеҷ халос шуда наметавонист. Ба таги дари хонаи Заргӯшак омад, гиряву зорӣ кард. Аммо Заргӯшак, «ту фиребгар, ҷазоятро каш!» – гӯён Рӯбоҳро дигар ба хонаааш роҳ надод.



---

* Ҷойҳои сӯрохи назди дар

# ҚИСМИ ДУЮМ



# БОИ ЗОЛИМ ВА КАЛИ ЗИРАК

Буд набуд як зан буд. Шавҳараш бармаҳал вафот карда, се писараш ятим монд. Зан хунобаи дил хӯрда, бо нӯги дуку захми сӯзан фарзандонашро калон кард. Онҳо ба воя расиданду охирин торҳои мӯи сари зан ҳам сафед шуд. Рӯзе кампир ба писаронаш гуфт:

– Акнун шумоён калон шудаед, ман бошам, пир шудаам, дастони бемадорам дигар чарх гардонда наметавонанд, чашмони хираам дигар сӯрохи сӯзанро намебинанд, равед, мардикорӣ кунед, нони худро ёфта хӯред.

Писари калониаш ин гапро шунида гуфт:

– Модарҷон, ман тани сиҳат, дастони пурқувват дорам, меравам, мардикорӣ мекунам, ҳар чӣ ёбам гирифта меорам.

Кампир нон пухт, ба як рӯймол баста ба писараш доду ӯро гусел кард. Ҷавон рафт, ба шаҳр расид, пурсуҷӯ карда, ҳавлии як бойро ёфта, дарвозаашро тақ-тақ кард. Бой баромада дид, ки як ҷавон истодааст, пурсид:

– Ба ман чӣ кор дорӣ?

Ҷавон гуфт, ки:

– Ман мардикор ҳастам.

Бой пурсид:

– Ҷуфт ронда метавонӣ?

– Метавонам, – ҷавоб дод ҷавон.

Бой ҷавонро ба хонааш дароварда, гуфт:

– Хуб, ман туро мардикор мегирам, вале як шарт дорам, агар қабул кунӣ молу пули зиёд медиҳам, агар қабул накунӣ, ба роҳат рав.

Ҷавон гуфт:

– Шартатонро гӯед.

Бой гуфт:

– Ман ҳар чи фармоям, мекунию хафа намешавӣ, намеранчӣ! Агар хафа шавӣ гӯшу биниатро мебурам, агар ман аз ту бо сабабе хафа шавам, ту гӯшу бинии маро мебурӣ.

Ҷавон каме фикр карда розӣ шуд. Ҳамон шаб хоб кард, рӯзи дигар бой саҳарии барвақт ӯро аз хоби ширин бедор карда, якто нон дода гуфт:

– Хез кор кун!

Ҷавон хест, бо фармоиши бой ба як хар гандум, ба барзаговон югу сипорро бор карда, ба саҳро рафта истода буд, ки бой гуфт:

– Ҳамин рӯз ҳамаи гандумро ба замин мепошӣ, баъд як хар ҳезум карда гирифта меорӣ!

Ҷавон хуб гуфту рафт. Вай бӯзбалаи боқуввати меҳнатӣ буд, хеле заминро ҷуфт кард, гандум пошид, ба кӯҳ баромада, як дарахти дӯлонаро ғалтонд, майда карда ба хар бор карду ба хонаи хӯҷаинаш омад. Бой ба пешвоз баромада пурсид:

– Хайр монда нашудӣ? Хафа нашудӣ?

Ҷавон баъди ин қадар кори зӯр монда шуда буд. Вале шартро ба хотир оварда:

– Не, монда нашудаам, хафа нашудаам, – гуфт.

Рӯзи дигарӣ ҳам бой ӯро барвақт бедор карда, ҳамон корҳоро фармуд. Ҷавон фармудаҳои ӯро базӯр иҷро карда, аввали шаб баргашт. Чанд рӯз аҳвол ҳамин буд. Меҳнати зӯр ҷавонро бемадору беҳол кард.

Як рӯз бевақт шуду вай ҳезум карда натавонист, маъюсу ғамгин баргашт. Бой баромада дид, ки ҳезум нест дар ғазаб шуду пурсид:

– Барои чӣ ҳезум наовардӣ?

– Бевақт шуд, ҳезум карда натавонистам.

Бой ӯро хеле дашном доду баъд пусид:

– Хафа шудӣ?

Косаи сабри ҷавон лабрез шуда буд, вай дигар тоқат карда натавониста гуфт:

– Ба ин азоб чӣ қадар тоқат кардан мумкин аст, ту золим будаӣ!

Бой:

– А, ту хафа шудаӣ! – гӯён дарҳол гӯшу бинии ӯро бурида, баровавда пеш кард. Ҷавон бо гӯшу бинии бурида, ба хонааш омад. Кампир ӯро ба ин ҳол дида, доду фиғонааш ба осмон печид.

Ҷавон воқеаи шудагиро гуфта дод. Писари миёна дар ғазаб шуда гуфт:

– Ту аз танбалӣ ба ин ҳол афтодаӣ, ман ба ҷои ту рафта хизмат мекунам, шартҳои бойро иҷро карда, аз ӯ пули зиёд мерӯёнам.

Вай хеста ба хонаи бой равон шуд. Ба хонаи бой расида дари ӯро тақ-тақ кард. Бой баромада пурсид.

– Ба ман чӣ кор дорӣ?

Писарак гуфт:

– Ман омадам, ки ба ҷои акаам ба шумо хизмат кунам.

Бой дар пеши ӯ низ ҳамон шартро монд. Писарак қабул кард. Вай ҳам ҳар рӯз ба хар гандум, ба барзаговон юғу сипорро бор карда, ба сари замини бой равон мешуд. Ҷуфт меронд, дон мепошид ва бегоҳӣ як хар ҳезум карда бармегашт. Чанд вақт ҳамин хел давом кард. Рӯзе ҷавон беҳад монда шуда, ҳезум карда натавонисту ба хонаи бой бе ҳезум омад.

Бой баромада дид, ки хизматгор ҳезум наовардааст, норозӣ шуда гуфт:

– Барои чӣ бе ҳезум омадӣ?

Ҷавон дар ҷавоб гуфт:

– Монда шудам.

Бой дар ғазаб шуда, ӯро хеле ҳақорат доду пурсид:

– Хафа шудӣ?

Тоқати ин ҷавон низ тоқ шуда буд, вай дигар сабр карда натавониста гуфт:

– Албатта, кас аз ин зулму таҳқир хафа мешавад!

Бой дарҳол гӯшу бинии ӯро бурида, баровавда пеш кард.

Ҷавон гирёну нолон ба пеши модараш омад. Фиғони дилхароши кампир баланд шуд, вай ба бинию гӯши буридаи фарзандаш нигоҳ карда мегуфт:

– Хонаат сӯзад бой, рӯзи некиро набинӣ, бой!

Писари хурдии кампир, кал буд, гуфт:

– Акаҳо шумо сустӣ кардед, нодонӣ кардеду ба ин ҳол афтодед, ман рафта шарти бойро иҷро мекунам.

– Нарав, ту ҳам ба ин ҳол гирифтор мешавӣ, ҳар сеят ин хел бе гӯшу биннӣ шавед, ман чӣ кор мекунам?! – гуфт модараш ӯро рафтанӣ намонд.

Кал гӯш накарда баромада рафт. Омада дари бойро тақ-тақ кард. Бой баромада пурсид.

– Ҳа, кал, ба ман чӣ кор дорӣ?

Кал гуфт:

– Акаҳои ман омада хизмати шуморо ба ҷо оварда натавонистанд, ман мехоҳам ба ҷои онҳо хизмат кунам.

Бой ӯро дароварда, ҳамон шарташро гуфт. Фардо шуд. Бой саҳарӣ калро бедор карда, ба ҷуфтронӣ фиристод. Кал ба сари замин омада, як хар гандуми бойро ба чуқурие рехту дар сояи дарахт хоб кард. Бегоҳӣ шуд, кал юғу сипори бойро шикаста, ба хар бор карда омаду хӯҷаинашро ҷеғ зад.

– Мана, ҳезум, гиред! – гуфт.

Бой пурсид:

– Эй калҷон, ин ҳезуми қокро аз куҷо ёфтӣ?

Гуфт:

– Ҳамон юғу сипоратонро шикастаму ҳезум карда овардам.

– Барои чӣ ин тавр кардӣ?! – ғазабашро базӯр нигоҳ дошта гуфт бой.

– Хӯҷаин магар хафа шудед?

Бой ғазабашро фурӯ нишонда гуфт:

– Не, хафа нашудаам.

– Хафа нашуда бошед, – гуфт кал, – то пагоҳ як ҷуфт сипори дигар тайёр карда монед.

Кал боз пагоҳии барвақт ба ҷуфтронӣ рафт, гандумро рехта баҳузур хоб карду бегоҳӣ юғу сипорро ҳезум карда баргашт. Бой дарун-дарун сӯхт, аммо чизе нагуфт.

Як рӯз кал ҷуфт ронда истода, фикр карду яке аз барзаговони бойро кушт, гӯшташро ба ҷуволи гандум андохт, ба хар бор кард, юғу сипорро шикаста, ба болои он баста, баргашт.

– Эй кал, як барзагови дигар канӣ?

– Куштам, – гуфт кал, – гӯшташ дар ин ҷувол, магар хафа шудед?

Бой дандон ба дандон монда гуфт:

– Не, хафа нашудаам.

Кал ҳамин хел ҳар рӯз гандуми бойро мерехт, юғу сипорашро мешикаст, барзаговашро мекушт. Бой дид, ки хонахароб шуда истодааст, ба занаш гуфт:

– Ин кал ҳама чизҳои моро нобуд кард. Тоқати ман тоқ шуда истодааст, хафа шуданам маълум мешаваду гӯшу биниамро мебурад, ягона роҳи халосӣ аз дасти ӯ гурехта рафтан аст.

Занаш маслиҳати ӯро маъқул донист. Аввали шаб бою занаш бору банда-шонро тайёр карда, чизҳои қиматбаҳояшонро дар як сандуқ андохтанду охири шаб гурехта рафтанӣ шуда, хоб карданд.

Хобашон, ки бурд, кали ҳушёр чизҳои сандуқро бароварда, дар як ҷо пинҳон карду худаш ба даруни сандуқ даромада, хоб кард.

Бою занаш нимишабӣ хестанд, бору бандашонро гирифта, роҳи гурезро пеш гирифтанд. Рафтанд, рафтанд, аз хонаашон анча дур шуданд, монда шуданд. Дар як ҷои сояву салқин истоданд, то дам гиранду баъд роҳашонро давом диҳанд.

Бой ба занаш гуфт:

– Чой ҷӯшон, ягон чиз хӯрем.

– Кал мешуд, ҳезум меовард, – гуфт занаш.

Кал ин гапро шунида, аз сандуқ овоз баровард:

– Ман дар ин ҷо ба хизмататон тайёр!

Бой аз ин ҳодиса дар ғазаб шуда фарёд кард:

– Эй кали лаънатӣ, як анбор ғаллаамро як дон намонда несту нобуд кардӣ, боз як сандуқ чизҳои қиматбаҳоямро ғорат карда, аз қафои мо омадӣ! Ту инсоф дорӣ ё не?

– Эй хӯҷаин, мебинам, ки хафа шудаед, – гуфт кал.

Бой худдорӣ карда натавониста, боз ҳам баландтар фарёд кард:

– Баъди ҳамаи ин номаъқулии ту ман хафа нашавам, кӣ хафа мешавад?!

– Ана шартро бой додед! – гуфт кал кордро аз миёнаш кашида, гӯшу бинии бойро бурида партофту ҳамин хел аз бой интиқоми акаҳояшро гирифта, ба мурodу мақсадаш расид.



# ДОНАК

Буд, набуд, як бача буд, номаш Баҳром буд. Вай як рӯз як бозикунӣ рафту як донаки зардолу ёфт. Онро ба модараш нишон дода гуфт:

– Модарҷон, ин донакро шикаста хӯрам ё кишт кунам?

Модараш маслиҳат дод:

– Нашикану бурда ба замин шинон, об андоз, ниҳол шуда мебарояд, парвариш кун, дарахти калон мешавад, мева мекунад, ҳузур карда хӯрда мегардӣ.

Баҳром хуб гуфта, донакро бурда гӯр карда, об доду гуфт:

– Эй донак, агар то омадани ман насабзӣ, кофта мегираму шикаста мехӯрам!

Чанд вақт гузашту омада дид, ки донак сабзидаасту ниҳол шудааст. Ниҳолро дида, пеши модараш омада гуфт:

– Модарҷон, донак ниҳол шудааст, ниҳолро канда, чиллаку шоф карда, бозӣ мекунам.

– Накан! – гуфт модар. – Об деҳ, ниҳол дарахт шавад, дарахт мева кунад, меваҳои онро мазза карда мехӯрӣ.

Бача омаду ниҳолро об дода гуфт:

– Эй ниҳолак, агар то омадани ман дарахт нашавӣ, аз решаат канда мепартоям.

Чанд вақт гузашту бача омада дид, ки ниҳол дарахти калону сершох шудааст.

Дарахтро об дода гуфт:

– Эй дарахт, агар то омадани ман ғарқи мева нашавӣ, афтонда ҳезум мекунаму ба хона мебарам, модарам месӯзад.

Боз чанд вақт гузашту бача омад. Омад, ки дарахт ғарқи мева шудааст. Хурсанд шуда, ба болои дарахт баромаду зардолу хӯрда шишт.

Ҳамин вақт як албастӣ худро ба шакли кампири кӯр дароварду ба китфаш халта, ба дасташ асо гирифта, ба таги дарахт омад. Ба таги дарахт омада, фикр кард: «Ин бачаро нест карда, дарахташро соҳиб мешаваму меваашро хӯрда мегардам».

Албастӣ ҳамин хел фикр карду ба Баҳром гуфт:

– Писарҷон, аз раҳи дур омадам, ҳалқам қоқ шуд, камтар зардолу деҳ...



Бача якгала зардолу чида, ба пеши кампир партофту гуфт:

– Ана, оначон, гиред, хӯред!

– Ой бачам, – гуфт кампир, – ман як пиразани оҷиз, чашмонам намебинанд, дастонам намегиранд, худат фаромада, ба дастам надиҳӣ, ман ёфта наметавонам.

Бача аз дарахт фаромада, зардолуҳоро чида, ба кампир дароз кард. Дароз карда буд, ки албастӣ дасташро дошта гирифту ба халтааш андохта, ба китфаш партофта бардошта рафт.

Албастӣ ба ҳавлиаш расида, халтаро як сӯ монду ба дег равған андохта, алав кард.

Вай алав карда истода буд, ки Баҳром халтаро шикоф карда берун шуду тохта рафта, ба болои сафедор баромад.

Кампир омада, ба халта нигоҳ карда дид, ки бача нест. Ин тарафро кофт, он тарафро кофт, дар ҳеҷ ҷо наёфт.

– Писарҷон, ҳо писарҷон, куҷо рафтӣ? – пурсид кампир.

Бача аз болои сафедор гуфт:

– Ман дар ин ҷо.

Албастӣ дид, ки бача дар шохи аз ҳама баланди дарахт, пойҳояшро бозӣ доронда шиштааст.

– Писарҷон ба он ҷо чи хел баромадӣ?

– Бели оҳанинро тасфондам, ба рӯяш шиштам, бел боло парид, худро дар болои дарахт дидам, – ҷавоб дод бача.

– Ин кори осон будааст-ку! – гуфта, албастӣ бели оҳанинро тафсонду ба рӯяш савор шуда буд, ки сӯхту мурд.

Бачаи зирак бо ин тадбир, ҳам худаш, ҳам дарахташро аз албастӣ халос карду шоду хуррам зардолу хӯрда, зиндагӣ карда гашт.

# НАХӮТАК

Буд, набуд, дар як деҳае деҳқоне бо занаш зиндагӣ мекард. Онҳо фарзанд надоштанд. Барои ҳамин зиндагии онҳо бо ғаму ғусса мегузашт.

Боре дари ҳавлии онҳоро пирамарди ришсафеди ришдарозе тақ-тақ мекунад. Деҳқон дари ҳавлиро кушода пирамардро ба дарун даъват мекунад. Зани деҳқон ҳамон замон дастархони пурнозу неъматро паҳн кард. Дар чойники пурнақш чои кабуд овард, пиёлаи зебо ва кулчаи равғанин овард. Дар рӯи суфа кӯрпачаи мулоим партофта, пирамардро ба нишастан даъват намуд.

Пирамарди ришсафед чой нӯшид, нон хӯрд, ба чолу кампир миннатдорӣ изҳор карду ба онҳо гуфт:

– Худоё, ҳар нияте, ки дошта бошед, амалӣ гардад!

Ҳамин тавр, воқеан, орзуи деринаи деҳқону занаш амалӣ шуда дар хонаи онҳо писаре таваллуд шуд, ки хурдакак буд ва падару модараш ӯро Нахӯтак ном ниҳоданд.

Солҳо гузашт ва Нахӯтак ба корҳои хона ба модараш ёрӣ мерасонд. Агар модараш ба об равад, писарак сатилро аз ӯ пештар гирифта ба ҷӯй медавид. Модараш мастоба пухтан хоҳад, Нахӯтак давида биринҷ меовард.

Боре модараш бо гӯшти қима угро пухта, хост, ки ба саҳро барои шавҳараш барад, ҳамон замон Нахӯтак омаду гуфт:

– Модарҷон, ман мебарам!

Ӯ табақчаро бо хӯрок ба сараш гузошту ба саҳро рафт. Роҳравон суруд мехонд. Мардум ҳайрон буданд, ки дар роҳ гӯё сурудхонон табақе медавид! Касе, ки табақро мебарад ба назар наменамуд.

Нахӯтак ба саҳро расид ва давида ба назди падараш омада гуфт:

– Бишин падарҷон, хӯрок хӯр! Ман медаравам!

– Ту досро бардошта наметавонӣ! – табассум кард падараш.

– Метавонам! – ҷавоб медиҳад Нахӯтак.

То вақте ки падараш хӯрок хӯрд, Нахӯтак нисфи замини гандумро даравид. Падараш хушҳол шуда, офарин гуфт ба писараш.

Нахӯтак ба хона баргашт. Дар роҳ хушҳол боз суруд мехонд. Ногаҳон ба ӯ Гург рӯбарӯ шуд. Гург гурусна буд. Вай писаракро даст гирифт, вале фурӯ бурда натавонист, Нахӯтак дар байни дандонаш банд монд.

Гург аз гуруснагӣ медавид ва дар роҳ рамаи гӯсфандонро дид. Ҳамин ки вай гӯсфандеро хост даҳан занад, Нахӯтак аз байни дандонҳои Гург дод зад:

– Эй амаки Чӯпон! Гург гӯсфанди туро хӯрдан мехоҳад!

Чӯпон ин садоро шунида, Гургро ронд. Гург боз рафтан гирифт. Дар ҷое дид, ки рамаи бузҳо мечаранд. Ҳамин ки Гург Бузичаеро хӯрдан хост, Нахӯтак боз дод гуфт:

– Эй бузҳо! Эҳтиёт шавед! Гург Бузичаро мехӯрад!

Ин садоро Бузи шохдори калон шунида, шохҳои худро рост карда ба сӯи Гург давид. Гург гурехт.

Ҳар куҷо ки Гург медавид ва бо дондони тези худ чизе гирифтан мехост, Нахӯтак аз байни дандонҳои ӯ дод мегуфт.

Гург ба зӯр медавид. Аз гуруснагӣ беҳол шуд. Вай аз ин писарак безор шуд ва чӣ тавр халос шуданашро намедонист. Хост, ки ӯро аз байни дандонҳояш туф кунад, нашуд.

Нахӯтак дар байни дандонҳои Гург мустаҳкам ҷойгир шуда буд. Гург сарашро меҷунбонд, ки вай ба замин афтад, ин ҳам нашуд.

Гург боз давид. Аз пеши роҳаш як чуқурӣ баромад. Гург истод. Кӯшид, ки писаракро бо забонаш аз байни дандонаш бароварда ба чуқур тела диҳад. Нахӯтак ба чуқурӣ афтид.

Гург ҳам хушҳол шуду боз гурехт.

Нахӯтак дар таги чуқурӣ монд ва намедонист, ки аз он ҷо чӣ хел барояд. Писарак баланд садо бароварда аз дигарон ёрӣ хост.

Пас аз фурсате дид, ки дар лаби чуқурӣ Пирамарди ришсафеде пайдо шуд. Ба дасти ӯ асо буд. Нахӯтак хушҳол шуду бо садои баланд чег зад:

- Бобоҷон! Эй бобоҷон! Асоятонро ба ман дароз кунед! Ман даст гирифта мебароям.

Муйсафеди ришдарози ришсафед, ин ҳамон сеҳргаре буд, ки падару модари Нахӯтак ӯро зиёфат карда буданд. Муйсафед фаҳмид, ки ӯро касе чег мезанад. Сеҳргар ба даруни чуқурӣ нигоҳ карду писаракро дид. Ҳамон замон асояшро ба чуқурӣ дароз кард.

Нахӯтак ба асо сахт часпиду зуд ба берун баромад.

Писарак ба Пирамарди сеҳргар ташаккур гуфту ба сӯи хона давид.

Падару модараш Нахӯтакро дида бисёр хушҳол шуданд. Аз шодӣ барои мардуми деҳа зиёфат доданд.

Ҳама хушҳолӣ карданд: Нахӯтак боз ба хона баргашт!

Мо ҳам ҳамроҳи онҳо хушҳолӣ мекунем!

# ДУХТАРИ ДОНО

Дар кадом як замоне, дар кадом як маконе, буд, набуд, як подшоҳ буду як вазир. Вазир духтари нозанине дошт. Подшоҳ боре ӯро диду ошиқ шуд. Ошиқ шуду сабру тоқат аз даст дод. Бисёр саъй кард, аммо худро ба даст гирифта натавонист. Ноилоҷ ба хонаи вазир хостгор фиристод. Хостгорон омаданду ба вазир гуфтанд:

– Подшоҳи олам мехоҳанд домоди шумо бошанд, муборак бод ин шарафи бузург шуморо.

Вазир ҳайрон шуду зиқ шуду ба худ печид: охир синни подшоҳ ба ҳафтод расидаву духтари ӯ нав ба шонздаҳ қадам монда. Аз рӯи адолат нест, ки духтари шонздаҳсолаашро ба пири ҳафтодсола диҳад

Духтар падарашро ғамгину ҳаросон дида, пурсид:

– Эй падари бузургвор, Шуморо сархаму ғамгин мебинам, сабаб чист?

Вазир оҳи сард аз дили пурдард кашида гуфт:

– Замин сахту осмон баланд, духтарам. Мушкиле ба сарам омад, намедонам чӣ кор кунам?

– Чӣ мушкилӣ? – пурсид духтар, – гап занед падар, ҳар дард давое дораду ҳар мушкил илоҷе.

Вазир гуфт:

– Подшоҳ ақлашро хӯрдааст, мехоҳад туро ба занӣ гирад.

Духтар гуфт:

– Хотирҷамъ бошед, ба хостгорони подшоҳ гӯед, ки ба пеши ман биёянд.

Вазир пеши подшоҳ рафта, хоҳиши духтарашро ба ӯ расонд. Подшоҳ қабул кард.

Хостгорҳо пеши духтар омаданд. Духтар гуфт:

– Мехоҳам қалинамро бигӯям. Қалини ман: бист гург, сӣ буқҷа, шаст гови пир, ҳафтод дона ғӯзаи пахта!

Ин қалин ба назари хостгорҳо ҳеҷ намуд. Онҳо шодикунон пеши подшоҳ омада гуфтанд, ки духтар розӣ шуд ва қалини духтарро як-як номбар карданд.

Подшоҳ хостгоронро ҷавоб доду худ ба андеша рафт: ҳар чӣ набошад ӯ, подшоҳ, марди калонсоли рӯзгордида буд, фаҳмид, ки духтар ба ӯ ҷавоби талхе гуфтааст: ҷавони бистсола мисли гург чаққону чолоку нотарс мешавад,

ҷавонмарди сисола мисли буққаи маст, марде, ки ба шаст қадам монд, мисли гови пир бепарво буда, ҳамин ки ба ҳафтод расид, пахта барин беҳол мешавад.

Подшоҳ аз гуфтаи духтар ҳамин маъниро бароварду оташин шуда писаршро ба пешаш хонда гуфт:

– Писарам, духтари вазир дар ҳаққи ман таҳқири ҷонгудозро раво дид. Мехоҳам, ки аз ин духтари шаттоҳи беандеша интиқоми маро гирӣ: пас аз сари ман ӯро бо зар бихару бо шамшер зада куш! Ман танҳо баъди он ки аз ин духтар ниқор мегирӣ, метавонам ором дар гӯр бихобам.

Ҳафтоду афтод мегӯянд. Баъди чанд вакт подшоҳ аз ҷаҳон чашм пӯшиду писар ба тахт нишаст, пеш аз ҳама илтимоси падарро иҷро карданӣ шуда ба назди вазир хостгор фиристод. Вазир ба таҳлука афтод, вай медонист, ки шоҳзода чӣ нияте дар дил дорад.

Вазир ба духтараш гуфт:

– Шӯрбахт будаӣ, духтарам! Хатарнок аст хостгории подшоҳ, ӯ туро нобуд кардан мехоҳад. Ту фарзанди яккаю ягонаи ман, агар ба ту осебе бирасад, ман ба маргам ризо мешавам.

– Ғам нахӯред, падар! – гуфт духтар. – Ман медонам чӣ кор кунам. Ба подшоҳ гӯед, ки асбоби тӯйро тайёр кунад.

Хайр, вазир пеши подшоҳ рафту гуфт, ки духтараш розӣ, тӯй пеш гирад. Подшоҳ дар фикри ташкили тӯй шуд, духтари вазир бошад, дар фикри саломат бурдани ҷонаш.

Ба воситаи дугонаҳои қаринаш устои чӯбтарошро ба хонаашон оваронда, фармуд ҳайкале битарошад, ки ба ӯ монанд бошад. Чун ҳайкал омода шуд, ба он либоси арӯсӣ пӯшониданд ва шаби никоҳ аз ду бозуяш дошта, бурда ба паси чимилиқ шинонданд. Баъд домод – подшоҳро ба назди арӯсаш даровარданд. Подшоҳ даромадан замон бо шамшер ба сари «духтари вазир» зад, сари ҳайкал пора-пора шуда ба замин афтод. Подшоҳ ин ҳолро дида, аз дил гузаронд, ки нобуд кардани духтар кори осон нест, духтар зирак аст ва қодир аст, ҳар дафъа худро халос кунад. Дар сари ин фикр ба он сабаб ки васияти падарашро иҷро карда наметавонад ва инчунин ба сабаби хок хӯрдани тираш сахт ғамгин шуд. Духтар ӯро устокорона масхара кард. Барои ин духтар бояд ҷазояшро бинад.

Подшоҳ пагоҳӣ хеста ба духтари вазир нома навишт. Навишт, ки барои вай чанд сол аз пойтахт баромада меравад. То баргаштани ман писар мезоӣ, ки сад андар сад ба ман монанд бошад, як сандуқро бо тилло пур карда, ба қулфаш мӯҳр зада меравам аз он тарзе тилло бигир, ки мӯҳр беҷо нашавад ва зарар набинад, як байталу як модасагро ба ихтиёрат монда меравам, коре мекунӣ, онҳо бизоянду тойчаю сагча сад андар сад ба аспу тозии ман монанд бошанд. Баргашта бинам, ки фармудаҳои маро накардӣ, сар аз танат ҷудо мекунам.

Духтар баробари ба дасташ расидани нома, рахти сафар баст ва ба касе нафаҳмонда байталу модасаги ба ихтиёри ӯ мондаи подшоҳро бо худ гирифта, аз шаҳр баромада рафт. Ӯ зирак буд, тахмин кард, ки подшоҳ ба истироҳатгоҳи падараш рафта, машғули шикору айшу ишрат шуда, асари зарбаи ӯро аз дилаш баровардан мехоҳад. Рафт дар шафати истироҳатгоҳи сабзу хуррам, ки аз онҳо хониши мурғакони хушилҳон шабу рӯз дар гӯш ва насими мушкомез ба машом мерасид, чодар зад.

Подшоҳ қаторчодарҳои рангоранги дар шафати истироҳатгоҳи падараш пайдо шударо дида, шӯрид ва ба надимонаш гуфт:

– Равед, бинед, кӣ ҷуръат карда, бе иҷозати ман хайма бардоштааст?

Духтар надимони подшоҳро бо иззату икром пешвоз гирифта, ба онҳо гуфт:

– Ман духтари Асмопарӣ ҳастам, ин ҷо аз паси кӯҳи Қоф омадаам, агар подшоҳи муаззам зид набошад, дар ин манзили хушобу ҳаво ду-се рӯз истироҳат карда меравам.

Надимони подшоҳ баргашта ин гапро ба подшоҳ гуфтанд ва суханони якдигарро бурида, бо шавқу ҳаяҷон духтарро сифат карданд.

– Мо париро дидем, гумон аст, ки ягон фарзанди одамӣ дар ҳусну малоҳат шабеҳи ӯ бошад!

Чунин таърифу тавсифро шунида, подшоҳ мафтун шуд ва ӯро шавқи дидани духтар боло гирифт, ӯ аз болои ҳафт қабат кӯрпачаи мулоими духобаву шоҳӣ бархоста, ба сӯи хаймаҳои «духтари Асмопарӣ» асп ронд. Духтар ба пешвозаш омад. Подшоҳ ӯро дида қариб буд, ки аз ҳуш равад. Худро базӯр нигоҳ дошта, духтарро ҳол пурсид. Духтар ӯро ба хайма, ба сари дастархон таклиф намуд. Ҳар ду хеле вақт чақ-чақ карда нишастанд. Баъд духтар қуттии шоҳмотро баровара пеши подшоҳ гузошт.

Подшоҳ аз кӯдакӣ ин бозиро дӯст медошт ва дар ин бозӣ аксарияти дарбориёнро мебурид. Вай хурсанд шуда, қуттиро кушод, донаҳоро чида тайёр кард.

– Хӯш, подшоҳи бузургвор! – гуфт духтар, – ба чӣ бозӣ мекунем?

– Ҳар чӣ дили шумо хоҳад, – гуфт подшоҳ.

– Ба аспҳоямон, – гуфт духтар – агар шумо буред, аспи маро мегиред, агар ман бурам, аспи шуморо.

Подшоҳ розӣ шуд. Духтар бозиро бурд.

– Аспи ман аз они шумо, – гуфт подшоҳ.

Духтар аспро гирифта, ба надимонаш фармуд, ба байталаш монанд. Дере нагузашта, байтал аз аспи подшоҳ ҳомила шуд.

Рӯзи дигар духтару подшоҳ боз баъди зиёфату чақ-чақу суҳбати дилангез ба сари шатранҷ нишастанд.

– Ин дафъа барои чӣ бозӣ мекунем? – пурсид подшоҳ.

– Ба тозии шикориамон – ҷавоб дод духтар.

Подшоҳ розӣ шуд.

Духтар боз бурид ва тозии подшоҳро гирифта, ба надимонаш фармуд, ки ба модасаг бимонанд. Ба ҳамин тариқ модасаг ҳам ҳомила шуд.

Подшоҳро тоқати ҷудоӣ аз духтар намонда буд. Рӯзи дигар боз ба хаймаи духтар омад, баъди таому калом подшоҳ шатранҷро ба миён гузошта, гуфт:

– Акнун мехоҳам, ки барои буридани ту бибозам, агар бурам ту аз они ман, агар ту бурӣ ман аз они ту.

Духтар гуфт:

– Ба ин шарт пагоҳ мебозем. Имрӯз ман мехоҳам ба мӯҳри подшоҳӣ бибозам.

Духтар бурида ба надимонаш фармуд, ки рафта сандуқро кушоянду тилляяшро гирифта, баъд пӯшида, ба қулф сурғуч рехта, ба рӯи қулф мӯҳр зананд. Фармони ӯ иҷро шуд.

Рӯзи дигар подшоҳ духтарро мағлуб карда, ба шодиву тантана гуфт:

– Ту акнун аз они ман, ҳақ дорам, бо ту ҳар чӣ хоҳам кунам.

– Ҳақ доред, – гуфт духтар, – мулло биёваред, моро никоҳ кунад, ман зани шумо. Баъди никоҳ духтар аспу тозию мӯҳри подшоҳиро баргардонда гуфт: – Ман, ки зани шумо бошам, ин чизҳо ҳам аз они шумо.

Чанд рӯз духтару подшоҳ шоду хуррам зиндагӣ карданду як пагоҳӣ подшоҳ аз хоби бароҳат хеста дид, ки занаш дар паҳлӯяш нест. Ба изтироб афтод, ба вазирону аскаронаш фармуд, ки ҳама чор тарафро кобанду занашро ёбанд:

– Агар наёбед, сар аз танатон ҷудо мекунам! – дар ҳолати изтироб таҳдид кард подшоҳ.

Ба чор тараф асп ронданд, ҷое намонд, ки нарафта, маҳалле намонд, ки накофта бошанд, нишоне аз духтар наёфтанд. Подшоҳ намедонист чӣ кор кунад, ӯро на рағбате ба зиндагӣ монду на шавқе ба подшоҳӣ. Доду вовайло гуфта, сина бараҳна карда, рӯз то шабу шаб то рӯз ба хоки сард пахш карда мехобид, на сухане шунидан мехосту на ба касе гап задан.

Вазирону надимонаш ҷамъ шуда, маслиҳат карда, давои дарди ӯро наёфтанд.

– Духтари парӣ буд, муқаррар ба бошишгоҳи қавми париҳо ба паси кӯҳи Қоф рафтааст, – мегуфт яке.

– Шунидем, ки дар ин олам кӯҳе бо ин ном вуҷуд дорад, вале касеро надидаем, ки онро дида бошад, – мегуфт дигаре.

– Одати париён ҳамин аст: ногоҳ пайдо шудану ногоҳ ғайб задан. Беҳтар буд, ки подшоҳ бо паризод сару савдо надошта бошад, – мегуфт савумӣ.

Хулоса, дарди подшоҳро давое пайдо нашуд. Як моҳ гузашт, ду моҳ гузашт, як сол гузашт, ду сол гузашт, подшоҳ маҷбур шуд ба тақдираш тан дода, ба боргоҳаш баргардад.

Ба сӯи пойтахти мамлакат асп меронду номаи худро ба духтари вазир ба хотир меовард.

Духтари хираву берӯ, албатта, ягон шарти ӯро иҷро накардааст: на писар зоидааст, на байталу модасагро зоёндааст, агар зоидаву зоёнда бошад ҳам, мувофиқи гуфтаи ӯ не. Тиллоро ҳам яқинан, мӯҳрро аз ҷояш беҷо накарда, гирифта натавонистагист. Дар ин ҳол ба ман, подшоҳи мамлакат, ки ӯро никоҳ карда гирифта будам, чӣ мегуфта бошад?!

Духтари вазир бошад, ҳамон вақт ба шаҳр баргашта бо дили беғаму хотири ҷамъ зиндагӣ карда гашт. Нӯҳ моҳу нӯҳ рӯз гузашту писаре таваллуд кард. Писарча рафта-рафта чун себи дукафон шабеҳи подшоҳ шуд. Байтал тойчаю модасаг сагча зоид, ки ба аспи подшоҳу саги тозии ӯ мисли ду қатра об монанд буданд.

Ба боргоҳ хабари омад-омади подшоҳ расид. Надимонаш пешвоз баромада, ба ӯ хабари хуш расониданд.

– Чӣ мегӯед, ки аз занатон як писар шуд, худи худатон барин, аз худатон камӣ надорад, байталатон як той кард, ки аз аспатон зиёд аст, ки кам не, боз як сагча шуд, ки аз ҳамин тозиатон ҳеҷ камӣ надорад.

Подшоҳ ҳайрон шуда гуфт:

– Эй аҳмаққо, ман дар он ҷо будаму дар ин ҷо ман барин писар мешавад магар?! Аспи ман дар он ҷо буду дар ин ҷо аспи ман барин той мешавад?! Саги ман он ҷо буду дар ин ҷо саги ман барин саг мешавад?!

Гуфтанд:

– Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, ҳамин хел шуд.

Омада дид, ки ҳамаи ин гапҳо рост. Ҳайрон шуда пеши духтари вазир рафт. Дид, ки ҳамон паризод – духтари Асмопарӣ.

Подшоҳ он қадар шод шуд, ки ба гуфтан сухан камию забон оҷизӣ мекунад. Пеши занаш ба зону нишаста, узр хоста:

– Эй дарду балоят ба ҷонам занад, ман ба гапи падарам даромада қариб буд, ки хуни туро ноҳақ бирезам, ҷону молам– ҳар чи дорам, нисори ту, – гуфту занашро ба канор гирифт.

Занаш ӯро боздошта гуфт:

– Шумо гуноҳи худро иқрор кардед, ҳар касро, агар ҳатто подшоҳ бошад, зарур аст, ки агар гуноҳе аз ӯ содир шуда бошад, тавба кунад.

– Тавба кардам! – гуфт подшоҳ, – ман тамоми умр аз дилу ҷон хизмат кунам ҳам, қарзамро пеши ту адо карда наметавонам. Ман туро аз лаҳзаҳои аввал дӯст доштам ва бовар дорам, ки муҳаббатам ҳеҷ гоҳ суст нахоҳад шуд. Офарин ба ту! Ту ба ман фаҳмондӣ, ки чӣ қудрате дорад ишқ. Ман фаҳмидам, ки пеши нашъаи ишқ подшоҳию ҳукмронӣ ба мардум ҳеҷ будааст.

Духтари вазир, баъди шунидани ин суханон ба шавҳараш бовар кард ва ҳар ду то замоне, ки дар дунё буданд, аз дидори якдигар баҳра бардошта, якдигарро иззату ҳурмат карда, хушу хуррам зиндагӣ карданд.



# ВАСИЯТИ ПАДАР

Як замоне дар як деҳа осиёбоне зиндагӣ мекард. Вай се писар дошт. Айёми пирии осиёбон расид, вай охир шудани умри худро ҳис карда, писари калониашро ҷеғ зада гуфт:

– Умри ман охир шудааст. Ба ту молу мулк даркор аст ё васияти падарат?

– Ба ман молу мулк даркор, – ҷавоб дод калонӣ, – аз васият шикам сер намешавад.

– Хайр ба ту осиёб ва ними пулҳоямро мерос мемонам, баъд чӣ тавре ки метавонӣ, ҳамон хел зиндагонӣ кун!

Осиёбон писари миёнаашро ҷеғ зада гуфт:

– Умри ман охир шудааст. Ба ту молу мулк даркор аст ё васияти падар?

– Ба ман молу мулкатонро мерос монда равед, падар, бо васияти хушку холӣ рӯз гузаронидан мушкил аст.

– Хуб, вақте ки ман мемурам, ту хона ва нисфи пулҳоямро гир ва чӣ тавре ки метавонӣ, ҳамон хел зиндагӣ кун!

Баъд аз он осиёбон писари хурдиашро ҷеғ зада гуфт:

– Писарам, умри ман охир шудааст. Ба ту молу мулк даркор аст ё васияти падар?

Писари хурдӣ ғамгин шуда гуфт:

– Агар шумо набошед, ман бе васияти шумо чӣ хел зиндагӣ мекунам? Ба ман молу мулк даркор нест. Ба ман васиятатонро монда равед. Васияти шумо дар зиндагӣ ба ман мададгор мешавад.

– Ту писари нағзи ман! – гуфт падараш, – набошад, васияти падаронаи маро гӯш кун: вақте ки ман мурдам, се шаб болои ҳам ба сари қабрам биё. Дар он ҷо ба ту васияти ман ошкор мешавад.

Писари хурдӣ раҳми падари пирашро хӯрда, бо чашми гирён берун шуд. Ҳамон шаб осиёбон вафот кард.

Писари калонӣ ва миёна дар болои мурдаи падар гиряҳо карда, баъд аз он ки маросими дафн тамом шуд, бошитоб ба тақсим карда гирифтани молу мулк сар намуданд. Ба писари хурдӣ ҳеҷ чиз нарасид. Вай ҳатто намедонист, ки дар куҷо зиндагӣ кунад.

Писари калонӣ гуфт:

– Биё, то ягон ҷой ёфтанат, дар хонаи ман зиндагӣ карда ист!

Писари миёна гуфт:

– Хоҳӣ, дар хонаи ман зиндагӣ кун!

Писари хурдӣ ба бародарони худ миннатдорӣ изҳор карда гуфт:

– Ман намехоҳам, ки дар хонаи шумоён бекор, муфт хӯрда гардам. Ман молҳои шумоёнро бонӣ мекунам.

Ҳамин хел писари хурдӣ чӯпони бародарони калонии худ шуд.

Шаби якуми баъди дафн, саҳарии барвақт, вай ба сари қабри падараш рафт. Падаршро ба некӣ ёд карда, ба марги ӯ бисёр афсӯс хӯрду зор-зор гиря кард. Ногоҳ ба гӯши ӯ шиҳаи аспе расид. Гашта нигоҳ кард, ки дар наздаш як аспи шабранги зебо истодааст: асп ёлу думи дарози хушрӯ дошт, зинаш заррин, афзолаш нуқрагин ва худи он қанотдор буд.

– Ба ман савор шав, кучое, ки хоҳӣ парида меравем! – гуфт асп.

– Ман ҳеҷ ҷо намеравам, ман чӯпонам, молбонӣ мекунам, – ҷавоб дод ӯ.

– Аз ёли ман як қабза мӯй канда гиру руст карда мон, ҳар вақт, ки ба ту даркор шавам, як тори ёлро дуд андоз, ҳамон дам дар наздат ҳозир мешавам.

Писарак аз ёли аспи шабранг як қабза канда гирифт ва ба нӯги рӯймолаш баста, руст кард. Асп ғоиб шуд.

Вай шаби дигар ҳам саҳарии барвақт ба сари қабри падараш рафт. Падаршро ба некӣ ёд карда, ба марги ӯ бисёр афсӯс хӯрду сураe қироат кард. Ногаҳон ба гӯши ӯ шиҳаи аспе расид. Гашта нигоҳ кард, ки дар наздаш як аспи сурхи зебое истодааст, асп ёлу думи дарози хушрӯй дошт, зинаш заррин, абзораш нуқрагин ва худаш қанотдор буд.

– Ба ман савор шав, кучое ки хоҳӣ парида меравем! – гуфт асп.

– Ман ҳеҷ ҷо намеравам, ман чӯпонам, молбонӣ мекунам, – рад карда гуфт писарак.

– Аз ёли ман як қабза мӯй канда гир, руст карда мон, ҳар вақт, ки ба ту даркор шавам, як тори ёлро дуд андоз, ҳамон дам дар наздат ҳозир мешавам.

Писарак аз ёли аспи сурх ҳам як қабза гирифт. Асп ғоиб шуд.

Вай шаби сеюм ҳам барвақт ба сари қабри падараш рафт. Дар ҳасрати дидори падараш зор-зор гиря кард. Боз ногаҳон шиҳаи аспро шунид. Сарашро бардошта нигоҳ кард, ки дар наздаш як аспи сафеди зебое истодааст, асп ёлу думи дарози хушрӯе дошт, зинаш заррин, афзолаш нуқрагин ва худаш қанотдор буд.

– Ба ман савор шав, кучое хоҳӣ парида меравем! – гуфт асп.

– Ман ҳеҷ ҷо намеравам, ман чӯпонам, молбонӣ мекунам, – гуфт писарак.



– Аз ёли ман як қабза мӯй канда гиру руст карда мон. Ҳар вақт ки ба ту даркор шавам, як тори ёлро дуд андоз, фавран дар наздат ҳозир мешавам.

Вай як қабза ёли аспро канда гирифту ҳамон дақиқа асп оҳиста шиҳа кашида, ғайб зад.

Аз ин ҳодиса чанд вақт гузашт. Писарак ҳанӯз молбони акаҳояш буд. Вай ҳар пагоҳ барвақт молҳоро ба саҳро ҳай карда* бегоҳӣ бармегашт. Дар назди молҳо мехобид, хӯрокаш аз акаҳояш ҷудо буд, аммо вай аз тақдираш шикоят намекард.

Як бегоҳ ӯ молҳоро аз саҳро ҳай карда омада истода буд, ки овози ҷарчиро шунид. Ҷарчӣ кӯча ба кӯчаи шаҳр гашта фарёд мекард:

– Подшоҳ донистан мехоҳад, ки дар мамлакати ӯ савораи аз ҳама хубтар кист! Ҳар касе ки асп давонда, ба болои чил зина барояд, ӯро подшоҳ сарлашкар таъин карда, духтари зеботарини мамлакаташро ба занӣ гирифта медиҳад!

Аз ҳар тарафи мамлакат дар атрофи қасри подшоҳ саворони беҳтарин ҷамъ шудан гирифтанд. Ҳар кас мехост, ки ҳунари худро нишон дода, сарлашкар шавад ва духтари зеботарини мамлакати худро ба занӣ гирад.

Рӯзи пойгаҳ дар майдони пеши қаср ҳамаи аҳолии шаҳр ҷамъ шуда буд. Ба он ҷо писарони калонии осиёбон ҳам ҳозир шуданд. Писари хурдӣ бошад, саросема нашуда, молҳоро ба оғил маҳкам карда, дасту рӯяшро шусту ба сари қабри падараш рафт.

Падаршро ёд намуд, зор-зор гиря кард, рӯймолашро кушода, як тори ёли аспи шабрангро бароварда дуд андохт. Ҳамон дам аспи шабранг ҳозир шуд, дар рӯи зини зарринаш пӯшоки қиматбаҳо баста шуда буд.

– Зуд тайёр шав! – гуфт асп.

Дар кӯчаҳои шаҳр, дар болои аспи зебои шабранг як савораи либосҳои қиматбаҳо пӯшидагӣ пайдо шуд. Кӯчаҳо аз одам пур буданд. Дар рӯи бомҳо навозандагон карнаю сурнай менавохтанд, саворахои ба пойгаҳҷо равандаро табрик мекарданд.

Дар майдони назди қаср саворони либосҳои рангоранг пӯшидагӣ гирд омада буданд. Вале омадани ҷавони бо либосҳои гаронбаҳо дар рӯи аспи шабранг нишастагӣ диққати ҳамаро ба тарафи худ кашид...

Бисёр саворони далер ҳунарозмоӣ карда, ба зина асп меандохтанд, вале ҳанӯз ҳеҷ кас ҳатто то ними зинаи баланд набаромада буд.

Навбати ҷавони аспи шабранг расид. Ҳама ба ӯ нигоҳ макарданд. Аспи ӯ сабукборона парида, то нимаи зина баромаду якбора пешпо хӯрда, гашта фаромад.

---

* Ба маънои рондани чорво

Рӯзи якуми пойга гузашт. Саворон аз ноӯҳдабароияшон хафа шуда, пароканда шуданд. Мардум дар бораи рӯзи ояндаи пойга бо шавқу ҳавас гапзанон карда, ба хонаҳои худ рафтанд.

Писари хурдӣ ба сари қабри падараш омада, аз асп фаромад ва либосҳои кӯҳнаашро пӯшида, саросема шуда тохт, ки аз акаҳояш пештар ба хона равад.

Дере нагузашта акаҳояш бо кайфи чоқ даромада омаданд. Онҳо ба якдигар гап надода, ба додарашон дар бораи савораи ношиносе, ки ба аспи зебои шабранг савор шуда, аз ҳама болотар парида буд, нақл мекарданд.

Рӯзи дигар акаҳои писарак аз нав ба майдони пеши қасри шоҳ рафтанд. Укаашон имрӯз ҳам барвақтар молҳоро оварда, дар оғил маҳкам карду ба сари қабри падараш рафт. Ба ёди дидори падараш зор-зор гиря карда, баъд кунчи рӯймолашро кушода, як тори мӯи аспи сурхро дуд андохт. Ҳамон дам аспи сурх ҳозир шуд, дар рӯи зини зарринаш пӯшоки қиматбаҳо баста шуда буд.

– Зуд тайёр шав! – гуфт асп.

Писарак аспи сурхи зебои худро тозонда, ба майдони қаср равон шуд. Имрӯз ҳам кӯчаҳо пур буданд. Мусиқӣ баланд садо медод. Мардум савори зеборо зуд шинохтанд ва ӯро бо овози баланд табрик мекарданд. Онҳо дар тааҷҷуб буданд, ки ҷавон аз дирӯза ҳам хушлибостару зеботар, аспаш хушрӯю хушафзалтар аст.

Имрӯз низ бисёр савораҳои моҳир ба зина асп медавонданд. Вале бенатиҷа! Ҳеҷ кадомашон ҳатто то нимаи зина нарасиданд.

Аспи сурхсавор аз ҳама дер омад ва охирин шуда ба зина асп давонд. Аспи ӯ сабук парида, аз нимаи зина гузашт. Мардум хурсандона нафас рост карданд. Аммо аспи сурх то зинаи сеюми болотар аз нима баромаду ногаҳон пешпо хӯрда, гашта фаромад. Зина ҷудо ҳам баланд буд!

Ҳамин тавр рӯзи дуюми пойга ҳам бенатиҷа гузашт.

Имрӯз ҳам акаҳои писарак ба якдигар гап надода, ба укаашон дар бораи пойга, махсусан дар бораи аспи аз дирӯза ҳам зеботар ва чолоктари ҷавони ношинос нақл карданд.

Рӯзи сеюм писари хурдӣ боз ба сари қабри падараш рафт. Аввал ба ҳасрати рӯи қабри падараш зор-зор гиря кард, баъд як тори мӯи аспи сафедро бароварда дуд андохт.

Ҳамон дам аспи пахта барин сап-сафед ҳозир шуд. Зини асп тилло ва узангиҳояш нуқра, дар рӯи зин либоси шоҳона баста шуда буд.

Писарак либосҳоро гирифта пӯшид, ба асп савор шуд ва роҳи шаҳрро пеш гирифт. Кӯчаҳо пур аз одам буданд, мусиқӣ боз ҳам баландтар садо медод, мардум бо ғулғулаву ҳаяҷон тамошо мекарданд.

Аспи сафедсавор имрӯз аз дирӯза ҳам зеботар буд. Мардум савори аспи сафедро зуд шинохтанд, ӯро бо овози баланд табрик мекарданд. Онҳо дар тааҷҷуб буданд, ки ҷавон аз дирӯза ҳам хушлибостару зеботар, аспаш хурӯю хушафзалтар буд.

Имрӯз низ саворони бисёр дар майдони қаср саф баста, бо навбат ба зина асп медавонданд. Вале ҳеҷ кадомашон ҳатто то нимаи зина нарасиданд.

Аз ҳама охир савори аспи сафед асп давонд. Аспи ӯ сабук парида боло мебаромад. Ана, аз миёнаи зина гузашт! То охири зина камакаки дигар монд...

Аз ҳар тараф садои рӯҳбаландкунандаи мардум баланд шуд. Ҷавон аспашро маҳмез зад. Асп паррандавор боз ҳам болотар баромад ва дар як лаҳза зинаи охиринро тай карда, дар рӯи майдончаи васеи болои қаср беҳаракат истод.

Ғулғулаи мардум ба осмон печид. Садои карнаю сурнай баланд шуд. Подшоҳ ба майдонча баромада, ба халқ эълон кард, ки ҷавони зафарёфтаро сарлашкари худ таъин карда, зеботарин духтари мамлакаташро ба ӯ медиҳад.

Аммо ҷавон беному нишон ғоиб шуда рафта буд. Вай бодвор аз зина фаромада, ба сари қабри падараш асп давонд. Аспро ҷавоб дода, либосҳои кӯҳнаашро пӯшида ба хонаашон омад.

Акаҳояш ба якдигар сухан надода, дар бораи ҷавони хушбахте, ки чил зинаро тай карда, ногаҳон ғайб зада рафта буд, нақл мекарданд.

Рӯзи дигар вақти саҳар чӯпонписар молҳоро ба чарогоҳ бароварда, худаш ба сари қабри падараш рафт. Падаршро ба некӣ ёд карда, зор-зор гиря карду як тори мӯи аспи сафедро дуд андохт. Ҳамон замон аспи сафед ҳозир шуд, дар рӯи зини тиллои он либоси аз пештара ҳам зеботар баста шуда буд.

Писарак либосро гирифта пӯшид ва роҳи шаҳрро пеш гирифт.

Дар ин рӯз подшоҳ фармон дода буд, ки ҳамаи лашкараш дар майдони қаср ҷамъ шавад. Ҳазор-ҳазор аскарон ба он ҷо равон шуда, саф меоростанд. Як вақте ҷавони дирӯз зафарёфта ҳам ҳозир шуд. Аспаш бодвор мепарид. Вай аз пеши акаҳояш гузашта истода, аспашро нигаҳ дошт. Акаҳояш ӯро шинохта, якбора фарёд карданд:

– Укаҷон!

– Бале, ман укаи шумо, бегоҳӣ ба хона овардани молҳоятон аз ёдатон набароял! – гуфт ба онҳо писари хурдӣ ва ба сӯи лашкараш асп давонд.

# ДУХТАРИ ҶАСУР

Буд, набуд дар замонҳои қадим дар як шаҳре пирамарде буд. Пирамард се духтар дошт, аммо ягонто ҳам писар надошт ва ҳамеша дар орзуи писар буд.

Рӯзе аз рӯзҳо пирамард ба дарди чашм гирифтор шуда, нобино мешавад. Табибҳо даво мекунанд, вале фоидае намебахшад. Пирамард аз дидани рӯзи равшану дидори фарзандон ва ёру дӯстонаш маҳрум шуда, бисёр-бисёр ғам мехӯрад. Аз ғам харобу абгор мегардад.

Як вақт як шахси мусофир хабар медиҳад, ки дар як шаҳри дур табибе ҳаст, дар боғи он табиб як гиёҳе мерӯяд, табиб аз барги он доруе тайёр мекунад, ки ба ҳар гуна дарди чашм даво мешавад.

Мӯйсафед ин хабарро шунида оҳи сард кашида:

– Агар писар медоштам, – мегӯяд вай, – албатта рафта он гиёҳро ёфта меоварду аз ғурбати нобиноӣ халос мешудам.

Духтари калонии пирамард дарҳол аз ҷояш хеста, аз падараш илтимос карда мегӯяд, ки:

– Падарҷон, иҷозат диҳед ман рафта ҳамон доруро ёфта биёрам!

– Оҳ, духтарам, – мегӯяд, пирамард, – аз дасти ту ин кор намеояд, бекора овора мешавӣ.

Духтар аз гапи худ нагашта, зорию тавалло кардан мегираду охир падарашро розӣ мекунад.

Баъд аз ин духтар як аспро зину банд зада, либосҳои мардона пӯшида, як хӯрҷинро пур аз хӯроквории карда, ба роҳ медарояд. Меравад-меравад, чанд шабу чанд рӯз роҳ гашта, дар сари як чорраҳа як хоначаи майдаи чӯбинро мебинад. Духтар «дар ҳамин ҷо касе будагист, аз ӯ роҳро пурсида гирам» – гӯён – аз асп фаромада, хонаро тақ-тақ мезанад.

Аз даруни хона овози занона шунида мешавад:

– Кист? Ман бемор ҳастам, аз ҷоям хеста наметавонам, худат даромадан гир!

Духтар дарро кушода ба хона медарояд ва салом дода мебинад, ки ҳақиқатан дар рӯи хона як кампири бемор хобидааст.

– Модарҷон, ба шумо чӣ шуд? – гуфта мепурсад духтар.

– Эҳ, писарам, – мегӯяд кампир, – напурс, ман хеле вақт бемор шуда, дар болои ҳамин бистар хобидаам, каси нигоҳубин мекардагӣ надорам.

Духтар даррав ба хӯрҷинаш даст андохта, аз тӯшаи барои сафар тайёр кардагиаш гирифта, ба кампир мехӯронад, кампир қадре ба худ омада аз духтар мепурсад:

– Писарам, ту аз куҷо омадию ба куҷо рафта истодаӣ?

– Ман аз шаҳри дур омадам, – мегӯяд духтар, – падарам ба касалии дарди чашм гирифтор шуда, нобино шудааст, ман ба кофтукоби дору рафта истодаам.

– Эҳ, писарам, – мегӯяд кампир, – аз ин ниятат гард, бисёр одамони далер ба кофтукоби ин дору равон шуда, ба мақсадашон расида натавониста, нобуд шудаанд. Ба даст овардани он дору ҳеҷ илоҷ надорад, ба хонаат гашта рав!

Духтар баъди ин гапҳо ноумед шуда, гашта ба хонаш меояд. Падараш хотирҷамъ шуда мегӯяд:

– Ҳа, духтарам ман хеле хурсандам, ки сиҳату саломат гашта омадӣ.

Духтар воқеаи бо кампир вохӯрданашро ба падару хоҳаронаш нақл карда медиҳад.

– Ба даст овардани дору, – мегӯяд ӯ, – ҳеҷ илоҷе надоштааст. Бисёр одамони далер ба ҷустуҷӯи он равон шуда, ба мақсадашон нарасида, нобуд шуда рафта будаанд!

Духтари миёна ба гапҳои хоҳараш аҳамият надода, аз ҷояш хеста:

– Падарҷон иҷозат диҳед, ман меравам ва албатта ҳамон доруро гирифта мебиёрам, – илтимос мекунад аз падараш.

– Аз апаи калониат чӣ дидам, ки аз ту бинам, биё мон, нарав, беҳуда нобуд мешавӣ! – мегӯяд падараш.

Аммо ин духтар ҳам сахт ба гуфтааш истода, гаштаю баргашта иҷозат пурсидан мегирад. Вай дар охир падарашро розӣ мекунонаду як аспро гирифта, зин зада, либосҳои мардона пӯшида, кокулҳояшро ба таги телпак гун карда, ба роҳ медарояд. Аммо рафта-рафта, баъд аз чанд рӯз ин духтар ҳам ба ҳамон хонаи чӯбини сари чорраҳа мерасад. Дар назди хона аспашро ба шохи дарахте баста, дарро тақ-тақ мезанад. Кампир аз дарун:

– Кист? Ман бемор ҳастам, аз ҷоям хеста наметавонам, худат даромадан гир, – гуфта овоз медиҳад.

Духтар дарро кушода медарояд, салом медиҳад ва ба як тарафи хона нишаста, аҳволпурсӣ мекунад.

– Оҳ, писарам, напурс, – мегӯяд кампир, – ман хеле вақт бемор шуда, дар болои ҳамин бистар хобидаам, каси нигоҳубин мекардагӣ надорам.

Духтар даррав ба хӯрҷинаш даст андохта, аз тӯшаи барои сафар тайёр кардагиаш ба кампир медиҳад, кампир қадре ҳол гирифта, аз куҷо будан ва барои чӣ омадани ин бачаро пурсида мегираду баъд мегӯяд.

– Эй писарам, аз ин ниятат гард, ба мақсад расиданат беҳад душвор аст, беҳуда нобуд мешавӣ.

Кампир дар бораи ҷои мерафтагии духтар чунон гапҳои даҳшатнок мегӯяд, ки ин духтар ҳам ба ваҳм афтода, аз роҳ гашта, ба хонаашон меояд ва ҳамаи воқеаи аз сар гузаронидаашро ба падару хоҳаронаш нақл карда медиҳад.

Пирамард оҳи сард аз дили пурдард кашида мегӯяд:

– Вой бар ҳоли касе, ки бе писар бошад!

Ин гапҳои падар ба духтари хурдиаш хеле сахт мерасанд.

Рӯзи дигар вай ба назди пирамард меояду иҷозат пурсида:

– Падарҷон розӣ шавед, ман рафта ҳамон доруро ёфта биёрам! – мегӯяд.

– Духтараки азизам, – мегӯяд падараш, – ман аз апаҳои калониат чӣ дидам, ки аз ту бинам, ту ҳам рафта гашта меоию беҳуда овора шуданат мемонад.

Духтари хурдӣ бисёр-бисёр зорию илтимос мекунад ва дар охир падараш розӣ мешавад. Духтар даррав либосҳои мардона пӯшида, як хӯрҷини калонро аз хӯрокворӣ пур карда, баромада меравад.

Рафта-рафта, баъд аз чанд шабу чанд рӯз, вай ҳам ба хонаи кампири бемор мерасад. Аспро ба шохи дарахте баста, дари хонаро тақ-тақ мезанад, ки кампир аз даруни хона мепурсад:

– Кист? Ҳар кӣ бошӣ, худат дарро кушода даромадан гир! Ман бемор ам, аз ҷой хеста наметавонам.

Духтар дарро кушода медарояд ва ба кампир саломи гарму ҷӯшон дода, даррав барои дасту рӯ шустани кампир об мебиёрад ва аз хӯрокворихои овардагиаш кампирро нағз зиёфат мекунад.

– Ҳа писарам, ту аз куҷо ба куҷо меравӣ? – аз корҳои духтар хурсанд шуда мепурсад кампир.

– Ман аз шаҳри дур омада истодаам, барои доруи чашм меравам!

Кампир як оҳ мекашаду ба ғазаб омада мегӯяд:

– Эй писари нодон, магар ту намедонӣ, ки бисёр паҳлавонони дар ин роҳ сафар мекардагӣ зиндаю саломат ба ватанашон барнагаштаанд! Ту, ҷавони нозанин, ин корро адо карда наметавонӣ! Ё пеши ман исто ё ба хонаат баргард!

Духтар аз гапҳои кампир натарсида далерона мегӯяд:

– Эй модарҷон! Мард бояд, ки ҳаросон нашавад, мушкиле нест, ки осон нашавад! Ман аз сафарам намегардам. Ҳар чӣ ки ба сарам наояд, меравам!

Духтар хеста рафтанӣ мешавад.

– Писарам, – мегӯяд кампир ӯро нигоҳ дошта, – ман мебинам, ки азми ту қатъӣ аст. Ба ту хеле душвор ва хатарнок мешавад. Ман ба ту роҳи аз ин мушкилиҳо халос шуданро мегӯям. Агар ту гуфтаҳои маро иҷро кунӣ, ба мақсадат мерасӣ. Табиб доруи ту гуфтагиро муфт намедиҳад, вай ба ивази он тухми дарахтеро талаб мекунад, ки он тухм дар ихтиёри як деви сесара аст. Меваи он дарахт шифобахш аст ва ба бисёр касалиҳо даво мешавад. Ба манзили дев меравӣ, ба ҳамаи чорвою канизони дев нағзӣ мекунӣ. Баъд илоҷе карда, аз хонаи дев тухми ҳамон дарахтро гирифта мегурезӣ. Дев сур* мекунад, мана ин оинаю шонаю қайроқро гир, ҳар боре, ки дев ба ту наздик шуд, яке аз онҳоро ба пуштат парто, садди роҳи дев мешавад. Ана акнун рав. Сафарат ба хайр бошад!

Духтар оинаю шонаю қайроқро гирифт, ба кампир бисёр-бисёр миннатдорӣ баён карда, баромада меравад.

Чанд шабу чанд рӯз роҳ рафта, ба манзили деви сесара мерасад. Мебинад, ки дарвозаи қалъаи дев нимвайрону ифлос. Даррав устокорӣ карда, дарвозаро тозаю дуруст мекунад. Баъд онсӯтар меравад, ки дар як тараф як қатор сагҳои калон-калон бастагию дар тарафи дигар як гурӯҳ асп. Дар пеши аспҳо устухон, дар пеши сагҳо беда. Вай устухонҳоро гирифта, ба пеши сагон мепартояду, бедаро ба пеши аспҳо. Даруntар медарояд, ки панҷ-шаш канизак танӯрҳоро тафсонда, барои дев нон пухта истодаанду нонро бо дасти луч ба танӯр мечаспонанд, дастҳояшон сӯхтагӣ.

Духтар ба онҳо салом гуфта, ҳолпурсӣ мекунад ва ба ҳар қадомашон барои нон пухтан яктагӣ остинча дӯхта медиҳад. Канизакон остинчаро гирифта, хурсанд мешаванд.

– Эй ҷавони нозанин, ба чӣ мақсад ба ин ҷо омадӣ? – мепурсад яке аз онҳо.

Духтар мақсадашро гуфта медиҳад.

– Ин кор бисёр душвор аст, – мегӯяд ҳамон канизак. – Дев тухмҳоро дар халтача андохта, дар таги болишташ монда хоб меравад. Гирифтан осон не. Агар гирӣ ҳам, аз дасти вай гурехта, халос шуда наметавонӣ.

– Агар тухмҳоро гирифта тавонам, он тарафашро як илоҷ мекунам! – мегӯяд духтар.

– Ин тавр бошад рав! – маслиҳат медиҳад канизак. – Дев ёзида хобидааст, бубин агар ҳар ду чашмаш кушодагӣ бошад, хобаш бурдагӣ. Халтачаро аз таги сараш оҳистакак гиру гурез, агар якто чашмаш кушодаги бошад, бедор аст, зуд қафо гард.

Духтар рафта мебинад, ки ҳар ду чашмони дев кушодагӣ. Поида ба ӯ наздик мешавалу аз таги болишташ халтачаро гирифта мегурезад.

* Ин ҷо ба маънии таъқиб кардан аз қафо аст

Дев якбора бедор шуда,фарёд мекунад:

– Эй канизакон, дуздро дастгир кунед!

– Не, – мегӯянд канизакон, – мо ӯро дастгир намекунем, ӯ ба мо нагзӣ карда,остинча дӯхта дод!

– Эй аспон, шумо ӯро доред! – мегӯяд дев.

– Не, мо намедорем, – мегӯянд аспон, – ту ба мо устухон медодӣ, ӯ ба мо нагзӣ карда беда дод!

– Эй сагҳо, шумо ӯро қапед! – фармон медиҳад дев.

– Не, – мегӯянд сагҳо, – ӯ ба мо устухон дод.

– Эй дарвоза, ӯро дор!

– Не, мегӯяд дарвоза, – ту маро ифлосу хароб кардӣ, ӯ маро тозаю обод кард.

Дев мебинад, ки ӯро дастгир намекунанд, хеста худаш аз қафои духтар медавад. Вай бо тамоми қувваташ давида, ба духтар наздик шуда, дасташро дароз карда, аз думи аспи ӯ доштанӣ мешавад, ки духтар оинаи кампир додагиро гирифта,ба қафояш мепартояд. Оина якбора мавҷ зада, ба дарёи бесару бари шӯхе мубаддал мешавад.

Деви бузургҷусса худро ба дарё мепартояд. Вай бо машаққати зиёд аз дарё мегузараду давида ба духтар наздик шудан мегирад. Ба духтар наздик шуда, дасташро дароз карда, аз думи аспи ӯ дошта, гирифтанӣ мешавад, ки духтар қайроқро мепартояд. Қайроқ гулдуррос зада, ба кӯҳи калону баланд табдил мёбад. Дев дар кафои кӯҳ мемонад.

Духтар бо суръат асп давонда гурехта меравад.

Дев, як вақте аз ин кӯҳ ҳам гузашта, боз ба духтар наздик шудан мегирад. Ба духтар наздик шуда, дасташро дароз карда, аз думи аспи ӯ дошта гирифтанӣ мешавад, ки духтар ин дафъа шонаро ба қафояш мепартояд. Аз шона шақарроскунон, як ҷангали беканор ба вуҷуд меояд. Дев аз ин ҷангал гузашта натавониста, гашта меравад.

Духтар чанд вақти дигар роҳ тай карда, сиҳату саломат ба шаҳри табиб мерасад. Пурсидаву ҷӯида ҳавлии табибро мёбаду дарвозаашро тақ-тақ мезанад.

Аз дарун шахсе:

– Ҳозир! – гуфта,омада дарвозаро мекушояд. Духтар салому алейк карда, ба ҳавлӣ медарояд ва илтимос мекунад, ки ӯро ба ҳузури табиб баранд. Табиб як писар доштааст. Вай дарҳол аз хона баромада, меҳмонро пешвоз гирифта, ба назди падараш мебарад.

Духтар, баъд аз вохӯрӣ ва пурсупос, ба табиб бо чӣ мақсад омаданашро гуфта медиҳад.

– Ин доруро, – мегӯяд табиб, – ман ба касе медиҳам, ки ба ивази он тухми як дарахтро оварда диҳад.

– Ман овардам! – гуфта тухмро ба табиб дароз мекунад.

– Бисёр нағз, бисёр нағз, – мегӯяд табиб, – Шумо кори бошарафе кардаед. Ман бо меваи ин дарахт бисёр-бисёр одамони мамлакатамонро аз касалиҳои марговар халос мекунам.

Баъд табиб аз духтар мепурсад:

– Ин тухмиҳо-ку дар дасти деви сесара буданд, Шумо чӣ хел онҳоро гирифтед? Ҳол он ки зӯртарин паҳлавонҳо ҳам ҷуръат карда ба назди он дев рафта наметавонанд!

Духтар воқеаи шудагиро гуфта медиҳад:

– Офарин писарам! – мегӯяд табиб, – Шумо марди ҷасур будаед! Мана ин ними тухмҳоро гашта гиред, бурда дар мамлакататон шинонед, меваашонро ба беморҳо диҳед, сиҳат мешаванд! Мана ин доруи дарди чашм, ба чашми падаратон молед, чашмҳояшон бино мешавад, мана ин тухми гиёҳе, ки аз барги он доруи дарди чашм тайёр мешавад. Инро ҳам бурда коред ва аз баргаш дору тайёр карда, ба кӯрон диҳед, бино шаванд.

– Ман ҳамаи ин гуфтаҳои Шуморо, албатта иҷро мекунам, – мегӯяд духтар.

Табиб ба ӯ роҳи тайёр кардани доруро гуфта медиҳаду баъд аз он таклиф мекунад, ки ду-се рӯз меҳмони ӯ шавад. Духтар розӣ мешавад .

Табиб ёру ҷӯраҳояшро ҷамъ карда, чанд рӯз зиёфат медиҳад.

Як рӯз яке аз дӯстони наздики табиб ба ӯ мегӯяд:

– Ин меҳмони шумо духтар асту либоси мардона пӯшидааст.

– Не-е, мегӯяд табиб, – ин паҳлавонписарест, ки далерии бемислу монанд нишон дода,чизи дар дунё аз ҳама қиматбаҳоро гирифта омадааст!

– Шумо хато мекунед, вай духтар аст! – мегӯяд дӯсти табиб. – Вақте ки ҳамаи меҳмонон хеста ба хонаашон меравaнд, шумо ҷойгаҳи ӯро бо ҷойгаҳи писаратон дар як хона андозед. Баъд дар таги сари ҳар дуяшон якдастаӣ гули садбарги сафед гузоред. Агар духтар бошад, гул пажмурда мешавад, агар писар бошад, ҳеҷ тағйир намеёбад.

Табиб розӣ шуда, гуфтагии дӯстaшро мекунад.

Духтари зирак аз воқеа пай бурда, то нисфи шаб нахобида, бо писари табиб сӯҳбат мекунад, ҳикояю афсона мегӯяд. Баъде, ки чашми писарак пӯшида мешавад, духтар аз ҷояш хеста, гули пажмурдашудагиро аз таги сараш гирифта мепартояд ва оҳистекак ба берун баромада, аз боғи табиб як даста гули тоза гирифта меораду ба таги сараш мегузорад.

Аммо писари табибро хоб набурда буд. Вай бо қираи чашми нимпӯшаш ҳамаи ҳаракатҳои духтарро дида мегирад.

Рӯз шудан баробар, табиб омада, духтару писарро аз хоб бедор мекунад. Ҳамин ки онҳо аз хона мебароянд, аз таги сарашон гулҳоро гирифта мебинанд, ки чи хеле ки гузошта буд, ҳамон хел тару тозаанд.

Баъд аз ин духтар ба ватанаш рафтанӣ мешавад. Табиб ӯро бо иззату эҳтиром гусел мекунад.

Духтар хайру хуш карда, ба роҳ мебарояд. Писари табиб аз падараш иҷозат гирифта, духтарро гусел карда монданӣ мешавад. Ҳар ду чанд шабу чанд рӯз роҳ гашта, ба шаҳри духтар мерасанд. Аз вақти ба кофту кови дору баромада рафтани духтар хеле вақт гузашта буд. Падару модар ва хоҳаронаш ҳавотир кашида, гумон мекунанд, ки ӯ ба бадбахтие гирифтор шудааст. Як дарди падараш ҳазор дард мешаваду вай аз иҷозат доданаш гаштаву баргашту пушаймон мегардад.

Аммо дар як рӯзи нек духтар сиҳату саломат даромада меояд ва ғаму андӯҳи хешовандонашро ба хурсандии беканор табдил медиҳад.

Духтар тамоми воқеаи аз сараш гузаштаро ҳикоя карда медиҳад ва баъд аз ин доруро гирифта, ба чашми падараш мемолад.

Аҳволи падараш рӯз аз рӯз беҳтар гашта, охир дунёи равшанро мебинад. Вай гӯё ки аз модар нав ба дунё омада бошад, шод шуда ба духтар мегӯяд, ки:

– Духтари азизам, дигар фикр намекунам, ки писар надорам, ту кори даҳ писарро адо карда, маро сарфароз кардӣ. Илоҳӣ, умрат дароз ва бахт ҳамеша ёрат бошад!

Баъд аз ин писари табиб ба пирамард муроҷиат карда, ба духтар муҳаббати зиёд бастани худро маълум мекунад.

Пирамард ба ин ҷавон низ дил додани духтарашро фаҳмида, бо хурсандӣ ба никоҳи онҳо розигӣ медиҳад.

Писари монанди падараш донишманди табибу духтари нотарсу ҷавонмард зану шавҳар шуда, хушбахтона зиндагӣ карда мегарданд.

# ПОДШОҲ ВА ДУХТАРИ ОҲАНГАР

Буд, набуд, як подшоҳ буду аз ҳамаи шаҳру деҳот донишмандон ва пирони хирадмандро дар пойтахти мамлакаташ ҷамъ карда буд ва ҳар пагоҳ онҳоро назди худ даъват карда, саволе медоду ҷавобе мегирифт.

Як саҳарӣ подшоҳ дар чорбоғаш ҷанги ду гунҷишкро дида монд. Гунҷишкон дар шохи дарахт, дар болои лонаашон чуқчуққунон ба ҳамдигар ҳамла оварда, ба замин афтоданду ҷанги худро дар рӯи замин давом доданд.

Подшоҳ ба сари онҳо рафта, пояшро тап-тап ба замин зад, аммо гунҷишкони саргарми часпу талош пай набурданд.

Ҳамон пагоҳ подшоҳ ба донишмандону пирони хирадманд воқеаро нақл карда, савол дод:

– Гунҷишкакон чаро ҷангу ҷанҷол доштанд, онҳо ба якдигар чӣ мегуфтанд?

Донишмандону пирони хирадманд ҷавоб гуфта натавониста, се рӯз мӯҳлат талабиданд ва ба маслиҳатгоҳи худ равон шуданд.

Дар сари роҳи онҳо дӯкони оҳангар воқеъ гашта буд. Оҳангар духтаре дошт. Духтар ҳар рӯз аз пагоҳ то бегоҳ ба падараш ёрӣ медод. Духтари меҳнатдӯсту доно буд.

Духтар дид, ки донишмандону пирони хирадманд имрӯз аз пеши подшоҳ бо сари хам, маъюсу ғамгин баргашта истодаанд, аз дӯкон баромада, як донишмандро, ки бо падараш ошно буд, дошта пурсид:

– Ҳар пагоҳ шумо аз пеши подшоҳ шоду хурсанд мерафтед, барои чӣ имрӯз ғамгин баргаштед?

– Эҳ, духтарам, – гуфт донишманд оҳ кашида, – таги ин гапро кофта чӣ мекунӣ?

Духтар донишмандро ба ҷону ҳолаш намонда, хоҳиш кард, ки воқеаҳои шудагиро гӯяд.

Донишманд оҳи бадард кашида гуфт:

– Подшоҳ имрӯз саволе дод, ки ҷавоб надорад. Ду гунҷишк ҷанг карданд, барои чӣ – ғайр аз Худо касе намедонад. Аз мо пурсид, ки сабаби ҷанги гунҷишкон чист ва онҳо ба якдигар чиҳо мегуфтанд. Мо он гунҷишконро надидаем, сабаби ҷанҷолашонро аз куҷо медонем? Подшоҳ се рӯз мӯҳлат дод,

агар дар ин муддат ба саволаш ҷавоб нагӯем, сари ҳамаамонро аз танамон ҷудо мекунад, аз афти кор, умри мо охир шудааст.

– Агар ҷавоб ёфта натавонетон, ман ҷавобашро ба шумоён мегӯям, – гуфт духтар.

– Ту духтари беадаб моро масхара мекунӣ?! – гӯён донишманд ба роҳи худ рафт.

Донишмандону пирони хирадманд се шабу се рӯз фикр карда, баҳсу мунозира карда, ҷавоби саволи подшоҳро ёфта натавонистанду «аз карнайчӣ як пуф» гӯён, ноилоҷ ҳамон ошнои оҳангарро пеши духтар фиристоданд.

Духтар гуфт:

– Аз подшоҳ нома биёред, ки дар он гуфта шуда бошад: мулки падар ба писар мерасад ё каси дигар ҳам ҳақ дорад?

Донишмандон рафта, аз подшоҳ нома оварданд. Подшоҳ навишта буд, ки мулки падар фақат ҳаққи писар аст.

Духтар номаро хонда, пинҳон карду гуфт:

– Он ду гунҷишк барои лона меҷанганд. Ба яке лона аз падар мондааст. Дигараш бегона аст, бо зӯрӣ лонаро аз соҳибаш гирифтан мехоҳад.

Донишмандону пирони хирадманд назди шоҳ рафта, ҷавоби духтарро аз номи худашон карда гуфтанд.

– Ин суханони шумоён не! – гуфт подшоҳ. – Агар шумоён медонистед, ҳамон рӯз ҷавоб мегуфтед. Рости гапро гӯед, кӣ ҷавобро гуфт? – Агар ҳақиқатро гӯед, зинда мемонед, нагӯед, сар аз танатон ҷудо мекунам.

Пирони донишманд маҷбур шуданд, ки гӯянд.

Подшоҳ фармон дод, ки духтари оҳангарро ба назди ӯ биёранд. Навкарони подшоҳ омада, духтарро пеш андохта, пеши подшоҳ оварданд.

– Доно бошӣ, канӣ гӯй, ба чӣ сабаб ҷанҷол кардани гунҷишконро аз куҷо донистӣ? – пурсид подшоҳ.

– Дар қаламрави шумо, – гуфт духтар, – чизу чораи бечорагонро кашида мегиранд, онҳоро азоб медиҳанд, ба онҳо рӯз намедиҳанд, лекин ба ин ҳеҷ кас коре надорад. Ба падари ман аз падараш як боғ мерос монда буд. Ҳамсояи мо ба падарам тӯҳмат карда, он богро кашида гирифт. Падарам ба қозихона давид, пеши вазирони шумо омада арз кард, ҳеҷ кас ба гапи вай гӯш надод, ҳама тарафи бойро гирифтанд. Бесабаб нагуфта буданд, ки даҳонаш каҷ бошад ҳам, гапи писари бой гап. Шумо хат карда навиштед, ки мулки падар фақат ҳаққи писар аст. Ин гап дуруст, ҳукми шумо дар рӯи коғаз мемонаду одамони шумо кори худашонро мекунанд.

Подшоҳ, ки ҳеҷ вақт аз ҳеҷ кас чунин суханони талх нашунида буд, дар ғазаб шуда хитоб кард:

– Ту агар ҷонатро азиз донӣ, аввал ба саволи ман ҷавоб деҳ!

– Шумо дидаед, ки гунҷишкакон дар шохи дарахт, дар болои лона ҷанҷол сар карданд, – ҷавоб дод духтар. Яке мегуфт, ки ин лона аз падари ман мерос мондааст, дигараш мегуфт, ки ман зӯраму онро аз ту мегирам, ту ҳеҷ кор карда наметавонӣ. Барои фаҳмидани ин ақли зиёд даркор не!

Подшоҳ дигар ҳеҷ чиз гуфта натавонист, духтарро ҷавоб дода, вазиронашро оварда пурсид:

– Ин духтари бешарм ҳамаи моро муттаҳам кард, бо ӯ чӣ кор кунем?

– Ӯро ба занӣ гиред, зани шумо ки шуд, канизи шумо мешавад, чӣ чизе раво донед, медиҳед, – гуфт вазири дасти рост.

– Ҷазояш ҳамон, ки ба болояш боз Маликаподшоҳро ба занӣ мегиреду духтари оҳангарро ба вай каниз карда мемонед, – гуфт вазири дасти чап.

Маликаподшоҳ ба ҳусни беҳамтоюю ақли расои худ дар тамоми олам шӯҳрат ёфта буду талабгоронашро ҳадду ҳисоб набуд, эълон карда буд, ки якчанд саволу якчанд шарт дорад, ҳар касе ки ба саволҳояш ҷавоб гардонаду шарташро иҷро кунад, ба ҳамон кас мерасад, агар натавонад, ӯро ғулом карда мегирад.

Бисёр ҷавонони нозанин ба саволҳои Маликаподшоҳ ҷавоб дода натавониста, ба ӯ ғулом шуда фахр мекарданд, ки ғуломи Маликаподшоҳ ҳастанд.

Маслиҳати вазирон ба дили подшоҳ алав андохт. Вай ба хонаи оҳангар хостгор фиристода, духтари оҳангарро никоҳ карда гирифту ба духтар гуфт:

– Ту ҳар чӣ қадар доно бошӣ, муносиби ман нестӣ. Туро барои он гирифтам,ки Маликаподшоҳро ба занӣ гирифта, туро ба ӯ канизаки дастобрез карда монам.

– Ин хаёли хомро аз саратон дур кунед! – гуфт духтар. – О, Маликаподшоҳро гирифтан осон нест. Шумо баринҳо ҳазортоанд, рафта ба саволҳои ӯ ҷавоб наёфта, ғуломи дари ӯ шуда гаштаанд.

Подшоҳ дар ғазаб шуда:

– Ман ба ту нишон медиҳам! – гуфту донишмандону пирони хираддмандро ҳамроҳ гирифта, ба мулки Маликаподшоҳ равон шуд. Саволҳои Маликаподшоҳро шунид, ҳарчанд бо донишмандону пиронаш маслиҳат кард, ҷавоб гардонда натавонист.

Ӯро ғулом карда, ба ҷувозкашӣ андохтанд. Ду-се рӯз нагузашта, подшоҳро мазааш рафту нома фиристод, ки вазирон агар нишаста бошетон – хезетон ва ба роҳ бароетон, ки ман подшоҳи шумо дар банд афтодаму, банд дар гарданам саҳар то шом ҷувоз мекашам.

Духтари оҳангар номаро хонда, либосҳои мардона пӯшида, шоф ба миён овехта, қамчин ба даст гирифта, аспсавор ба сафар баромад.

Чанд рӯз гашта, ба мамлакати Маликаподшоҳ расиду дарвозаи қасри ӯро тақ-тақ кард.

Дарбонҳо дарвозаро кушода пурсиданд, ки ӯ кист, чӣ мехоҳад?

Духтар гуфт:

– Ман омадам, ки ба саволҳои Малика ҷавоб гӯяму шарташро иҷро кунам.

– Эй ҷавони зебо, – гуфтанд дарбонон, – аз ту донотарҳо омада, ба саволи Малика ҷавоб гардонда натавониста, ғулом шуда гаштанд, худро беҳуда ба азоб мононда, бори ғуломиро ба гардан гирифта, чӣ кор мекунӣ?! Озодӣ – давлати калон. Озодиатро ғанимат дону ба роҳи худ рав!

– Маро ба пеши Малика баред! – хоҳиш кард духтар.

– Мо ба ту раҳмамон омад, ин гапро гуфтем, нахоҳӣ рав, бори ғуломиро бардошта гаштан гир! – гуфта, дарбонон ба духтар ҷои Маликаро нишон доданд.

Канизакон духтари оҳангарро пеши Малика гирифта даромада, рӯ ба рӯи Малика шинонданд.

– Одам бо чӣ зиндааст, – пурсид Малика.

– Бо умед, – ҷавоб дод духтар.

– Нишонаи пирӣ чист? – гуфт духтар.

– Ноумедист, – гуфт духтар.

– Нияти нек чию, нияти бад чӣ?

– Нияте, ки нияти ҳамаи мардум аст, нек аст, нияте, ки нияти як кас асту бар зарари мардум аст, бад аст.

– Баднияти аз чӣ маълум мешавад?

– Аз чашму аз гапу аз рафтор.

Малика ҳамин хел боз якчанд савол дод. Духтар ба ҳамаи он саволҳо ҷавоб гуфт.

– Ту доно будаӣ, ба ҳамаи саволҳо ҷавоб гардондӣ – гуфт Малика, – акнун шартамро шунав. Падари ман ангуштарине доштааст, ки ба он се девкампир итоат мекардааст. Баъди вафоти падарам девҳо ангуштариро дуздида рафта, аз итоати падарам баромаданд. Ҳамон ангуштариро ёфта омада, девҳоро ба итоати ман медарорӣ.

Духтар чил рӯз мӯҳлат гирифта, аз қасри Маликаподшоҳ баромада рафту як кам чил рӯз дар дашту соҳили дарёву кӯҳу кӯтал гашта, нишоне аз девҳо наёфт. Маъюсу ноумед шуда, аз рафта ғуломи Малика шудан дар ҳамин кӯҳу саҳро мурда рафтанам беҳтар гӯён зини аспашро гирифта, зери сар гузошта, дар таги як чанор хоб кард. Баъди чанд вақт бедор шуд, ки дар пешаш як хату як шамшер. «Эй духтари оҳангар, ниятат пок аст, – гуфта шуда буд дар хат, –

ин шамшери пирони мададгор мушкили туро осон мекунад. Гирифта ба пушти Кӯҳи сиёҳ равон шав».

Духтар шамшерро бӯса карда, ба чашмаш молида, ба миёнаш овехта, ба пушти Кӯҳи сиёҳ равон шуд. Дар саргаҳи кӯҳ хиргаҳе буд сап-сафед, дар даруни хиргоҳ як девкампири сафед менишаст.

– Ассалому алайкум, – гуфт духтар ба хиргоҳ даромада.

– Ваалайкум ассалом, эй луқмаи ҳалол, эй насибаи имрӯзаам! – гуфт девкампир. – Саломат намебуд, ҳозир мехӯрдам, салом, ки додӣ, дертар мехӯрамат.

Духтар шамшерро бароварда нишон дода гуфт:

– Инро шинохтӣ?!

– Балояшро гирам, ин шамшери пирони мададгор аст, – гуфт девкампир.

– Чанд рӯз аст, ки дар Самарқанд боронгарӣ, тарнобҳо* дошт надодаанд, пирони мададгор ин аҳволро дида, маро фиристоданд, ки аз пушти ту як тасма гирифта барам, то ки мардум пора карда, барои бомҳо тарноб дуруст кунанд.

– Вой, пуштам дард мекунад! – гуфт деви сафед ларзида. – Ба ҳоли ман раҳм кун!

–Ба ҳоли ту раҳм мекунам, ба шарте, ки ҷои нигини падари Маликаподшоҳро бигӯӣ.

– Болотар аз ин ҷо хиргоҳи сурх аст – хиргоҳи апаам, – гуфт девкампири сафед, – ҷои нигинро вай медонад.

Духтар болотар рафта, хиргоҳи сурхро дид. Дар даруни хиргоҳ кампири сурх мӯй шона карда нишаста буд.

– Ассалому алайкум.

– Ваалайкум ассалом, эй луқмаи ҳалол, эй насибаи имрӯзаи ман! – гуфт дев, – саломат намебуд, ҳозир як луқмаи хомат мекардам!

Духтар шамшерро нишон дод.

– Балоятро гирам, ин шамшери пирони мададгор аст, аз гуноҳи мани пир гузар, – илтиҷо кард дев.

– Ту ба ман ҷои нигини падари Маликаподшоҳро гӯй, агар нагӯӣ аз пуштат бо ҳамин шамшер як тасма пӯст ҷудо карда мегирам!

– Ҷои нигинро апаам медонад, – гуфт дев, – хиргоҳи вай аз ин ҷо болотар аст.

Духтар болотар рафта, як хиргоҳи сиёҳро дид. Дар хиргоҳ девкампири сиёҳ гирду атрофро дуд зер кунонда, хӯрок мепухт.

Духтар:

– Ассалому алайкум, – гуфта назди дев даромад.

---

* Новдон

– Ваалайкум ассалом, эй луқмаи ҳалол, – гуфт дев, – ба пои худ омадӣ, эй насибаи имрӯзаам!

– Ба пои худ омадам, барои гирифтани ҷони ту. Агар нигини падари Маликаподшоҳро ёфта надиҳӣ, ба ҳамин шамшер пӯст меканамат.

Дев шамшерро дида гуфт:

– Кори душворро ба ман фармудӣ, эй соҳиби шамшери пирони мададгор, мо заминро ба андозаи ҳафтод қади одам кофта, руст карда будем, то касе ёфта, моро боз ғулом накунад.

– Зудтар ҳаракат кун, ки вақти ман кам мондааст! – фармон дод духтар.

Дев як наъра зад. Аз чор тараф, аз сари кӯҳу кӯтал «чӣ шуд? чӣ шуд?» гӯён чил деви сиёҳ тозон омад.

– Писаронам, – гуфт кампир, – ангуштарини падари Маликаподшоҳро кофта гиред!

Чил дев бо панҷаҳояшон заминро кофта, ангуштаринро ёфта бароманд. Девкампири сиёҳ онро гирифта, ба дасти духтар дода гуфт:

– Мо ҳама озод будем, боз ҳама ғулом шудем. Чӣ фармони дигар дорӣ?

– Маро ба пеши Маликаподшоҳ бар!

Девкампири сиёҳ духтарро бардошта, дар як он пеши Маликаподшоҳ оварда монд. Духтар ангуштаринро бароварда ба Малика дод.

Маликаподшоҳ тӯйи калоне дода, гушнаҳоро сер карда, либос пӯшонида, духтари оҳангарро ба шавҳарӣ қабул кард.

– Акнун ба ман молу мулкатро нишон деҳ! – гуфт духтар.

Як ҷой рафтанд, ки аз таҳхона садои ҷувоз баромад. Духтар фаромада дид, ки подшоҳ дар гарданаш банд зӯр зада, гирди кундаи ҷувоз мегардад, ҳар бор ки сустӣ кунад, ҷувозрон ба пушти вай як қамчин мезанад.

– Асп ёфт нашуд, магар, ки одамро ба ҷувоз бастаед? – гуфта духтар ба Маликаподшоҳ дӯғ заду фармон дод, ки подшоҳро аспбон таъин кунанд.

Баъд духтар Маликаподшоҳро ба шаҳри худ гирифта рафтанӣ шуд. Дута асп тайёр карданд. Духтар ба Маликаподшоҳ гуфт:

– Ҳамон аспбонро ҳамроҳ мегирем, дар роҳ ба аспҳоямон нигоҳ мекунад.

Подшоҳро ҳамроҳ гирифта, ба роҳ баромаданд. Ба сари як чашма расида, хӯрок хӯрданд. Баъд «шавҳар»-и Малика подшоҳро чеғ зада гуфт:

– Эй аспбон, як аспу ҳамин Маликаро ба ту додам.

– Эй, балоед шумо, подшоҳбачаро гардам, – гуфт аспбон, – ҳазл накунед, зану аспатон ба худатон насиб кунад.

Духтар ханҷарро бароварда гуфт:

– Агар гапи маро нагирӣ, худи ҳозир мекушамат!

Подшоҳ гуфт:

– Хайр, хайр, ҷонам қурбони шумо шавад, орзуи ман ҳамин буд! – гӯён қабул кард.

Духтар ба як асп савор шуда, бо роҳи дигар пештар омада, ба хонааш даромад, либосҳояшро иваз карда, ба ҷои худ нишаст.

Як вақт хабар омад, ки подшоҳ Маликаподшоҳро овардааст.

Вазирҳо, ясавулҳо, саркардаҳо, донишмандону пирони хирадманд пешвоз гирифтанд, подшоҳро бо иззату икром ба қаср гирифта даромаданд.

Подшоҳ духтари оҳангарро ҷеғ заду гуфт:

– Мана, ман Маликаподшоҳро гирифта омадам, ба чашми худ бину хизматашро кун, не гӯӣ, мефармоям зада мекушандат.

Духтар рафта, либоси мардона ба бар, телпаки қазоқӣ ба сар, мӯзаи булғорӣ ба по пӯшида, камарбанди тилло ба миён баста, шофу шамшер ба даст омаду гуфт:

– Эй подшоҳи аблаҳ, магар ҳамин духтари оҳангар набуд, ки туро аз чувозхона озод карда, Маликаподшоҳро ба дасти ту дод?!

Маликаподшоҳ бошад, ин воқеаро дида, ба сари подшоҳ омада гуфт:

– Лаънат ба ин хел подшоҳ, ба ин хел одам, ки қадри ин хел занро надониста, аз паи зани дигар равад!

Ҳамин хел духтари оҳангар ба муроду мақсад расид, шумо ҳам бирасед.



# ВОДАРЕҒ

Буд, набуд, як замоне дар як маконе як подшоҳ буду як вазир. Зани ҳар ду вазнин (ҳомиладор) буданд. Вақту соаташ расиду зани подшоҳ духтар зоид. Зани вазир писар.

Дар ин дунё ҳар чӣ мегузарад, оҳиста-оҳиста бачагии духтару писар гузашту ҳар ду ба воя расиданд.

Як рӯз вазир писари ҷавонашро ба пешаш шинонду гуфт:

– Ҷигарбандам, шукри Парвардигор, ба синни балоғат расидӣ, дил мехоҳад ба ту зан гирифта диҳаму тӯю тамошоятро бинем.

Писараш гуфт:

– Эй падари бузургвор, агар орзуи шумо ҳамин бошад, магар ман метавонам не гӯям.

– Армони дили ман, – гуфт вазир – қудо шудан бо подшоҳ аст. Мехоҳам инро ба подшоҳ гӯям.

Писараш гуфт:

– Ман ҳанӯз ҷавон бошам ҳам дидаам ва шунидаам, ки подшоҳон духтарашонро фақат ба шоҳзодагон медиҳанд, надидам ва нашунидаам, ки подшоҳе ба вазирзода духтар дода бошад.

– Аз ин ҷиҳат, – гуфт вазир, – хотири ман ҷамъ. Мо бо подшоҳ дӯстони деринем, боварӣ дорам, подшоҳ хоҳиши маро рад намекунад.

Хулоса вазир ба подшоҳ муддаои дилашро гуфт:

Подшоҳ суханони вазирро шунида, сар хам карду ба хаёл рафт. Ба хаёл рафту фикр кард, ки «кабӯтар бо кабӯтар, боз бо боз» гуфтаанд. Ман подшоҳам, магар вазирзода сазовор аст, ки домоди ман бошад? Лекин, мо бо вазир дӯстони деринем, боре нашудааст, ки ӯ маро ранҷонда бошад, агар ҷавоби рад диҳам, сахт малӯл мешавад, коре бояд кунам, ки ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад. Ҳаминро фикр карду ба вазир гуфт:

– Дӯсти азиз, ман подшоҳам ва лозим аст, ки барои духтарам мувофиқи мартабаам маҳр (қалин) гирам, то нагӯянд, ки духтари подшоҳ магар нуқсе ё айбе доштааст, ки падараш барояш маҳр нагирифт.

Подшоҳ баъди ин гап маҳри духтарашро гуфт: ҳазор шутури сафед, ҳазор гӯсфанди сиёҳ, ҳазор барраи ширбоз, ҳазор гови зотӣ бо гӯсолааш, ҳазор

оҳубарра, ҳазор байтал, ҳазор гургу ҳазор шоҳин. Аз атласу шоҳию кимхоб ҳазор либосӣ.

Вазир ин ҳазор-ҳазорҳоро шунавида, ғамгину маъюс ба хонааш баргашт. Писараш падарашро дар ин ҳол дида, сабаб пурсид. Вазир гуфт:

– Писарам, барои подшоҳон дӯстӣ бо касоне, ки аз онҳо камтаранд, эътиборе надоштааст. Ман имрӯз бори дигар донистам, ки ин ҳақиқати маҳз аст. Баъд вазир ҷавоби подшоҳро ба писараш як-як гуфт:

Вазирзодаро ба ҳоли падар раҳмаш омаду гуфт:

– Мард бояд, ки ҳаросон нашавад, мушкиле нест, ки осон нашавад! Инро гуфта худашро ба сурати қаландар карду шамшеру шашпар, гурзу сипар гирифта, аз мамлакат баромада рафт.

Даҳ шабу даҳ рӯз ба қадом раҳ рафтанашро надониста, хаёл карда истода буд, ки саворе бо аспи сиёҳу сару либоси сиёҳ ба сари дуроҳа омад. Ҳар дуяшон саломи алайк карданд.

Вазирзода ба рӯю чашму абрӯвони ҷавон, ба қаду қомати ӯ нигариста, қариб буд, ки аз ҳуш равад. Чашмони шаҳло, мижгони дароз, абрӯвони тобон, рухсораҳои чун себи сурх, рӯи дурахшон – дар бораи чунин ҳусн ҳар чӣ гӯӣ кам аст.

Сиёҳпӯш гуфт:

– Эй бародар, аз куҷо меоию ба куҷо меравӣ?

– Ман аз фалон ҷо омадам, ба ҳамин дуроҳа расида, ба кадом тараф рафтанамро надониста ҳайрон мондам.

– Ту чӣ мақсад дорӣ, ки азми сафар кардӣ? – боз пурсид ҷавони сиёҳпӯш.

Вазирзода саргузашташро гуфта дод:

– Эй бародар, дар дунё одам барои зан шуда, худашро ба кӯи сарсонӣ мезанад магар? Марди ҳақиқӣ аввал худашро дар майдон нишон медиҳад. Ман ба ҷанг рафта истодаам, мехоҳам лашкари подшоҳеро торумор кунам, ки кору бораш талаву тороҷи мулкҳои дигар аст. Аз як кас дида ду кас будан беҳ, агар хоҳӣ, ба ман ҳамроҳ шав.

Писари вазир қабул кард. Се шабу се рӯз роҳ гашта, як бегоҳ ба канори шаҳре расида, аз асп фаромаданду чодар зада, сӯҳбат карда нишастанд. Рӯз шуда буд, ки сиёҳпӯш карнай кашида, табли ҷанг зад.

Подшоҳи мамлакат баромада дид, ки ду паҳлавон талаби ҷанг доранд, зиддашон лашкар кашид.

Ин сиёҳпӯш Водареғ ном паридухтар буд, овозаи зебоияш саросари олам паҳн шуда, садҳо шоҳону шоҳзодагон дар орзуи дидори ҷонфизои ӯ буданд. Водареғ чил кокулашро зери телпак пинҳон карда, сару либоси сиёҳу никоби сиёҳ пӯшида, ҷанг мекард. Чил рӯз беист меҷангиду баъди ин чил рӯз ба хоби

паҳлавонӣ мерафт. Писари вазир, ки аз ин хабаре надошт, лашкари бешумори подшоҳро дида, дилаш ваҳм кашиду худ ба худ гуфт:

«– Ман худамро ба доми аҷал задам, як кас бо ин қадар аскар чӣ хел метавонад ҷанг кунад?!»

Вазирзода дар ҳамин хаёл буд, ки Водареғ масолеҳи хӯрок оварда, ба пеши ӯ монду гуфт:

– Ман ба ҷанг медароям, бегоҳ як оши палави кори калони дастӣ пухта мемонӣ.

Вазирзода хуб гуфту аз паси кор шуд. Водареғ ба ҷанг даромада, дар байни чанд соат нисфи зиёди аскарони подшоҳро қир кард.

Вазирзода дасту остин барзада бо ҳавсалаи тамом як дег ош пухту ошро дам партофта, сиёҳпӯшро нигоҳ карда нишаста буд, ки як дев омад: худаш як ваҷабу ришаш сад ваҷаб.

Омаду аз вазирзода пурсид:

– Камтар хӯрок надорӣ, ки бисёр гурусна мондам.

Вазирзода, ки чашмаш ба роҳи сиёҳпӯш буд, гуфт:

– Рав, аз дег як кафгир ош гирифта хӯр.

Дев ҳамаи ошро пакқос хӯрда, дегро чаппа карда монда рафт.

Як вақт вазирзода дид, ки дег хоп-холӣ, ҳайрон шуду «оббо, шарманда шудам-ку» – гӯён саросема як деги дигар ош пухт: таг сӯхтаву миён хому боло ланҷ. Ошро дам партофта буд, ки сиёҳпӯш омада:

– Ҳа, канӣ оши пухтагиат, бисёр гурусна мондам, – гуфт.

Вазирзода ошро кашида омад, хайр Водареғ вақти хӯрдан гап назаду баъди хӯрда шудан гуфт:

– Бародар, ман нагуфта будам, оши нағз паз. Ту чӣ хел пухтӣ?!

Вазирзода чӣ хел ошро хӯрда рафтани девро нақл кард.

Водареғ гуфт:

– Пагоҳ ту ба ҷанг меравию, ман ош тайёр мекунам. Аспи маро гир, либосҳои маро пӯш, ҳеҷ кас намефаҳмад, ки паҳлавони дигар ҷанг мекунад.

Хайр, пагоҳ вазирзода сару либоси Водареғро пӯшида, ба аспи Водареғ савор шуду ба ҷанг даромада лашкари душманро аз як тараф қир кард. Водареғ палав пухт, тайёр шуда буд, ки дев омада пурсид:

– Камтар хӯрок надорӣ, бисёр гурусна мондам?

– Даро дар ошхона ош ҳаст, камтар гирифта хӯр! – гуфт Водареғ.

Дев ба ошхона даромада буд, ки ин аз пасаш даромада дари ошхонаро пӯшиду гардани девро чӯт карда*, бо шамшер зад, каллаи дев аз танаш ҷудо шуд, калла:

---

* Нишон гирифта

– Ҳоло туро бин! Ҳоло туро бин! – гуфта риши садвачабааш аз думаш кашол баромада рафт.

Водареғ аспро савор шуда аз паси вай сур кард.

Каллаи дев рафта-рафта ба таги як санги хона барин калон даромада рафт. Водареғ гашта омада, ошу обро тайёр кард, вазирзода аз ҷанг гашта омад, обу ошро хӯрданд.

Сиёҳпӯш ба асп савор шуда, вазирбачаро ҳамроҳаш гирифта, ҳар ду ба пеши ҳамон санг рафтанд, ки дев ба зераш рафта буд. Водареғ ба вазирзода гуфт:

– Бародар сангро гирифта парто!

Вазирзода ҳарчанд зӯр зад, сангро аз ҷояш ҷунбонда натавонист. Водареғ аз асп фаромаду як зӯр катӣ сангро гирифта, ба як тараф партофт. Нигоҳ карданд, ки таги санг як чоҳи бетаг. Водареғ камандро ба миёни вазирзода баста, ба чоҳ фаровард. Вай ба нисфи чоҳ расида буд, ки додаш баромад:

– Сӯхтам! Пухтам! Каш!

Водареғ ӯро кашида гирифту камандро ба миёни худаш баста гуфт:

– Ҳазор сӯхтаму пухтам гӯям ҳам гӯш накарда, расанро то охираш сар деҳ.

Водареғ ба чоҳ даромад. Ҳамин ки ба нисфи чоҳ расид, доду вояш баромад, вазирзода гӯш накарда, камандро сар додан гирифт. Водареғ ба таги чоҳ расида, дид, ки ҷӯй равон асту як қалъаи сар ба фалак кашидагӣ, на дар дораду на сӯрох.

Лаҳзае назди оби равон нишаста, дасту рӯяшро шусту гирди қалъаро як гашта баромад, ки дар як тахтасанг бо ким-чи хел хат ким чи навишта мондагӣ. Хатро хонда буд, ки раъду барқ барин садое баромаду аз як тараф шақаррас карда, дарвозаи сангин кушода шуд. Ба даруни қаср даромад, ки як паризод болои тахт ҳамон каллаи ришаш садвачабаро ба бағал гирифта, гиря карда нишастааст. Водареғ даромада, ин ҳодисаро дида, ҳайрон шуда пурсид:

– Ту кистӣ, инсӣ, ҷинсӣ, парии, паризодӣ? Дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ? Дар бағалат каллаи кӣ?

Духтар гуфт:

– Ман духтари подшоҳи Мисрам. Номам Райҳонбибӣ. Дар ҳафтсолагиам ҳамин дев маро дуздида омада буд, ҳозир ба чордаҳ даромадаам, то ҳамин вақт ҳамин дев ба ман нигоҳубин мекард, либос меовард, хӯрок меовард. Касе сари ӯро аз тан ҷудо кардааст. Ман ба мурдаи дев не, акнун аҳволи ман чӣ мешавад, гуфта гиря карда истодаам.

Водареғ калларо аз ришаш дошта, чунон ҳаво дод, ки аз чашм ноаён шуда, баъди чанд вақт ба замин афтоду, ба ҳафт қабати замин даромада рафт. Ҳамон

замон аз ҷои даромада рафтаи сари дев панҷсад дев баромад. Водареғ ба духтар гуфт:

– Ту ҳоло ҳо ба он баландӣ баромада шин, ман бо ин девҳо ҷангида, онҳоро яктарафа карда, баъд ба пешат меоям.

Водареғ шамшерро бараҳна карда, бо девҳо ҷангида, ҳамаашро якта намонда зада афтонд.

– Боз яктогӣ зан, ки ҷонамон тамоман бароянд! – гуфтанд девҳо.

Водареғ боз яктогӣ зада буд, ки девҳо ҷон гирифта боз ба ҷанг даромаданд. Ҳамин хел ҷанг то бевақтии шаб давом кард. Аксари девҳо кушта шуданд, лекин даҳ-понздаҳ зӯраш зинда монд.

Саҳар Водареғ аз хобаш хеста, боз ҷанг сар кард ва он даҳ-понздаҳ зинда мондаро зада афтонд. Девҳо гуфтанд:

– Боз як бори дигар зан, ки ҷонамон якбора бароянд.

Водареғ гуфт:

– Кӯр асояшро як бор гум мекунад.

Водареғ Райҳонбибиро бо ҳамаи хазинаю дафинаи дев ба як сандуқи калон андохта ба каманд баст, вазирзода кашида гирифт.

Одамизод шири хом хӯрдааст. Баъзан ҳирси молу ҳиссиёти худбинӣ ақлашро хира мекунад. Ба сари писари вазир дар як он фикре омад, ки сандуқро бо чизу чораш гирифта раваду сиёҳпӯшро аз чоҳ накашад. Бою бадавлат, ки шуд ҳар чизе, ки дилаш хоҳад ба даст биоварад. Баъд худ ба худ гуфт: «Эй вазирбача. Ба ҳамин дунё омада, акнун якто ҷӯраи ҳақиқӣ пайдо кардӣ, барои молу мулки дунё шуда, ҳамин хел ҷӯраро партофта рафтан магар аз рӯи инсофу мардӣ аст?!». Ҳаминро гуфту камандро партофта Водареғро кашида баровард.

Водареғ баромада калиди сандуқро ба вазирзода доду гуфт:

– Ҳар чизе, ки дар сандуқ ҳаст, аз они ту.

Сипас ба роҳ даромаданд, ба наздикии шаҳри Миср рафта, чодар заданду, одам фиристода ба подшоҳ хабар доданд, ки духтарат ёфт шуда омад. Подшоҳ шод шуда, ба истиқболашон баромад.

Баъд ба хурсандии ёфт шудани фарзанди ба ҷону дил баробараш ҳафт шабу ҳафт рӯз тӯй дод. Ҳафт шабу ҳафт рӯз дар ягон хонадон дег начӯшид, аз ҳафт то ҳафтодсола ҳафт шабу ҳафт рӯз аз деги подшоҳ ош хӯрданд.

Баъд подшоҳ аз Водареғ хоҳиш кард, ки домоди ӯ шавад.

– Духтари маро бигир, тахти подшоҳӣ ҳам аз они ту, – гуфт.

Водареғ гуфт:

– Бигзор духтари туро бародарам гирад.

Вазирзода ба подшоҳ рӯ оварда гуфт:

– Ман мушкиле дорам, падарам барои ман духтари подшоҳи мамлакатро хостгорӣ кард. Подшоҳ магар нахост, ки маҳри зиёд талаб кард. Ҳазор уштури сафеду ҳазор гӯсфанди сиёҳ, ҳазор барраи ширбозу гови зотӣ, ҳазор оҳу бо оҳубарраащ, ҳазор аспи нару гургу шоҳину байтал. Агар ман дархости подшоҳро муҳайё накунам, падарам назди подшоҳу мардум беобрӯ мешавад.

Подшоҳи Миср суханони вазирзодаро шунида гуфт:

– Ҷамъ кардани ин қадар молу ҷондор осон нест, лекин Миср – нисфи олам, ин ҷо ин корро метавон кард.

Подшоҳ фармуд, ки сар то сари мамлакат гардандy он чӣ ба вазирзода лозим аст, ҷамъ оваранд. Надимону аскарони подшоҳ аз паи кор шуда, фармони подшоҳро иҷро карда, ҳазор уштури сафеду гӯсфанди сиёҳ, ҳазор аспи нарину, гургу шоҳину байталро ба мамлакати писари вазир ронда бурданд, тамоми мамлакатро чорвои майдаю калону гургу шоҳин пур кард. Одамон ҳайрон шуданд. Мардум ин қадар гургро дида, ба воҳима афтода, дари ҳавлию хонаҳояшонро маҳкам карданд. Подшоҳ ин ҳолро дида, даставвал гаранг шуду баъд худро ба даст гирифта, ба вазир фармуд, ки тӯйро сар кунад.

Ҳамин ки тӯй охир шуд, вақти пеши арӯс даромадани вазирзода расид. Водареғ бо дӯсташ хайрухуш карду ба ӯ як кордча тақдим карда гуфт:

– Инро гум накун ва ҳар гаҳ ки дидӣ, Водареғ гӯю маро ба хотир биёвар.

Вазирзода гуфт:

– Ман мехоҳам, ки назди ман нишонае аз ту нею худат бимонӣ. Мо бародарони ҷонӣ шудем, ман наметавонам бе ту бошам.

Водареғ гуфт:

– Ман ломакон нестам, ватан дорам, рӯзгор дорам, маро интизоранд.

Вазирзода дид, ки азми Водареғ қатъист, бо ӯ гарму ҷӯшон хайрухуш карда, кордчаро ба соқи мӯзааш андохт, то ки вақти кашидану пӯшидани мӯза, яъне ҳар рӯз ду-се бор бародари паҳлавонаш ба ёдаш расад.

Ҳамон мӯзаашро кашидан замон, Водареғ гуфта монд. Арӯсаш, духтари подшоҳ, ин номро шунавида гуфт:

– Водареғ гуфтед? Медонед Водареғ кист? Аз рӯи шунидам, паридухтари баҳодурест, ки кору бораш кӯтоҳ кардани дасти подшоҳони ғораттар, ҳар гуна duздону роҳзанҳо будааст.

Вазирзода инро шунида ҳайрон шуд ва баъд:

– Дареғо, сад дареғо, бахту саодатам аз пеши мани нофаҳм рафтааст! – мӯзаи кашидаашро пӯшиду шитобон баромада рафт.

Рафта-рафта ба ҳамон дуроҳае, ки бо Водареғ вохӯрда буд, омаду сӯи роҳе, ки Водареғ омада буд, ҳафт шабу ҳафт рӯз дам нагирифта, асп давонда ба ҷое

расид, дид, ки чандин ҳазор гӯсфандро чӯпонҳо чаронда гаштаанд. Аспашро боздошта аз онҳо пурсид:

– Ин гӯсфандон аз они кӣ?

– Аз они Водарег, – шунавид дар ҷавоб.

– Ҷои исти Водарег дар куҷо, шумо медонед? – пурсид вазирбача.

– Не, мо ҷои исти вайро намедонем. Аммо вай ҳар чил рӯз як бор омада, аз аҳволи мо хабар гирифта меравад, мо аз тамошои ҳусни ӯ лаззат бурда мегардем, гуфтанд чӯпонҳо.

Вазирзода боз ҳафт шабу ҳафт рӯз асп давонда, ба ҷое расид, ки галаҳои уштуру асп чарида гаштаанд. Аз галабонҳо пурсид:

– Ин галаҳо аз они кист?

– Аз они Водарег, – гуфтанд ба ӯ.

– Ҷои исти Водарегро намедонед?

Галабонҳо гуфтанд:

– Не, мо намедонем, вай ҳар чил рӯз омада, аз аҳволи мо хабар гирифта, як ҷамолашро нишон медиҳад, мо чил рӯзи дигар хурсанд мегардем.

Вазирзода боз ҳафт шабу ҳафт рӯзи дигар роҳ гашта, ба ҷое расид, ки чил кас ҷуфт ронда замин шудгор мекунанд. Аз асп фаромада, саломи алек карду камтар об хост.

Обро бошитоб нӯшиду баъд пурсид:

– Ин замину мулк аз они кист?

– Аз они Водарег.

– Ҷою маконашро намедонед? – пурсид вазирбача.

– Не, мо ҷою маконашро намедонем, – гуфтанд ба ӯ.

Вазирзода оҳи бадард кашид, як деҳқони мӯйсафед ба чашмони ӯ зеҳн монда, пурсид:

– Писарам ба ту чӣ алам расид, ки ин қадар оҳи бадард кашидӣ?

Вазирзода саргузаштшро гуфта дод. Мӯйсафед гуфт:

– Писарам, савдои мушкиле ба сарат афтодааст, ҳоло ҳам дер не, ба ҷони ҷавонат ҷабр кардан нахоҳӣ, аз раҳат гард.

Вазирзода гуфт:

– Барои ман роҳи бозгашт вуҷуд надорад ё ба мақсадам мерасам ё сарамро дар ин роҳ қурбон мекунам.

Мӯйсафед ин гапро шунавида гуфт:

– Ин хел бошад, писарам, гӯш кун. Боз ҳафт шабу ҳафт рӯзи дигар роҳ рафта, ба дарёи азиме мерасӣ, аз дарё ки гузаштӣ, дар он лаби дарё як суфа ҳаст, он ҷои дамгирии Водарег. Вақте ки ба он ҷо рафтӣ, аспатро ба шохи чанор

мебандӣ, зери он чанор як кас оҳангарӣ карда истодааст, ин одам ошнои ҷонии Водареғ аст, макони Водареғро ба ту мегӯяд.

Вазирзода боз ҳафт шабу ҳафт рӯз роҳ гашта, ба он дарё расид, аз дарё гузашта, аспашро ба шохи чанор басту ба тарафи дӯкони оҳангар рафт:

– Ассалому алайкум.

– Ваалейкум ассалом, писарам. Биёед! Хуш омадед! Одамҳои ин ҷо барин наменамоед, аз куҷо омадеду ба куҷо меравед?

Вазирзода воқеаи аз сараш гузаронидаашро нарезондаю начаконда гуфта доду аз оҳангар илтимос кард, ки ҷои зисти Водареғро гӯяд.

Оҳангар гуфт:

– Хуб, агар ҳамаи гапҳои гуфтагии ту рост бошаду худат бо Водареғ ошно бошӣ, кор осонтар.

Вазирзода гуфт:

– Ман ба вай шаш моҳ боз шинос, борҳо ҳамнишин будем, нону намак хӯрдем, ҳамроҳ ҷанг кардем. Вақти хайрухуш ана ҳамин қаламтарошашро дода буд.

Баъд оҳангар чил гулмех тайёр карду ба вазирзода дода гуфт:

– Ба суроғи Водареғ бисёр ту барин касон омада, нобуд шуданд. Вай як аспи луччак, як бози тозии луччак дорад, ки аз шаб то рӯз ба чор тарафи дунё чашм андохта посбонӣ мекунанд. Ҳамин ки ягон одамро дар наздикии қаср диданд, чиррос мезананд. Водареғ ҳамон замон баромада несту нобуд мекунад. Ба ту ман як маслиҳат медиҳам. Агар аз рӯи маслиҳати ман кор кунӣ, мумкин аст, ки ба мурoду мақсадат расӣ. Ту як навъ карда, ҳозир ба таги қаср рафта, хандақе кану дарунаш даромада шин. Шаб, ки шуд, баъд аз ними шаб саратро барор. Аспи тозиву бози луччак сари туро дида чиррас мезананд. Ту даррав худатро ба зер каш. Водареғ мебароёду ба ҳар тараф бо дурбин нигоҳ мекунад, ҳеҷ касро намебинад. Баъд аспу бозашро ҷанг карда, даромада хоб мекунад. Боз ту нисфи танатро намоён куну аспи тозию боз, ки чиррос заданд, даррав панаҳ шав. Водареғ боз мебароёду ба чор тараф нигоҳ мекунад, ҳеҷ касро намебинад, аспу бозашро боз сахттар ҷанг мекунад. Ҳамин вақт то сари зонуят намою боз панаҳ шав. Аспи тозиву боз боз аз нав чиррос мезананд. Водареғ боз мебароёду ба чор тараф нигоҳ мекунад, баъд ба аспи тозиву боз мегӯяд: Қасам ба номи Парвардигор, агар боз дод гӯед, баромада бинам, ки касе нест, сари ҳар дуятонро мегирам!

Ту боз каме исту ин навбат аз даруни чуқурӣ давида баро ва зуд гашта панаҳ шав. Ин дафъа аспу боз сахт чиррос мезананд. Водареғ баромада, ба чор тараф назар мекунад, ҳеҷ касро намебинад. Дар ғазаб шуда, аспи тозию бозашро мекушад. Баъд ту нигоҳ карда шин, то ки хоби Водареғ барад. Сипас, хезу поида

рафта, ба қаср даромада бин, хобаш бурдагӣ бошад, чил гулмехро ба замин зада, чил кокулашро банду, якбора ба банди дилаш савор шав. Водареғ «фуро, ҳар кӣ бошӣ мегирам» мегӯяд, аммо ту нафаро, гӯй ки қасам хӯр, баъд мефароям. Вай ҳар хел қасам мехӯрад, нафаро, баъде ки «хайр қасам ба китобчаи бобокалонам, фаро ман аз тую ту аз ман» гуфт, фаро.

Вазирзода ба қасри Водареғ рафта, гуфтаҳои оҳангарро кард ва ҳама кор мисли гуфтаҳои ӯ шуд. Баъд аз он, ки хоби Водареғ бурд, ба қаср даромада дид, ки Водареғ дар болои тахт. Гулмехҳоро ба замин заду чил кокули Водареғро ба гулмехҳо баста, худаш ба болои синааш савор шуда, ҳамон кордчаро ба болои синааш зер карда буд, ки Водареғ бедор шуда, ҳамон кордчаро ба болои синааш диду гуфт:

– Хайр хез, тақдирам бо ту будааст.

Вазирзода гуфт:

– Не, аввал қасам хӯр, баъд мехезам.

Водареғ қасами бисёре хӯрд. Писари вазир гуфт:

– Не, ҷиддӣ қасам хӯр!

Охир, ки нашуд, Водареғ гуфт:

– Китобчаи бобокалонам занад, ки ман ба ту зарар намерасонам.

Вазирбача хесту кокулони Водареғро кушод. Водарег гуфт:

– Як мулло ҳаст, гирифта биё моро никоҳ кунад.

Вазирбача муллоро гирифта омад, мулло хутба хонда, инҳоро никоҳ кард. Ба мулло як табақ тилло доданд, қабул накарда гуфт:

– Ба ман пул даркор не!

– Ба шумо чӣ лозим, гӯед! – гуфт вазирзода.

Мулло гуфт:

– Ба ман пулу мол не, маликаи Водареғ як маротиба ҷамолашонро нишон диҳанд бас.

Ин хабарро ба Водареғ расониданд. Водареғ ҳам ҳафт қабат парда кашида, аз паси ҳафт парда рӯяшро ба мулло нишон дода буд, ки мулло аз хуш рафт. Баъди чанд вақт ба худ омада гуфт:

– Ман ба мақсадам расидам. Хушбахт шавед!

Аз байн як моҳ гузашт. Водарег бо шавҳараш хурсанд зиндагӣ карда гаштанд. Як рӯз Водареғ гуфт:

– Ба ман иҷозат деҳ, галаю рамаҳои дар роҳ дидагиатро хабар гирифта биёям, агар ҳар чил рӯз якбор наравам, ҳамааш паҳну пароканда мешавад.

Вазирзода гуфт:

– Ин хел бошад, ман худам рафта галаю рамаро хабар гирифта меоям.

Водареғ розӣ шуду сураташро дода, ба шавҳараш гуфт, ки чӯпонҳо, галабонҳо ҳама муштоқи дидори ваянд, сураташро бинанд шодком мешаванд. Баъд таъин кард:

– Дар ҳама ҷо талабгорони ман ҳастанд, баъзеашон бисёр зӯр, суратро эҳтиёт куну гум накун, ки ба дасти ягон зӯр афтад, дар ақиби сурат акси роҳи мулки маро мебинанду омада туро мекушаду маро гирифта мебарад. Ин гапро сахт ба гӯшат гир.

Вазирзода хуб гуфта, хотирҷамъ шуда, вақти бозгашт дар лаби як дарё сару либосашро кашида, сурати Водареғро дар байнаш монду оббозӣ кард. Ҳамин вақт чангу тӯпаланг бархоста либоси вазирзодаро чаппа карда, сурати Водареғро бурда ба дарё партофт. Вазирзода «мани нодон чӣ кор кардам?! Бахтамро аз даст додам!» аз карда як не, сад пушаймон шуду аспашро савор шуда, пеши занаш баргашта, воқеаро гуфта дод. Водареғ гуфт:

– Сад афсӯс, ҳам ба худат зарар кардию ҳам ба ман. Бо гуноҳи ту моро аз якдигар ҷудо мекунанд, чунки ту таъиноти маро аз хотир баровардӣ.

Акнун воқеаро аз сурати Водареғ гап мезанем: талабгорони Водареғ ба умеди он, ки шояд ӯро дошта гиранд, ҳам дар рӯи замину ҳам даруни баҳру дарё дом монда буданд. Вақте ки сурати Водареғро шамол ба дарё андохт, рафта ба тӯри подшоҳи Қулзум афтод. Подшоҳ суратро гирифта, дар ақибаш харитаи роҳи мулки Водареғро диду ба тарафи ин мулк лашкар кашид.

Як саҳарӣ Водареғ нигоҳ кард, ки гирду атрофро мӯру малах барин аскар зер кардааст. Водареғ хафа шуду рафта дар болои сари шавҳараш гиря карда нишаст, оби чашмаш ба рӯи вазирзода чакиду, як қад парида, бедор шуд. Водареғ воқеаро гуфта дод. Вазирзода баромада дид, ки дар ҳақиқат чор тарафро аскар зер кардааст. Хайр, зану шавҳар сару абзор карда, ба ҷанг баромаданд, чунон ҷангиданд, ки аз ҷасади мурдагон чанд теппа пайдо гардиду аз хунашон дарё ҷорӣ шуд. Бисёр ҷангиданд онҳо ва мондаю бемадор шуданд. Душманон ба вазирзода ҳуҷум карда, зада қалам-қалам карданду Водареғро дастгир карда, гирифта рафтанд. Вазирзода оғӯштаи хуну хок нисфи шаб ба ҳуш омад, ки дар байни мурдаҳо хоб кардааст. Хост бихезад, мадори ҷунбидан надошт. Дар ҳамин ҳолат хобаш бурд ва як мӯйсафеди нуронӣ ба хобаш даромад:

– Ҳеҷ гап не, писарам, хезеду аз паи Водареғ шавед, – гуфта тану бадани вазирзодаро сила карданд, ки ӯ аз пештара ҳам тару тозатар шуда, аз ҷой хест. Хесту ҷомаи қаландарӣ пӯшида, ба мамлакати Қулзум рафт.

Акнун вазирзодаро дар ҳамин ҷо монему аз аҳволи Водареғ пурсем.

Подшоҳи Қулзум Водареғро бурду тӯю тамошо сар кард.

Водареғ гуфт:

– Шавҳари ман дирӯзакак кушта шуд. Ман чил рӯз азо мегирам, баъд ихтиёри ман ба ту.

Сию нӯҳ рӯзи мӯҳлати Водарег гузашт. Рӯзи чилум подшоҳи Кулзум дар тараддуди тӯй шуд. Водарег хафаю дилаш ҳиҷил дар қасри подшоҳ менишаст.

Ҳамин вақт канизаки подшоҳ ба лаби ҳавз баромада, ба офтобаи тиллоӣ об гирифтанӣ буд, ки қаландаре омада монд.

– Духтарам, ин тараф биё, ман аз офтобаат об хӯрам. Биё, савоб мегирӣ!

– Не, оям ҷанг мекунанд, – гуфт канизак.

– Ояат кӣ? – пурсид қаландар.

– Оям Водарег – гуфт канизак.

– Ояат кай медонад, ки ман аз офтобаат об хӯрдам. Биё, савоб мегирӣ, – гуфту аз дасти канизак офтобаро гирифта, обро нӯшида, ангуштаринашро номаълум ба офтоба андохта, ба канизак таъин кард: агар ояат ба дастам об андоз гӯянд, камтаракак об андоз, боз об андоз гӯяд, боз камтар андоз, дурусттар андоз гӯяд, офтобаро чаппа карда, ҳамаи обро резу худат гурез.

Канизак обро бурда буд, ки Водарег гуфт:

– Ба дасти ман об андоз.

Канизак камтаракак об андохт.

– Боз андоз, – гуфт Водарег.

Канизак боз камтаракак андохт.

Водарег «дурустакак об андоз!» – гуфта дод зада буд, ки канизак офтобаро чаппа карду ҳамаи обро рехту гурехт, ангуштарин рост ба сари ангушти Водарег афтод.

Ангуштаринро дида хурсанд шуда, «шукр, ки зинда будааст» – гуфту хеста сурфаю тахта кушода, тушбера пухт. Баъд тушбераро ба як хурмача бардошту ба болояш дуто нон монда, ба канизак гуфт:

– Ин хӯрокро ба меҳмон бару гӯй, ки моҳ дутоюю ситора тӯда-тӯда.

Канизак тушбераро бардошта мерафт, ки бӯи хушаш ба димоғаш заду иштиҳояш карнай шуда, шитобон якто нону нисфи тушбераро хӯрд. Баъд хурмачаро пеши вазирбача бурда гуфт: – Оям гуфтанд, ки моҳ дутою ситора тӯда-тӯда.

Вазирзода чанд вақт боз хӯроки гарм нахӯрда буд, тушбераро бо якто нон покиза хӯрду гуфт:

– Рафта ба ояат гӯй, ки моҳ яктою ситора ягон-ягон.

Канизак рафта ҳамин гапро расонда буд, ки Водарег ӯро коҳиш кард:

– Ҳа бадбахт, якто нону нисфи тушбераро хӯрдӣ-дия!

Канизак тарсида хост бигрезад, Водарег ӯро дошта гуфт:

– Хайр ҳеҷ гап не, рафта хоб кун! Гӯй, дигарон ҳам бихобанд, то ки ман биосоям.

Баъди он, ки ҳама хобиданд, Водареғ ба саисхонаи подшоҳ рафта, ба посбонҳо рӯяшро нишон дод, ҳама ҳусни нестдарҷаҳонеро дида, беҳуш шуда афтоданд, дароmaду аспашро ва зину афзорашро бароварда, барои шавҳараш ҳам якто асп гирифта, пеши ӯ омад. Ҳар ду савор шуда, аз шаҳр баромада рафтанд.

Рӯз шуд. Подшоҳ бедор шудан замон ба надимонаш гуфт:

– Имрӯз мӯҳлати азои Водарег буд шуд, ӯро биёред, мулло даъват кунед, моро никоҳ кунад.

Надимони подшоҳ омаданд, ки Водареғ дар ҷояш нест. Рафта саисхонаро диданд, ки ду асп ҳам нест. Подшоҳ ин хабарро шунавида, ба ғазаб омада, аз паси Водарег лашкар равон кард. Водареғу писари вазир ба ҷанг даромаданд. Подшоҳ ҳафт маротиба лашкар равон кард. Водареғу шавҳараш ҳафт маротиба лашкари ӯро аз дами теғ гузарониданд.

Қулзумро ба ҷуз таслим шудан илоҷи дигар намонд. Вазирзода хост сар аз тани ин подшоҳи бераҳм, ки ӯро кушта, занашро гирифтанӣ буд, ҷудо кунад. Писари Қулзум, ки ҷавони нозанину доно буд, сари зону пеши ӯ нишаста илтиҷо кард:

– Ману падарам – ғуломи шумо, ҳар гаҳ ҳар чӣ фармоед, иҷро мекунем.

Ин гап ба Водарег маъқул шуд. Ба Қулзум даст назада, роҳ пеш гирифтанду ба ватани писари вазир омаданд. Омаданд, ки падару модари вазирзода ба як ҳоле – дар фироқи фарзанди яккаву ягонаашон ғам хӯрдаву нолида, ба марги худ розӣ шудаанд. Фарзанди азизу келини маҳваши худро дида, шод шуда аз ҷой хестанд.

Писари вазир тамоми шаҳрро оинабанд карда, эълон кард, ки чил рӯз ҳеҷ кас дар хонааш таом напазад, ҳама чил рӯз ба даргоҳи вазир омада, оши тӯй хӯрда рафтанд.

Духтари подшоҳ, ки аз шавҳари шаби никоҳ баромада рафтааш умедашро канда буд, хабари тӯи домодии ӯро шунавида пеши падараш омаду гуфт:

– Падари бузургвор! Шумо маро ба писари вазир додан нахостед, ӯ маҳри маро аз шумо зиёд дода бошад ҳам, ба ман дил набасту шаби тӯй ба ман наздик нашуда, баромада рафт. Ман духтари подшоҳ, меҳрубонии шавҳарро надида, номи беваро гирифтам. Акнун ягон шоҳзода мани беваро талабгор намешавад.

Подшоҳ ин суханони талхро шунавида, чун дар он рӯзе, ки вазир пешаш хостгор шуда буд, сарашро хам карда ба хаёл рафт. Баъд сар бардошту гуфт:

– Хаёли ман хом будааст, духтарам, бахти туро барбод додам. Аз гуноҳам гузар!

Подшоҳу духтарашро дар сари ин гуфтугӯи дилхарош монему аз гуфтугӯи вазирзодаву Водарег гап занем.

Баъди тӯй вазирзода ба хаёл рафт. Водарег ба рӯяш зеҳн монду сабаб пурсид.

Вазирзода гуфт:

– Ман духтари подшоҳро дар бистари арӯсӣ ба ҳоли худ монда, рафта будам. Ин дам ӯ ба ёдам расид. Ин духтари ба ном шавҳаркарда чӣ ҳол дошта бошад?

– Инро аз падарат пурс, – гуфт Водарег.

Вазир гуфт:

– Аз ҳамон рӯз ин ҷониб подшоҳ сархаму ғамгин аст. Ӯ мехост, ки домодаш шоҳзода бошад, ҳоло ҳар шоҳзода духтарро бева пиндошта, ба ӯ талабгор намешавад. Духтар дар азоб аст, ба ӯ раҳми кас меояд.

Водарег ин қиссаи аламангезро шунавида, ба шавҳараш гуфт:

– Рафтем!

– Ба куҷо? – пурсид вазирзода.

– Ба мулки Қулзум.

– Вазирзодаю Водарег ба ин мулк омаданду ба подшоҳи мулк – Қулзуму писари ӯ қиссаи духтари подшоҳи мамлакаташонро нақл карда, фармуданд, ки ба духтар хостгор фиристонанд.

Боз тӯй шуд, тамошо шуд, боз чил рӯз мардум оши подшоҳро хӯрданд.

Подшоҳ ба мурdoду мақсадаш расид. Вазирзодаю Водарег шоду хуррам умр ба сар бурда, ба камоли пирӣ расиданд, шумо ҳам бирасед.



# ПИСАРИ МОҲИГИР ВА МОҲИИ ГУЛДОР

Як моҳигир буд. Вай як рӯз ба лаби дарё омада шаст партофт. Ба шасташ як моҳӣ банд шуд. Моҳӣ оддӣ набуд, гулдор буд. Моҳигир хурсанд шуда онро аз нӯги чангак ҷудо карда гирифта, тамошо карда истода буд, ки моҳӣ ногоҳ аз дасташ ғеҷида афтоду ба об даромада рафт.

Аз ҳамон вақт сар карда моҳигир рӯи хурсандиро надид. Вай хонаашро партофта, дар лаби дарё кулбае сохт ва дар ҳамон ҷо манзил гирифт. Шабу рӯз дар лаби об нишаста, шаст мепартофт. Вале моҳии гулдор ба шасти ӯ наафтод ва моҳигир ҳамин хел дар лаби дарё мурда рафт.

Моҳигир писаре дошт. Писар рафта-рафта калон шуд ва рӯзе дар фикри кор афтода ба модараш гуфт:

– Вақти ба ягон кор машғул шуданам расидааст. Падари ман чӣ касб дошт, гӯй ман мехоҳам, ки касби ӯро давом диҳам.

– Оҳ, писарам! – ҷавоб дод модараш, – асло дар бораи касби падарат напурс. Ягон касби дигарро пеша кун!

Аммо писарак аз гапаш нагашта, бо ҳар роҳ касби падарашро дониста гирифтанӣ шуд. Охир модараш оҳи сард кашида гуфт:

– Агар касби падаратро донистанӣ бошӣ, ба рӯи бом нигоҳ кун.

Писарак ба рӯи бом нигоҳ карда, шасти падарашро дид.

– Маълум мешавад, ки падарам моҳигир будааст, – гуфт вай, – ман ҳам мехоҳам, ки моҳигир шавам.

Вай аз бом шастро гирифт, занги чангаки онро тоза карда, равған молиду пагоҳи барвақт хеста, аз модараш илтимос намуд:

– Модарҷон, нон пухта деҳ, ман моҳигирӣ меравам.

– Оҳ писарам, нарав! – гуфт модараш зорӣ карда. Вале вай писарашро аз қасдаш гардонда натавонист. Занак хеста ноилоҷ нон пухта доду бароварда гусел карда гуфт:

– Писари азизам, дар канори дарё бисёр овора шуда нагард, тезтар биё!

Писари моҳигир ба лаби дарё омад, шасташро ба об андохт, дере нагузашта, ресмони шаст ҷунбида, ба таги об кашида шуд. Писарак шастро бардошта, моҳиеро кашида гирифт. Вай моҳии оддӣ набуд, гулдор буд. Гулҳои рӯи

пулакчаҳояш аз шуои офтоб медурахшиданд. Моҳӣ бисёр ғалатӣ буд. Писарак онро ба рӯймоли тар печонда, ба хонаашон давида рафт.

– Модарҷон, бин ман чӣ дошта овардам! – фарёд кард ӯ. – Тезтар нигоҳ кун, ана моҳии гулдор!

Модараш гапи ӯро шунида, тааҷҷуб кард, вале вақте ки моҳии гулдорро дид, аз зебоии ӯ ба ҳаяҷон омад.

– Ин хел моҳиро нобуд кардан нағз не! – гуфт модар. – Биё, онро ба ҳавзи рӯи ҳавлиамон сар медиҳем.

Модару писар моҳии гулдорро ба ҳавз сар дода, шиною бозӣ ва мавҷи пулакҳои гулдори онро дар шуои офтоб тамошо карданд. Онҳо шодикунон ҳамсояҳояшонро чеғ зада, моҳии гулдорро тамошо доданд. Ҳама то худи шом, то даме ки торик шуда, моҳӣ ба таги ҳавз хоб карданӣ нарафт, машғули тамошо буданд.

Пагоҳии барвақт, ҳанӯз чашми рӯз дуруст кушода нашуда, аз дари ҳавлии моҳигир садои тақ-тақ баланд гардид. Писари моҳигир дарро кушода, дар рӯ ба рӯи худ надимони сар то по силаҳдори подшоҳро дид.

– Ба подшоҳи мо хабар расид, ки ту моҳии зебои гулдорро дошта гирифтаӣ, – гуфтанд надимони подшоҳ, – ҳазрати подшоҳи аъзам мехоҳанд, ки моҳии туро бинанд, худ ба назди он кас гирифта бар!

Илоҷи дигар набуд. Писари моҳигир моҳии гулдорро ба як табақи обдор андохта, рӯи онро ба латтае пӯшида, ба қасри подшоҳ бурд.

Подшоҳ фармуд, ки моҳии гулдорро ба ҳавзи саҳни қасраш сар диҳанд. Моҳии гулдор дар даруни оби софи ҳавз ба ҳар тараф шино кардан гирифт ва гулҳои рӯи пулакҳои ӯ аз шӯълаи офтоб ба мавҷ задан сар карданд. Подшоҳ хурсанд шуд ва ба моҳӣ нигоҳ карда, бо ифтихор мегуфт:

– Дар сар то сари олам ҳеҷ каси дигар ин хел моҳии гулдор надорад! Дар тамоми дунё аз моҳии гулдори ман чизи зеботаре нест!

Подшоҳ амр кард, ки барои моҳии гулдор аз чарми рангини булғорӣ як ҳавзи ҳашткунҷа соз кунанд, то ки онро аз гӯшаҳояш гирифта, ба ҷои дилхоҳи ӯ бурдан мумкин шавад.

Моҳӣ дар ҳавзи чармини ҳашткунҷа боз ҳам зеботар менамуд. Мувофиқи фармони подшоҳ ба ҳар куҷо ҳавзчаро аз пушти вай гирифта мегаштанд.

Як замоне аз як мамлакати дур ба назди подшоҳ меҳмоне омад. Подшоҳ ба вай моҳии гулдорро нишон дода гуфт:

– Дар тамоми дунё аз моҳии гулдори ман чизи аҷибтаре нест! Ба ман ҳеҷ чизи дигар даркор не.

– Бигузор, бахти подшоҳи аъзам афзояд, – гуфт меҳмон, – ҳеҷ кас дар дунё ин хел чизи ғалатӣ надорад, вале духтари подшоҳи Чинумочин аз моҳии гулдор



ҳам зеботар аст. Агар дар паҳлӯи ин ҳавзча шоҳдухтари ҳалқаи зарринбаргӯши Чинумочин менишаст, баъд ҳеҷ чизи дигар орзу намекардед ҳам мешуд!

Подшоҳ ин гапро шунида, ошӯбид ва вазиру надимони худро чеғ зада, амр дод, ки ба зудӣ шоҳдухтари Чинумочинро ёфта оваранд. Вале вазирону надимон фақат бо тааҷҷуб ба ҳамдигар нигоҳ карда, аз ҷояшон наҷунбиданд. Ҳеҷ кас намедонист, ки шоҳдухтари Чинумочин куҷо бошад. Онҳо фикр карда, писари моҳигирро ба хотир оварданду гуфтанд:

– Ана ҳамон ҷавон шоҳдухтари ҳалқаи зарринбаргӯши Чинумочинро ёфта оварда метавонад! Охир моҳии гулдорро вай дошта гирифтааст-ку!

Писари моҳигирро ба пеши подшоҳ оварданд. Подшоҳ ба ӯ гуфт, ки ба зудӣ шоҳдухтари Чинумочинро ёфта биёрад, агар ин амрро иҷро накунад, сараш аз танаш ҷудо мешавад.

– Барои чӣ сутун барин рост истодаӣ? – фарёд зад подшоҳ, – зуд аз паи духтари Чинумочин равон шаву ӯро ёфта биёр!

Писари моҳигир бо модараш хайрухуш карда, таваккалкунон ба як тараф рафтан гирифт.

Вай хеле вақт роҳ рафт. Рафта истода буд, ки дар сари роҳ як кафши кӯҳнаро дида монд. Кафшро бо нӯги пояш тела дод. Аз таги кафш ногаҳон як мӯрчаи калон баромада гуфт:

– Раҳмат, ту маро озод кардӣ. Ман дар таги кафш монда, аз ҷонам даст шуста будам.

Як тори мӯйлаби маро гир, ҳар вақт ки ягон мушкилӣ ба сарат ояд, онро дуд кун, ман ба мадади ту ҳозир мешавам.

Ҷавон ба мӯрча ташаккур баён карда, мӯйлаби онро ба рӯймолча баста гирифт. Вай баъди якчанд рӯз ба лаби як дарёи васеъ расид. Дар рӯи дарё як пояшро ба як канор, пои дуюмашро ба канори дигар монда, як паҳлавони бузургҷуссае истода буд. Вай аз моҳигир пурсид:

– Мусофир менамоӣ, аз куҷо омада истодаӣ?

– Ман аз кишвари подшоҳи Гулистон омада истодаам, – ҷавоб дод моҳигир.

– Ту мабодо ҳамон моҳигири ҷавонеро, ки моҳии гулдорро дошта гирифтааст намедонӣ?

– Ман худи ҳамон моҳигирам!

– Ман мунтазири ту будам! – хитоб кард паҳлавон. – Солҳост, ки ҳамин тарз дар рӯи дарё истодаам. Ман амр гирифтаам, ки фақат баъди омада маро озод кардани соҳиби моҳии гулдор аз ҷоям ҷунбида метавонам. Ана, акнун озодам! Ту ба куҷо рафта истодаӣ?

– Ман аз паи шоҳдухтари ҳалқаи зарринбаргӯши Чинумочин рафта истодаам, – гуфт писари моҳигир. – Ту барои аз дарё гузаштани ман ёрӣ расонда наметавонӣ?

– Паҳлавон ба рӯи дарё хам шуда ба дам кашидани оби он сар кард. Дере нагузашта дар дарё ягон қатра об намонд ва моҳигир бемалол гузашта ба канори дигар баромад. Баъд паҳлавон обро аз нав ба дарё сар дода, ҳамроҳи моҳигир равон шуд.

Рафтанд, рафтанд, баъди чанд рӯз ба доманаи як кӯҳ расиданд. Дар он ҷо як паҳлавони дигар истода буд, ки каланди бузурге дар даст дошт. Вай бо як каланд задан ними кӯҳтеппаро гирифта мепартофту боз бардошта, ба ҷои худаш мемонд. Шарикон ба назди вай омаданд.

– Аз куҷоед ва ба куҷо роҳ гирифтаед? – пурсид паҳлавони каландзан.

– Ман аз кишвари подшоҳи Гулистон омада истодаам, аз паи шоҳдухтари ҳалқаи зарринбаргӯши Чинумочин рафта истодаам, – гуфт писари моҳигир.

– Аҳ? Агар ту аз кишвари подшоҳи Гулистон бошӣ, моҳигири моҳии гулдор доштагиро намедонӣ-мӣ? – пурсид паҳлавони каландзан.

– Ман худи ҳамон моҳигирам!

– Охир ту омадӣ! – фарёд зад паҳлавон, – дар роҳи ту чашмонам чор буданд. Солҳост, ки ман дар ин ҷо истода ба кандану боз ба ҷои худ гузоштани кӯҳ андармон ҳастам. Ба ман амр карданд, ки то даме, ки сайёди моҳии гулдор наояд, қисматам ҳамин аст. Ана, акнун ман каландамро ба китф гирифта, ҳамроҳи ту равон мешавам.

Писари моҳигир аз ёфт шудани чунин шарик хурсанд шуд.

Ҳар се рафтанд, рафтанд ва баъди чанд рӯз як манори баландро диданд.

– Эй моҳигир, ана ба ҳамон ҷо рафтани ту даркор аст! Ин ҷо шаҳри Чинумочин аст, – гуфтанд паҳлавонон.

Шарикон наздик омада диданд, ки нӯги манор ба осмон дакка мехӯрад, девори бо сангҳои гаронбаҳои рангоранг оросташудаи он медурахшад. Дар болои он як марди нағоразан рафтуомад мекунад, дар поён посбони мӯйсафеде ба миёнаш ханҷар овехта, рост истодааст.

Писари моҳигир ба пеши посбон омада, боадабона воҳӯрӣ кард. Посбон аз ӯ пурсид:

– Ту кистӣ, аз куҷо омадӣ ва ба ту чӣ даркор аст?

– Ман аз кишвари подшоҳи Гулистон барои шоҳдухтари ҳалқаи зарринбагӯш омадам, – гуфт писари моҳигир.

– Бисёр ту барин ҷавонмардон барои шоҳдухтари мо омада буданд, вале ҳеҷ кадоми онҳо ба муродашон нарасиданд, – гуфт посбон.

– Падар, ба ман гӯед, ки чӣ хел бо подшоҳ вохӯрдан мумкин аст? – гуфт писари моҳигир.

– Ман дари манорро мекушоям, ту даромада, дар девори даруни он эълони подшоҳро мехонӣ. Дар он се шарт навишта шудааст, фақат ичрокунандаи он шартҳо духтари подшоҳро гирифта метавонад. Хону фикр кун, ки аз ӯҳдааш баромада метавонӣ ё не. Баъд ба болои манор баромада, се бор ба нағора зану интизор шуда ист.

Писари моҳигир эълонро хонда, бо зина ба болои манор давида баромад ва гурзро гирифта, чунон ба нағора зад, ки пӯсти рӯи он пора-пора шуда, пош хӯрд. Садои гӯшкаркунандаи нағора подшоҳро бедор кард ва ӯ амр дод, ки нағоразанро зуд ба пешаш гирифта биёранд.

– Эй ҷавонмард, ҷасорат карда ба нагора задани ту нишон медиҳад, ки аз шартҳои ман натарсидаӣ, – гуфт подшоҳ. – Ҳазорҳо одамон шартҳои маро ичро карданӣ шуданду натавонистанд. Ту ҳанӯз ҷавонӣ, беҳтар мешавад, ки ин фикрро аз сарат дур кунӣ.

– Ҳар чӣ шавад, шавад! – гуфт писари моҳигир. – Гашта рафтан одати ман не. Ман шоҳдухтари ҳалқаи зарринбагӯшро гирифтан мехоҳам.

– Оё ту то чӣ андоза душвор будани шартҳои маро фаҳмидаӣ? – пурсид подшоҳ.

– Фикр кун: ту бояд тамоми шаб дар ҳаммоми мисини суп-сурх тафсондагӣ хоб кунӣ– ин шарти якум. Ту бояд аз шутури бодпои ман тезтар давӣ – ин шарти дуюм. Дар як шаб хирмани ғалладонаҳои гуногунро ба навъҳо ҷудо кунӣ – ин шарти сеюм.

– Ҳамааш ба ман маълум, – гуфт писари моҳигир, – ман фақат як шарт дорам.

– Гӯй!

– Ман ду дӯст дорам, агар рухсат диҳӣ, онҳо ба ман ҳамроҳӣ кунанд.

– Фарқ надорад. Фақат шартҳоро ичро кунӣ мешавад.

Подшоҳ фармуд, ки моҳигирро бо шариконаш ба ҳаммоми мисини суп-сурх тафсондагӣ андозанд. Моҳигир тоқат накарда: – Сӯхтам гуфта фарёд баровард. Вале дарёдаркаш пешакӣ шикамашро пур аз об карда омада буд, вай ба ҳаммом даромада обро сар дод. Ҳаммом зуд хунук шуд ва ҳеҷ кас зараре надид.

Шаб гузашт. Саҳарӣ ҳаммомро кушода, ҳайрон шуданд: моҳигир ва шарикони ӯ сиҳату саломат буданд.

Дар байни халқ зуд овоза паҳн шуд, ки моҳигири гулистонӣ шарти аввалини подшоҳро ичро кард.

Рӯзи дигар мувофиқи амри подшоҳ ба шутури подшоҳ хизматгореро шинонда, ба дасти ӯ машкеро доданд. Подшоҳ машки дуюмро ба моҳигир дода гуфт:

– Аз ин ҷо дар як вақт ҳамроҳи шутур ба сӯи дарёе, ки ҳашт чақрим дурӣ дорад, равон шуда, об гирифта, пеш аз шутур гашта меоӣ.

Бо ишораи подшоҳ хизматгор ба шутур савор шуд ва моҳигир пиёда сӯи дарё равон гардид. Паҳлавони каландзан ҳамроҳи онҳо рафт. Ҳамин ки онҳо аз шаҳр баромаданд, паҳлавон ду бор каланд зада, дар пеши шутур теппаи баланде ба вуҷуд овард. То ба ин теппа бо азобе баромада фаромадани шутур, моҳигир лаби дарё расида, машкро аз об пур карда гирифт. Вақте, ки вай бозгашта ба теппа расид, каландзан зуд теппаро ҳамвор кард, ҳамин хел моҳигир якчанд соат пеш аз шутур ба пеши подшоҳ расида омад.

Дар байни халқ аз нав овоза паҳн шуд, ки моҳигири гулистонӣ шарти дуюми подшоҳро низ иҷро кардааст.

Рӯзи сеюм, подшоҳ фармон дод, ки як ман гандуму ҷав ва биринҷу ҷуворимаккаро бо ҳам омезанд. Баъд вай моҳигирро ҷег зада гуфт:

– Имшаб то саҳар ин ғалларо навъ ба навъ ҷудо кун, чунон ҷудо кун, ки ягон донаи ҷав ба гандум ё гандум ба ҷав ва ё ҷуворӣ нагузарад!

– Ин корро фақат мӯрчаҳо карда метавонанд, – мегуфтанд мардум. Ин гапҳо ҳамон мӯрчаи аз таги кафш халос кардаи моҳигирро ба хотираш оварданд.

Шаб шуд, ҳама хоб рафтанд. Моҳигир аз тугуни рӯймолчааш мӯйлаби мӯрчаро кушода гирифта, дуд андохт. Ҳамон дам дар пеши пои моҳигир замин шикоф шуда, аз он мӯрчаҳо баромадан гирифтанд. Онҳо ҷудо ҳам бисёр буданд ва шитобон ба ҷудо кардани ғалла сар карданд.

Подшоҳ пагоҳӣ вазиронашро бо худ гирифта, ба пеши моҳигир омада дид, ки вай шарти сеюмро ҳам иҷро кардааст. Овозаи ин зуд ба ҳама ҷо паҳн шуд. Мардум хурсанд буданд, ки моҳигири гулистонӣ ҳамаи шартҳои подшоҳро иҷро намуд.

Баъд аз ин, бо фармони подшоҳ ба ҷавон либосҳои қиматбаҳо пӯшонда, ба тӯй тайёрӣ диданд.

– Оҳ подшоҳ, ман як ҷавони камбағал ҳастам, ягон арӯси ба худам мувофиқро ёфта мегирам. Подшоҳи мамлакатам фармуд, ки шоҳдухтари ҳалқаи зарринбагӯши Чинумочинро ба ӯ ёфта диҳам. Маҷбурам, ки духтарро ба ӯ бурда супорам.

Подшоҳи Чинумочин ба духтараш канизаки бисёреро ҳамроҳ карда, бо як корвон тӯҳфаҳои қиматбаҳо ҷавонро гусел кард.

Моҳигир бо шариконаш чанд рӯз роҳ гашта, ба доманаи ҳамон кӯҳ расиданд. Каландзан як-ду каланд зада, кӯҳро аз пеши роҳ гирифта партофт. Роҳи ҳамворе аз пеш баромад.

– Акнун ҷӯраҷон, хайру хуш мекунем, – гуфт каландзан ба моҳигир, – Ман ба ту бо ҷону дил хизмат кардам. Бахт ёрат шаваду маро аз хотир набарор!

Моҳигир хафа шуд, вай аз чунин дӯсти содиқ ҷудо шудан намехост, вале илоҷи дигар набуд.

Писари моҳигир бо корвони худ баъди чанд рӯз ба ҳамон дарёи чуқури васеъ расид. Дарёдаркаш як пояшро ба як канор, пои дигарашро ба канори дигари дарё гузошту хам шуда об хӯрдан гирифт. Дере нагузашта, дар таги дарё як қатра ҳам об намонд. Моҳигир бо корвони худ аз дарё гузашт. Баъд дарёдаркаш обро аз нав ба дарё сар дода гуфт:

– Ман дигар дар ҳамин ҷо, дар ватанам боз мемонам. Аз ҷону дил хизмататро адо кардам. Бахт ёрат шаваду маро фаромӯш накун!

Аз ин дӯсти вафодор низ ҷудо шудан барои моҳигир хеле душвор буд, вале ӯ ҳақ надошт, ки дӯсташро аз ватанаш ҷудо кунад.

Подшоҳ шоҳдухтари Чинумочинро бо тантана пешвоз гирифта, эълон намуд, ки ӯро ба занӣ мегирад. Тӯи калон барпо шуд. Рӯзи дигар подшоҳ шоҳдухтарро дар паҳлӯи худ, дар рӯи тахти тилло шинонда, аз вазираш пурсид:

– Ба болои ин чиро ҳам боз орзу карда метавонам?

– Акнун дигар чизи мехостагии шумо намонд, – гуфтанд вазирон, – ҳеҷ кас ин хел шоҳдухтари ҳалқаи зарринбагӯшро надорад.

Рӯзи сеюм шоҳдухтари Чинумочин дар дарбори подшоҳи Гулистон зиқ шуд. Вай бо димоғи сӯхта, гиря кардан гирифту по ба замин зада, подшоҳро аз хона пеш кард.

Подшоҳ ӯро ором карданӣ шуда, фармон дод, ки ҳавзи чармини моҳии беназири гулдорро ба пешаш оранд. Вале ин ҳам ба дарди шоҳдухтар даво нашуд, вай боз ҳам баландтар доду фарёд бардошта, ба замин позанон, моҳии гулдорро гирифта ба кӯча ҳаво дод.

Писари моҳигир моҳии бечораро аз замин бардошта, ба латтаи тар печонда, ба лаби дарё рафт.

– Дар қаъри дарё озодона шино карда гаштани ту аз бозичаи духтари подшоҳ буданат беҳтар аст, – гуфт моҳигир ва моҳии гулдорро ба дарё андохт.

# ЭРАҶИ ДЕВАФКАН

Буд, набуд, як замоне Сафар ном марди ҳунарманд буд. Вай барои осиёбҳои мамлакат, барои сутуну деворҳои қасру қалъаҳо санг метарошид.

Як вақте ба мамлакати ӯ лашкари хунрезу бераҳми девҳо ҳуҷум овард. Сангтарош ҳамроҳи ҳамватанонаш ба ҷанги зидди девҳо рафта, чанд вақт дар майдонҳои ҳарбу зарб корнамоӣ карда, билохир ба дасти девҳо асир афтод.

Солҳо мегузаштанд, вале аз ӯ дараке набуд.

Писари сангтарош – Эраҷ, ки он вақт яксола буд, бе падар калон шуд.

Эраҷ аз хурдӣ осори шуҷоат ва боақлӣ зоҳир мекард, ба чолокӣ ва хушодобии худ мардуми деҳаашро мафтун менамуд.

Модараш ӯро ба мактаб монд. Эраҷ дар мактаб ҳам пешқадам гардид. Ҳаммактабонаш ӯро дӯст медоштанд. Ҳангоми дамгирӣ ва танаффусҳо дар гирди ӯ ғун шуда, дар ҳар коре аз ӯ ёрӣ ва мадад мегирифтанд.

Эраҷ калон шуд. Акнун ӯ як ҷавони бо тануманди чорпаҳлӯ шуда буд, ки қади баланд ва бозувони мустаҳкам дошт.

Аввали баҳор шуд. Иди Наврӯз омад. Мардуми деҳа либоси идона пӯшида, дар идҷо – майдоне, ки дар канори деҳа воқеъ шуда буд, ҷамъ шуданд. Бузкашӣ, чавгонбозӣ, гӯштингирӣ сар шуд. Навозандагон, ҳофизон, ширинкорон ҳунарҳои наҷиби худро намоиш медоданд.

Эраҷ дар қатори ҳама хурсанд буд ва ба ҳар як машғулияти идона иштирок менамуд.

Вай дар чавгонбозӣ чолокӣ ва ҳунармандии комил зоҳир намуда, якчанд бор аз рӯи асп гӯйро ба дарвозаи ҳарифонаш дароварда сазовори таҳсину офарини мардум гардид.

Тирандозӣ сар шуд. Як ангуштаринро нишона монданд. Бисёр ҷавонон тиру камон гирифта, ба нишон тир андохтанд. Танҳо Эраҷ ва ду нафар ҷавони дигар тирро аз ҳалқаи ангуштарӣ гузарониданд.

– Ин душвор нест! – гуфт Эраҷ. – Тирандоз агар ҳунарманд бошад, се тирро ба ҳамдигар андӯхта метавонад.

– Ту, ки ин хел мегӯӣ, – гуфтанд мардум, – ҳунаратро нишон деҳ!

Эраҷ тиру камон гирифта, пои чапашро тиргак карда, қоматашро камтар ақиб партофта, як тир ба дарахт зад, тири дуюмаш ба тани тири якум ва тири сеюмашро ба тани тири дуюм рафта даровард.

Ғулғулаи таҳсину офарин ба осмон печид.

Рӯзи дуюми ид Эраҷ ба ҷӯраҳояш аскарбозӣ таклиф кард. Вай ҷавононро ба ду гурӯҳ ҷудо карда, як гурӯҳро лашкари душман, гурӯҳи дигарро лашкари муфоҳизаткунанда эълон намуд. Эраҷ дар ин бозӣ низ ҳунари калони лашкаркашӣ доштани худро нишон дод.

Рӯзи сеюми ид аз деҳаҳои атроф якчанд паҳлавонҳо омаданд. Эраҷ ҳам бо рафиқони худ ба майдони гӯштингирӣ ҳозир гардид.

Аз ҳар тараф садои карнаю сурнай, нақораю дойра баланд шуд, гӯштингирӣ оғоз ёфт. Паҳлавонони деҳаи Эраҷ бо паҳлавонони деҳаҳои дигар гӯштин гирифтанд.

Эраҷ ба майдон даромад.

Ҳамаи паҳлавонҳои деҳаи Эраҷ мағлуб шуданд.

Пас худи Эраҷ ба майдон баромад.

Паҳлавони деҳаи ҳамсоя дид, ки як навҷавони понздаҳ-шонздаҳсола ба ӯ талабгор шудааст, аз гӯштингирӣ худдорӣ карда гуфт:

– Ту бача ҳастӣ, бо бачагон гӯштин гир!

Ин гап ба Эраҷ сахт расид.

– Бачаам ё не, аҳамият надорад, ҳунаратро нишон деҳ! – гуфт Эраҷ ва дасти ҳарифашро гирифта чунон ба тарафи худ кашид, ки вай аз Эраҷ ду-се қадам гузашта рафт. Паҳлавон ҷиддӣ будани ин гӯштинро фаҳмида, ба Эраҷ даровехт. Эраҷ аз миёни ӯ гирифта, ба тарафи худ кашида бардошту аз болои сари худ гузаронида, ба замин гузошт.

Мардум ғирев бардоштанд, каф кӯфтанд. Садои карнаю сурнай баланд шуд.

Бегоҳӣ, вақте ки ид ба охир мерасид, бисёр касон, аз он ҷумла солхӯрдагон пеши Эраҷ омада, ӯро бо ҳунарнамоиҳои ҳайратовараш муборакбод мекарданд.

– Падарат марди шуҷоъ буд, ту аз вай камӣ надорӣ, – гуфтанд онҳо ва дуо карданд, ки соҳибзафар бошаду ватанро ба душман надиҳад.

Эраҷ ин гапҳоро шунида, бори нахуст дар бораи падараш ҷиддӣ фикр кард.

– Ман то ин вақт дар бораи падарам дурустакак фикр накарда будам, – аз дил гузаронд Эраҷ, – падарам дар асорат асту ман беғаму бепарво гаштаам.

Ҳамин лаҳза гӯё ба гӯши ӯ садое расид: «Эраҷ, ман дар қафасам, маро озод кун!»

Ранги Эраҷ канд ва дар чеҳрааш изтироб падид омад, чашмони калони ҷаззобаш лолагун шуданд. Ғарқи фикру хаёл ба хонааш омад.

Модари дилогоҳаш сабаби парешонии аҳволи фарзандашро фаҳмид ва бо чашмони гирён ӯро оғӯш кашида, аз ҷабинаш бӯсиду гуфт:

– Азизам, ниҳоли бахтам! Чӣ шуд, ки дар ин рӯзи Наврӯз, ки ҳама хурсанду шоданд, ту афсурдаю ғамгинӣ?

– Модарҷон! – гуфт Эраҷ. – Мардум падарамро ёд карданд ва садои ӯ ба гӯшам расид: «Ман дар қафасам, озодам кун!» – гуфт ӯ.

Модар маъюс шуд. Ӯ ба ҷуз тасалло додани фарзанд илоҷи дигар надошт.

– Падарат бо марҳамати Парвардигор озод шуда меояд. Баъд писаракам, – гуфт, – чӣ суд аз он, ки мо ғам мехӯрем?!

Эраҷ оҳи сард аз дили пурдард кашиду гуфт:

– Кай меояд, худаш озод шуда омода метавонад-мӣ? Аз рӯзе, ки ман худамро шинохтаам, падарамро надидаам ва ту ҳар вақт маро бо ваъдаҳои хом тасаллӣ медиҳӣ!...

Баъд аз ин модари Эраҷ ноилоҷ ҳақиқати воқеаро гуфта дод.

– Писари азизам, – гуфт ӯ, – падари ту марди ҳунарманде буд, ки дар вақтҳои осоишта сангтарошӣ мекард ва дар ин касб шӯҳрат пайдо карда буд. Як вақте ба сарзамини мо лашкари хунхӯри девҳо ҳуҷум овард. Падарат ба ҷанги зидди девҳо рафт. Ҳафтаҳои аввал пай дар ҳам овозаи мардонагӣ ва далерии ӯ меомад, баъд аз ӯ хабаре нашуд, мегӯянд, ки ба девҳо асир афтодааст.

Эраҷ бо шунидани калимаи «дев» ҳайрон шуда, аз модараш пурсид:

– Модарҷон! Девонро мағлуб кардан мумкин аст?

Модараш ҷавоб дод:

– Чӣ хеле ки шунидаам, девҳо махлуқҳои бисёр бадҳайбат ва бераҳм ҳастанд. Чашмҳояшон калон-калон, гӯшҳояшон монанди гӯши гов, сӯрохи биниашон монанди қубур ва даҳонашон монанди ғор будааст. Онҳо дар ҳар ҷо ҳар касеро, ки бинанд, бо зӯру зулм асир карда, ба маконашон мебурдаанд. Онҳо душманони осоиши халқи кишвари мо ҳастанд.

Ҷои онҳо дар ҷазирае будааст, ки атрофи онро тамоман об печонидааст.

Девҳо ҳар вақт аз ин ҷазираҳо берун шуда, ба сарзаминҳои осоишта ҳуҷум мекунанд, дар он ҷойҳо ғоратгарӣ менамоянд, ҳамаро тороҷ мекунанд, одамонро гирифта мебаранд.

Инро шунида, Эраҷ боз як бори дигар падари худро ба ёд овард ва дар дасти девҳо дар чӣ азобу машаққат будани ӯро тасаввур намуд. Тамоми шаб Эраҷ ҷанги девонро хоб дид. Дар ин ҷанг худро гоҳ дар саҳрои пур аз оташ, гоҳ дар пушти симурғи афсонавии парвозкунанда, гоҳ бо дев даст ба гиребон, гоҳ дар даруни ғор ва дар болои кӯҳ медид ва гоҳ дар ҳаво парида мегашт.

Пагоҳ аз хоб бедор шуд, аммо асирии падараш аз ёдаш намебаромад. Вай ба халосии падар ба ҷанги девон рафтанро мақсади худ қарор дода, аз ҷояш хест, шамшерро гирифта, ба миёнаш баст ва ба модари худ гуфт:

– Хайр, модари азиз, ман рафтам.

Модараш ва ҳамсоягон гумон карданд, ки Эраҷ мисли ҳарвақта ба шикор меравад.

– Хайр, саломат бозгард! Шикорат бобарор шавад. Мунтазирем, ки аз шикор зуд бозмегардӣ! – гуфтанд онҳо.

Эраҷ хандид ва ҷабини модарашро бӯсида, ба аспи худ савор шуду ба тарафи саҳро ронд.

Чанд шабу рӯз кӯҳу саҳроҳоро тай карда, ба лаби чашмае фаромада, дам гирифт. Ӯ ғарқи хаёл нишаста буд, ки ногоҳ дар доманаи кӯҳ пирамардеро дид. Эраҷ хеста, ба назди ӯ рафт. Пирамард ба Эраҷ эътибор надод, ӯ зери лаб дуое мехонд. Эраҷ бодиққат ба рӯи ӯ нигарист: хушсурат ва баландқомат буд. Эраҷ салом дод. Пирамард сар бардошта, ҷавоби салом доду пурсид:

– Ба куҷо меравӣ, аз куҷо меоӣ?

– Ман сайёҳ ҳастам, сайругашт мекунам, – гуфт Эраҷ, – вале ман мехостам донам, ки шумо барои чӣ дар ин ҷойҳо, ки пои одамизод нарасидааст, танҳо гаштаед?

– Ман қасди ҷанг бо девонро дорам, – гуфт пирамард.

Эраҷ ин гапро шунида, аз ҷой ҷаста хесту аз дил гузаронид: «Ин аст раҳнамо ва мададгори ман!»

– Ман ҳам барои ҷанг бо девон ба ин ҷо омадаам, – гуфт Эраҷ.

– Аҷаб! – гуфт пирамард. – Ту медонӣ, ки зафар ёфтан бар девон кори осон нест?

– Медонам! – гуфт Эраҷ.

– Танҳо касе, ки тарсро намедонад, фикри ақибнишинӣ намекунад, аз баҳри ҷонаш мегузарад, қодир аст бо девон рӯ ба рӯ шавад.

Эраҷ сар ҷунбонда, изҳори қабули гуфтаҳои ӯро кард. Пирамард баъд аз ин шамшери худро баровარда, ба Эраҷ доду гуфт:

– Писарам, ин шамшер мӯъҷизаҳо дорад: аввалан, ҳар оҳане ё пӯлодеро занӣ, бурида мегузарад, дуюм, захми онро ҳеҷ даво сиҳат карда наметавонад. Мана, ин дафтар ҳам аз они ту, ҳар мушкиле пеш ояд, роҳи ҳалли он дар ин дафтар навишта шудааст.

Эраҷ дафтарро кушода дид. Он иборат аз чанд варақи сафед буду халос. Ҳайрон шуду чизе нагуфт.

– Он чӣ ба ту лозим аст, дар дафтар сабт шудааст ва дар вақти зарурат танҳо ба назари ту намудор мешавад, – шарҳ дод пирамард.

Эраҷ хайрухуш карда, ба аспи худ савор шуда, ба тарафе, ки пирамард нишон дод, раҳсипор гардид. Субҳ то доманаи кӯҳе расид, ки он ҷо қалъаи балан-

ди сиёҳ намудор буд ва дар муқобили қалъа чандин даста аскар бо байрақҳо саф ороста буданд. Эраҷ ба канор рафту мунтазири пешомадҳо шуд.

Ҳамин ки офтоби оламтоб оламро мунаввар сохт, аз тарафи лашкари одамизод садои карнаю табл баланд гардид. Ҳамин вақт дарвозаи қалъаи сиёҳ кушода шуда, чандин ҳазор ҳайкали даҳшатангез карнай навохта, ба муқобили лашкари одамизод равон шуд. Аз карнайи онҳо садои даранда мебаромад. Аз ин садои даҳшатнок аспи Эраҷ рамид ва ӯ маҷбур шуд, ки ба асп савор шуда, онро нигоҳ дошта истад.

Дар ин миён аз тарафи одамизод ҷавони зебои танументди аспсавор ба майдон баромад. Танаш оҳанпӯш буд, дар сар низ кулоҳи оҳанин дошт. Вай каманду камон ба китф, найзаю шамшер ба даст гирифта, ба муқобили ӯрдуи дев истода, ҳариф талаб кард.

Аз тарафи девон як нафар филсавор, ки ба сар санги осиё гузошта буд, бо гурзи ҳафтмании сараш шабеҳ ба каллаи гов ба майдон даромад ва чунон наъраe кашид, ки аспон рамида, ба ду по хестанд ва замин ҷунбид.

Ҷавон худро муқобили деви кӯҳпайкар дид, аспи худро пеш ронда, бо шамшер ҳамла кард.

Дев низ филро ба ҳаракат даровара, шамшери ӯро бо сипар рад намуду ба сари ӯ бо гурзи худ чунон бошиддат зад, ки камари аспаш шикаст, замину кӯҳ ларзида рафт. Ба ҷавон аз тарафи лашкар аспи дигар расониданд.

Ӯ худро зуд ба болои асп гирифт ва бо шамшери даҳгазӣ ба китфи рости дев бошиддат зад, ки аз паҳлӯи вай гузашт ва дев мисли кӯҳ ба замин афтод. Баъд аз ин ҷавон чанд деви дигарро, ки паи ҳам ба майдон медаромаданд, бо як зарб мағлуб кардан гирифт.

Ногоҳ аз ӯрдуи дев Ҳингил ном деве, ки аз ҳамаи девон чанд маротиба бузургтар буд, ба майдон даромада, ба ҷавон ҳамла кард ва ба сараш каманд андохта, ӯро аз рӯи зин канда, ба қалъа кашида бурду худ боз берун шуда, миёни майдон гузашт.

Ҳар паҳлавоне, ки зидди ӯ меҷангид, ё дастгир ё кушта мешуд.

Эраҷро дигар тоқат намонд ва ӯ аспашро чунон сахт қамчин зад, ки аспаш дар як тохт аз болои сари дев парида гузашт. На дар ӯрдуи дев, на дар лашкари одамизод то ҳол чунин родмарди чолокро надида буданд.

Эраҷ аспи худро дар атрофи дев чор бор чарх занонда, ба муқобили дев истод ва гуфт:

– Бисёр вақт ин тараф кинаи туро дар дил доштам ва чӣ хуш, ки имрӯз ба ту расидам.

Ҳингил хандида гуфт:

– Ту агар марди майдон мебудӣ, сипару зиреҳ медоштӣ.

Эраҷ гуфт:

– Он чӣ ба ман лозим аст, дар ту ҳаст ва он аз они ман мешавад.

Дев барошуфт ва ба ӯ ҳуҷум кард. Эраҷ бо як зарб найзаи ӯро кашида гирифта, ба замин партофт. Дев хост бо гурз ба сари Эраҷ бизанад, ки Эраҷ худро канор кашид. Гурзи дев, ки агар ба кӯҳ мезад, кӯҳ садпора мешуд, ба замин даромада рафт.

– Акнун навбати ман! – гуфт Эраҷ ва аспашро ба пеш ронд.

Ду пои пеши аспи ӯ ба китфи фили дев баробар шуд. Пас, бо шамшери аз пирамард инъом гирифтааш ба сари Ҳингил чунон зарба зад, вай ба замин атоду дигар аз ҷояш нахест.

Инро дида лашкари одамизод табли шодӣ зад ва лашкари дев ҳамла овард. Як идда девҳо кушта шуданд, иддаи дигар асир афтоданд.

Акнун қалъаи девҳоро забт кардан лозим буд.

Сардори лашкари одамизод Фирӯзи далер фармон дод:

– Ҳуҷум ба қалъа!

Ин замон аз тарафи қалъаи сиёҳи девон оташу санги беҳисобе ба сари лашкари одамизод борид. Лашкари одамизод наметавонист пеш равад. Зери оташи пурдуд олам торик шуд, касе касеро намедид. Аз ин ҳол лашкари одамизод ба таҳлука афтод.

Эраҷ, ки ба қалъа расида буд, зери оташу санг монд. Илоҷи пеш рафтан набуд.

Ногоҳ ӯ дафтарчаро ба хотир овард ва онро аз кисааш гирифта кушод. Дар саҳифаи он хате пайдо шуд:

– Эй Эраҷ, бо панҷ нафар ҷавони далер ба паси қалъа рав, дар он ҷо дар ғоре деви оташнафас нишастааст, аз пушти сараш рафта ба банд гир. Ҳушёр бош, чашмаш ба ту наафтад.

Эраҷ ҳамон замон бо панҷ нафар ба ақиби қалъа гузашта, девро ба банд гирифт.

Ногаҳон раъду барқ ба амал омада, ба кӯҳу саҳро ғулғула андохт ва борони сахт борид. Борон оташро хомӯш карду чангу дудро зер кард.

Лашкари одамизод ба қалъа зада даромад.

Эраҷ бо якчанд ҷавонон сӯи маҳбасхонаи девон рафт. Ҷавонон қулфҳои бузурги маҳбасхонаро шикаста, дарун даромаданд. Маҳбусон бо ранги паридаю чеҳраҳои зард ноҷунбон мехобиданд ва аз ҳаёт умедашонро канда буданд. Онҳо одамонро дида, ҷон гирифта, аз ҷо хестанд ва ашки шодӣ рехта, пешвоз гирифтанд.

"НОШИР"